ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Бо ҳуқуқи дастнавис**



**ТДУ:** 340 (575.3)
**ТКБ:** 67.400 (2Т)
**З** – 12

**ЗАРИФЗОДА ШОҲРУХ ИЗЗАТУЛЛО**

# ФАРМОНҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН УНСУРИ МАРКАЗИИ НИЗОМИ ҲУҚУҚӢ: ТАҲҚИҚИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор **ШАРОФЗОДА Р.Ш.**

**ДУШАНБЕ – 2025**

МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**...... 3
**МУҚАДДИМА**........................................................................... 4-20
**БОБИ 1. МАФҲУМ, НАМУДҲО ВА ХУСУСИЯТҲОИ САНАДҲОИ ҲУҚУҚИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**.......................................................................... 21-69
1.1. Санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон............ 21-38
1.2. Фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон......... 38-53
1.3. Фармонҳои фардӣ ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................................... 53-69
**БОБИ 2. ФАЪОЛИЯТИ ҲУҚУҚЭҶОДКУНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**....................................................... 70-116
2.1. Салоҳияти маҷмуии (комплексии) ҳуқуқэҷодкунӣ ва идоракунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.............................. 70-87
2.2. Хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон......................................................................... 87-106
2.3. Таҳия, интишор ва эътибори ҳуқуқии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон......................................................................... 106-116
**БОБИ 3. НАҚШИ ФАРМОНҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР РУШДИ ҲАЁТИ ДАВЛАТӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ**.......................................................... 117-165
3.1. Нақши фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар рушди низоми қонунгузорӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ...................................................... 117-142
3.2. Нақши калидии фармонҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими асосҳои ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа...................................... 142-165
**ХУЛОСА**.................................................................................... 166-170
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**.......................................................................................... 171-173
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**............................................ 174-205
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**.......................................................................... 206-207

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**б.** – банд

**ВМКБ** – Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон

**ғ.** – ғайра

**диг.** – дигар

**ДМТ** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**қ.** – қисм

**м.** – модда

**с.** – саҳифа

**С.** – саҳифа

**с.** – сол

**ФР** – Федератсияи Россия

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ЮНЕСКО** – Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили маориф, илм ва фарҳанг

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини назму суботи ҷомеа, пешрафти ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ташаккулу такмили мунтазами низоми қонунгузорӣ саҳми арзанда доранд. Рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол бо фармонҳои сарвари давлат алоқамандӣ дорад. Ҳадафҳо ва вазифаҳои аввалиндараҷаи сиёсати хориҷии давлати Тоҷикистон бо фармонҳои сарвари давлат муайян ва амалӣ карда мешаванд. Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат нақши ҳалкунанда доранд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари давлат субъекти фаъоли ҳуқуқэҷодкунӣ буда, бевосита дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, аз он ҷумла фаъолияти қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок мекунад. Сарвари давлат айни замон Раиси Ҳукумат буда, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти иҷроияро назорат менамояд. Санадҳои ҳуқуқии ӯ ҳамчун санадҳои идоракунӣ барои такмили идоракунии давлатӣ нақши калидӣ доранд. Бо ин санадҳо ташкилу фаъолияти низоми судии ҷумҳурӣ таъмин карда мешавад.

Санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат нисбат ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ афзалиятҳои худро доранд. Ин афзалиятҳо бо дарназардошти мақоми махсуси Президент дар механизми давлат, доираи салоҳияти ӯ, аз он ҷумла салоҳияти истисноӣ ҷой доранд. Оид ба ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат дар асарҳои илмии муҳаққиқони Тоҷикистон ва давлатҳои дигар баҳсу мунозираҳои илмӣ ҷой доранд.

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат яке аз намудҳои фаъолияти ӯ буда, дар алоқамандӣ бо фаъолияти сарвари давлат дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба роҳ монда мешавад.

Сарвари давлат доир ба ҳалли масъалаҳои муҳимми давлатӣ ва ҷамъиятӣ салоҳияти васеъ дорад. Асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии самтҳои гуногуни сиёсати ҳуқуқӣ бо санадҳои сарвари давлат муайян карда мешаванд. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ки дар доираи сиёсати ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад, асосҳои ҳуқуқии ҳамаи намудҳои дигари сиёсати ҳуқуқиро муайян мекунад. Айни замон мубоҳисаҳои илмӣ оид ба мавқеи санадҳои сарвари давлат дар байни санадҳои меъёрӣ, эътибори ҳуқуқии фармонҳои сарвари давлат, таносуби онҳо бо сарчашмаҳои ҳуқуқ, нақши идоравии ин санадҳо ҷой доранд.

Дар қонунгузории Тоҷикистон ва давлатҳои аъзои ИДМ доираи салоҳияти сарвари давлат маҳдуд карда намешавад, чунки Президент сарвари давлат буда, оид ба ҳама гуна масъалаҳо салоҳияти баровардани фармон ва додани амру супоришҳоро дорад. Санадҳои Президент дар Тоҷикистон ва давлатҳои дигар бо дарназардошти хусусияти маҷмуӣ доштани салоҳияти сарвари давлат хусусиятҳои худро доранд. Санадҳои сарвари давлат бо ин хусусиятҳо аз дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фарқ доранд.

Тартиби таҳия ва интишори фармонҳои сарвари давлат хусусиятҳои худро дорад ва дар тафовут аз расмиёти таҳияву интишори санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ бо ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии алоҳида танзим карда мешавад. Қоидаҳои умумии таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қабул ва интишори онҳо ҷой доранд. Қоидаҳои мазкур, ки хусусияти техникӣ-ҳуқуқӣ ва расмиётӣ доранд, чун қоида, ба ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ паҳн мешаванд. Аммо истисно ҷой дорад. Ин қоидаҳои истисноӣ барои санадҳои сарвари давлат муқаррар карда мешаванд. Нақши ҳалкунанда ва махсуси фармонҳои сарвари давлат дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо таҷрибаи ҳуқуқии Тоҷикистон собит мегардад. Президент ҳамчун сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия оид ба ҳама гуна масъалаҳое, ки танзими ҳуқуқиро талаб мекунанд, фармон мебарорад ва амр медиҳад.

Дар илм ва таҷрибаи Тоҷикистон ва давлатҳои дигар накши ҳалкунандаи фармонҳо ва амрҳои сарвари давлат дар танзими фаврии муносибатҳои ҷамъиятии тағйирёбанда, ташаккул ва инкишофи низоми қонунгузорӣ, таъмини фазои ягонаи ҳуқуқӣ дар кишвар якдилона пазируфта мешавад. Дар Тоҷикистон ва далватҳои хориҷӣ таҷрибаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои тағйирёбанда ва нави ҷамъиятӣ бо санадҳои сарвари давлат то қабули қонунҳои дахлдор ташаккул ёфтааст. Дар як қатор давлатҳо эътибори ҳуқуқии санадҳои меъёрии сарвари давлат (чунончӣ, декретҳо) бо қонун баробар карда мешавад. Дар илми ҳуқуқии давлатҳои дигар баҳси илмӣ оид ба таносуби эътибори ҳуқуқии фармони сарвари давлат ва қонун ҷой дорад, чунки сарвари давлат салоҳияти васеи ҳуқуқэҷодкунӣ дорад. Чунончӣ, ҳама гуна масъалаҳое, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро мубрам мешуморад, ба муҳокимаи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешаванд.

Илова бар ин, сарвари давлат дар Тоҷикистон ва давлатҳои дигар салоҳияти истисноӣ дорад. Дар таҷрибаи қонунгузории Тоҷикистон ва давлатҳои аъзои ИДМ ба сарвари давлат салоҳияти қабули фармонҳо оид ба эълон намудани ҳолати ҷанг ва вазъияти фавқулодда дода шудааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия, балки Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ мебошад. Сарварони давлатҳои дигар низ чунин вазъи ҳуқуқӣ доранд. Фармонҳои мазкури сарвари давлат дар ҳолатҳои таъхирнопазир бароварда шуда, сарфи назар аз қонун ҳолати ҷанг ва вазъияти фавқулоддаро танзим мекунанд, чунки ин фармонҳо фавран ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда мешаванд. Айни замон масъала оид ба ҳадди танзми ҳуқуқии муносибатҳое, ки дар ҳолатҳои фавқулодда пайдо мешаванд, то ба ҳол ҳалли худро наёфтааст. Камбудии мазкур дар ҷараёни такмили қонунгузорӣ бояд бартараф карда шавад.

Мазмун ва шаклҳои ифодаи расмии санадҳои ҳуқуқии сарварони давлат дар мамлакатҳои гуногун хусусиятҳои худро доранд. Вазъи ҳуқуқии сарвари давлат дар давлатҳои гуногун хусусиятҳои худро дорад. Чунончӣ, бо дарназардошти ҳолатҳои дар боло зикршуда дар як қатор давлатҳо, аз ҷумла дар ҷумҳуриҳои Беларус ва Қазоқистон қонунҳои махсус оид ба Президент қабул шудаанд. Дар Конститутсияи Федератсияи Россия дар баробари фармонҳо ва амрҳо, ҳамчунин, ба супоришҳои Президент эътибори баланди ҳуқуқӣ дода шудааст. Дар қонунгузории давлатҳои хориҷӣ хусусиятҳои фаъолияти сарварони давлат дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ ба инобат гирифта мешавад.

Вазъи ҳуқуқӣ ва сиёсии сарвари давлат бо қабули Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» моҳиятан тағйир меёбад. Қонуни конститутсионии мазкур нуфузи ҳамаи санадҳои ҳуқуқӣ, таклифу пешниҳодҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро баланд бурдошта, шаклҳои нави амалӣ гардидани салоҳияти сарвари давлатро, аз он ҷумла дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқи ҳуқуқӣ ва идоракунии давлатӣ пешбинӣ мекунад.

Ҳамин тариқ, мавзуи диссертатсия мубрам буда, таҳқиқи он барои муайян намудани аломатҳои асосӣ ва хусусиятҳои фармонҳои сарвари давлат, аз он ҷумла боло бурдани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон оид ба санадҳои сарвари давлати Тоҷикисон аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Мафҳум ва хусусиятҳои фармонҳои сарвари давлат дар асарҳои илмии Г.А. Василевич [97, с. 247], Э.Э. Газвинова [176, с. 307-310], Н.И. Грачев [102, с. 284], С.А. Иванов [184, с. 101-103], Т.В. Кивленок [189, с. 151-153; 190, с. 260-263] Д.А. Лагун [195, с. 46-48], Л.А. Окунков [137, с. 94-96], Ю.А. Тихомиров [149, с. 15], Ж.С. Тлеубаев [224, с. 57-59] ва дигарон муайян карда мешавад.

Таносуби санадҳои ҳуқуқии Президент бо сарчашмаҳои ҳуқуқ дар асарҳои Г.А. Василевич [96, с. 263], Т.В. Кашанина [112, с. 584], М.Н. Марченко [127, с. 760; 129, с. 376], В.И. Павлов [210, с. 27-31] ва дигарон таҳқиқ мешавад.

Намудҳои санадҳои ҳуқуқии Президент дар робита бо таносуби санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ дар асарҳои Д.М. Азми [162, с. 13-16], С.С. Алексеев [91, с. 396], В.Н. Карташов [111, с. 63], В.С. Нерсесянс [134, с. 402] А.В. Нестеров [206, с. 5-11], М.В. Никифоров ва Т.К. Зарубитская [208, с. 29-31] ва дигарон таҳқиқ мешавад.

Таснифи санадҳои ҳуқуқии Президент дар асарҳои О.А. Алексеев [161, с. 18-22] Ю.Г. Арзамасов [135, с. 288-289], В.В. Верстов [231], А.М. Калинин [186, с. 12-15], М.В. Мархгейм ва Ж.Д. Алексеева [199, с. 28-34], А.В. Митскевич [130, с. 15], Л.А. Окунков [209, с. 17-18], С.С. Тоспубеков [250] ва дигарон пешниҳод ва таҳлил мешавад.

Хусусиятҳои фармонҳои Президент дар робита бо таҷзияи ҳокимияти давлатӣ дар асарҳои И. Алебастров [160, с. 18-21], В.Б. Безруков [169, с. 467-475], Д.В. Гасков [177, с. 60-62], И.Д. Лебединсев ва А.С. Исаков [196, с. 45-50], В.О. Лучин [122, с. 12] В.И. Радченко [242, с. 75], А.Х. Рамазанов ва Г.А. Сапаева [212, с. 66-68] ва дигарон таҳқиқ мешаванд.

Санадҳои ҳуқуқии Президент, супоришҳо ва шаклҳои дигари амалӣ намудани салоҳияти сарвари давлат дар асарҳои А.Н. Артамонов [165, с. 149-154], А.В. Безруков ва А.В. Крисанов [169, с. 3-7], В.Е. Зоркин [183, с. 37-39], В.В. Комарова [191, с. 22-31], А.И. Мухин [204, с. 192-195], А. Соболева [219, с. 82], В.П. Уманская [225, с. 29-35] ва дигарон таҳқиқ мешаванд.

Санадҳои ҳуқуқии Президент дар робита бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар асарҳои Е.Б. Бородетс [171, с. 43-46], А.В. Ванков [173, с. 17-19] М.А. Краснов [119, с. 8-11], В.О. Лучин [123, с. 7-11], А.С. Пиголкин [140, с. 121], В.П. Уманская [225, с. 29-35] ва дигарон таҳқиқ мешавад.

Эътибори ҳуқуқии санадҳои ҳуқуқии Президент дар асарҳои В.В. Верстов [175, с. 11-34], Г.Т. Исакова [185, с. 155-159], В.О. Лучин ва А.В. Мазуров [198, с. 3-7], И.В. Мурашкина [203, с. 17-19], В. Реут [213, с. 131-133] ва дигарон таҳқиқ мешавад.

Паҳлуҳои ҷудогонаи фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита бо низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ташаббусҳои қонунгузории сарвари давлат дар асарҳои олимони Тоҷикистон И.И. Камолзода [110, с. 280; 187, с. 109-112], Ф.А. Касимова [188, с. 389-394], М. Маҳмудзода ва Р. Шарофзода [126, с. 192], А.Р. Нематов [239, с. 331] М.З. Раҳимзода [142], Ф.Т. Тоҳиров [143; 144], А.Ғ. Холиқзода [154], Р.Ш. Шарофзода (Р.Ш. Сотиволдиев) [141; 158] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Таҳлили адабиёт оид ба мавзуи диссертатсия нишон медиҳад, ки паҳлуҳои гуногуни фармонҳои сарвари давлат дар асарҳои илмии олимони Тоҷикистон ва давлатҳои ҳамсоя таҳқиқ мешаванд. Айни замон қисми зиёди асарҳои илмӣ бо дарназардошти таҷрибаи ҳуқуқии давлатҳои ҳамсоя нашр шудаанд. Таҷрибаи ҳуқуқии фаъолияти сарвари давлат дар мамлакатҳои гуногун бо дарназардошти хусусиятҳои низоми давлатӣ-ҳуқуқии онҳо ташаккул меёбад. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва идоракунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои худро дорад. Муайян намудан ва ҳаматарафа таҳқиқ намудани их хусусиятҳо имконият медиҳад, ки мазмун ва шакл, аломатҳо ва функсияҳои санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат аниқ карда шаванд. Ин масъалаҳо то имрӯз дар илми ҳуқуқии назариявии Тоҷикистон мавриди таҳлили пурра ва ҳаматарафа қарор нагирифтаанд. Дар асарҳои олимони Тоҷикистон асосан паҳлуҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат омӯхта мешаванд. Аммо таҳлили илмии санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат бо истифодаи усулҳои махсуси таҳқиқи умуминазариявӣ ва дар самти ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, аз ҷумла, асарҳои илмии

олимони ин соҳа сатҳ ва сифати нави таҳқиқи илмиро таъмин мекунад. Илова бар ин, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ то имрӯз дар доираи диссертатсияи алоҳида ва ихтисоси зикршуда таҳқиқ нашудааст. Аз ин хотир, бо мақсади бартараф амудани камбудии ҷойдошта дар самти мазкур ва таҳқиқи назариявӣ-методологии фармонҳои сарвари давлат мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур интихоб шудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва илмӣ-методологии рушди давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон дар шароити амалӣ намудани модели нави рушди устувор барои солҳои 2021-2025» анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлили илмӣ-методологии мафҳум, аломатҳо, хусусиятҳои фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши онҳо дар рушди низоми ҳуқуқии миллӣ ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар диссертатсия дар доираи ноил гардидан ба мақсади муайяншуда вазифаҳои зерини мушаххаси маърифатӣ гузошта мешаванд:

– ҷамъ ва ҳаматарафа таҳлил намудани сарчашмаҳои илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия дар шароити вусъат пайдо намудани дарки объекти таҳқиқот, ҳамчунин, таҷдиди назар намудани усулҳои анъанавии таҳқиқи проблемаҳои бунёдии илмӣ, ки бо ҷанбаҳо ва паҳлуҳои предмети таҳқиқ алоқаманданд;

– ҷамъу таҳлили маводи эмпирикӣ, ки бо мавзуи диссератсия робита дорад, аз ҷумла дар шароити амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунии президентӣ, такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат;

– таҳқиқи маҷмуи масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ, ки барои ошкор намудани хусусиятҳои моҳиятии фармонҳои сарвари давлат мусоидат менамоянд;

– таҳлили эътибори ҳуқуқии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ;

– таҳқиқи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлати Тоҷикистон ва муайян намудани хусусиятҳои он дар таносуб бо намудҳои дигари ҳуқуқэҷодкунӣ;

– муайян намудани нақши фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ;

– таҳқиқи нақши калидии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди ҳаёти ҷомеа;

– ҷамъбаст намудани натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи хулосаҳои умумии кор;

– пешниҳод намудани таклифҳои амалӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқотро муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар раванди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қабули фармону амрҳо пайдо мешаванд, ташкил медиҳанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Предмети таҳқиқотро ақидаҳо, нуқтаҳои назар, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо, ки дар натиҷаи таҳқиқот ба даст меоянд, ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба қабули фармону амрҳо дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар бар мегирад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Давраи таҳқиқот солҳои 2021-2025-ро дар бар мегирад. Таҳқиқи диссертатсионӣ мутобиқи нақшаи тасдиқшуда, дар

доираи давраҳои таҳлили илмӣ, ки бо ҷамъу таҳлили адабиёти илмӣ, сарчашмаҳои ҳуқуқ ва таҷрибаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат, анҷом додани бобҳо ва зербобҳои кор дар пайдарҳамии мантиқӣ алоқаманд мебошанд, гузаронида шудааст. Давраи таҳқиқи диссертатсионӣ бо ҷараёни қабули фармонҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ оғоз гардида, то имрӯз идома дорад, робита дорад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро ақидаҳо, мафҳумҳо ва категорияҳои илмӣ, нуқтаҳои назари илмӣ, хулосаҳо, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ оид ба паҳлуҳои ҷудогонаи мавзуи диссертатсия пешниҳод ва пазируфта мешаванд, ташкил медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи ҷамъу таҳлили доираи зарурии асарҳои илмӣ ва маводи таълимӣ оид ба мавзуи диссертатсия гузаронида шудааст. Дар раванди таҳқиқот нуқтаҳои назари мубоҳисавӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни мавзуи диссертатсия таҳлил гардида, мавқеи муаллиф оид ба онҳо асоснок када шудааст. Дар диссертатсия асарҳои илмии олимони Тоҷикистон, Россия, Беларусия, Қазоқистон истифода шудаанд. Бо мақсади таъмини навгонии илмии диссертатсия таваҷҷуҳи асосӣ ба асарҳое дода мешавад, ки солҳои охир нашр шудаанд. Дар асарҳои нави илмӣ ақидаҳо ва хулосаҳои нави илмӣ бо дарназардошти такмили таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат дар Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ пешниҳод шуда истодаанд. Ақидаҳо, мафҳумҳо, нуқтаҳои назари илмии нав оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ақидаҳои қаблии илмӣ, ки асосан дар илми назариявӣ-ҳуқуқии давраи шуравӣ пешниҳод шуда буданд, фарқ доранд. Аз ин хотир, асоси назариявии диссератсияи мазкур навгонии илмӣ дорад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Заминаи методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои фалсафӣ, умумиилмӣ, махсуси дарки илмӣ ташкил медиҳанд. Асоси умумиметодологии таҳқиқотро усулҳо ва

принсипҳои фалсафии дарки олам, аз ҷумла усулҳои диалектикӣ, функсионалӣ, системавӣ-таркибӣ, принсипҳои таҳқиқи объективӣ ва ҳаматарафа, алоқамандии илм ва воқеият ташкил медиҳанд. Дар заминаи ин усулҳо хулосаҳо оид ба раванди диалектикии қабули фармону амрҳои сарвари давлати Тоҷикистон, таъсири омилҳои объективӣ ба раванди мазкур, мавқеи санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат дар низоми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ муайян карда мешавад. Тавассути усулҳои махсуси ҳуқуқӣ паҳлуҳои гуногуни мавзуи таҳқиқот омӯхта мешаванд. Бо истифодаи усули шаклии меъёрӣ мазмун ва шакли фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда мешавад. Тавассути усулҳои мантиқи ҳуқуқӣ, сотсиологии ҳуқуқӣ, муқоисавии ҳуқуқӣ ҷараёни мантиқии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат, раванди татбиқи санадҳои сарвари давлат, таҷрибаи Тоҷикистон ва давлатҳои дигар дар ин соҳа омӯхта мешавад.

Айни замон дар ҳаёти имрӯза методологияи таҳлили илмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таносуби санадҳои ҳуқуқӣ ва меъёрӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва фаъолияти қонунгузорӣ, ки дар доираи он санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат омӯхта мешаванд, бояд таҷдиди назар карда шавад, чунки мансаби Президент ва санадҳои ҳуқуқии ӯ падидаи нав дар ҳаёти ҳуқуқӣ мебошанд. Ин санадҳои ҳуқуқӣ дар муқоиса бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хусусиятҳои худро доранд. Тартиби таҳияи ин санадҳои ҳуқуқӣ аз тартиби таҳияи дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии меъёрӣ фарқ мекунад. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат бо фаъолияти идоракунии ӯ робитаи зич дошта, аз фаъолияти субъектони дигари ҳуқуқэҷодкунанда фарқ дорад. Санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита бо вазъи махсуси ҳам ҳуқуқӣ ва ҳам сиёсии ӯ ҳамчун Пешвои миллат хусусиятҳои иловагӣ пайдо мекунанд. Санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат бо шакл ва мазмунашон аз дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фарқ доранд. Дар робита бо ҳолатҳои

зикршуда таносуби санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии сарвари давлат бо дарназардошти ифодаи муқаррароти меъёрӣ ва супоришҳо, амали онҳо нисбат ба доираи шахсони мутасаддӣ як қатор масъалаҳои нави назариявӣ-методологиро ба миён меорад. Ҳамчунин, эътибори ҳуқуқии фармонҳои сарвари давлат бо дарназардошти имконияти воқеии онҳо дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҳолати қабул нашудани қонун ва дигар санадҳои меъёрии зарурӣ, ки ҳоло дар маркази таваҷҷуҳи олимони давлатҳои ҳамсоя қарор дорад, таҳлили нави методологиро талаб мекунад. Аз ин хотир, дар диссертатсия кӯшиши таҳлили масъалаҳои назариявӣ ва амалии зикршуда дар доираи методологияи нави дарки илмӣ ба харҷ дода мешавад.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаи эмпирикии таҳқиқотро воқеияти ҳуқуқии амалӣ гардидани фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва равандҳои ҳаёти ҷомеа, ки бо татбиқи санадҳои сарвари давлат алоқамандӣ доранд, ҳамчунин, нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ташкил медиҳанд. Заминаи эмпирикиро маводи меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон, нишондиҳандаҳо оид ба натиҷаи амалӣ гардидани санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат дар соҳаи таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, амнияти давлат ва ҷомеа, такмили идоракунии давлатӣ, ташаккулу рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва рақамӣ, боло бурдани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар доираи мавзуи таҳқиқи диссертатсионии мазкур фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал дар доираи мафҳумҳо ва категорияҳои илмии умуминазариявӣ таҳқиқ карда мешавад. Навгонии илмии таҳқиқотро натиҷаҳои илмии зерин собит мекунанд:

– нуктаҳои илмии диссертатсия дар доираи асарҳои илмие, ки солҳои охир нашр шуда, ҷанбаҳо ва паҳлуҳои нави фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат ва санадҳои ҳуқуқии ӯро муайян мекунанд, пешниҳод мешаванд;

– таклиф пешниҳод мешавад, ки усулҳои ҷойдоштаи таҳқиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар доираи баҳогузории таносуби фармони Президент ва қонун, таҳлили мазмуни махсуси меъёрии фармон, функсияи танзими ҳуқуқии пешакии муносибатҳои ҷамъиятӣ бори дигар таҷдиди назар карда шаванд;

– хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат бо дарназардошти салоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунгузорӣ ва идоракунии ӯ муайян карда мешаванд;

– хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат дар доираи категорияи «шакл ва мазмун» муайян карда мешаванд;

– асосҳои маҷмуии иҷтимоӣ-ҳуқуқии аз ҳамдигар ҷудо намудни санадҳои ҳуқуқии сарвари давлати Тоҷикистон пешниҳод мешавад;

– шаклҳо ва усулҳои амалӣ намудани салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат, ки дар Тоҷикистон ташаккул ёфтаанд, муайян карда мешаванд;

– хусусиятҳои мақоми сарвари давлат дар механизми давлат муайян карда мешаванд;

– хулоса пешниҳод мешавад, ки тартиби таҳия ва интишори фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тартиби таҳия ва интишори дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фарқ дорад;

– хусусиятҳои эътибори ҳуқуқии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Навгонии илмии таҳқиқи диссератсиониро нуктаҳои илмие, ки аз тарафи муаллиф ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, тасдиқ менамоянд:

1. Мафҳуми фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти салоҳияти сарвари давлат, мазмун ва шакли санадҳои мазкур ҳамчун унсури таркибии низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, низоми қонунгузорӣ, низоми ҳуқуқ ва низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ, сарчашмаи ҳуқуқ муайян карда мешаванд. Хусусиятҳои фармонҳои ғайримеъёрӣ ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита бо салоҳияти ҳуқуқтатбиққунии сарвари давлат муайян карда мешаванд.

2. Хусусиятҳо, эътибори ҳуқуқӣ ва фазои амали санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти мақоми баланди ӯ дар давлат ва ҷомеа муайян карда мешаванд. Ҳангоми муайян намудани таносуби ҳокимияти Президент бо шохаҳои анъанавии ҳокимияти давлатӣ таҳаввулоти таърихии назарияи анъанавии таҷзияи ҳокимиятро дар таҷрибаи ҷаҳонӣ, такмили онро дар ҳаёти имрӯза ба инобат гирифта мешавад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба туфайли мақоми баланди иҷтимоӣ-ҳуқуқии худ дар давлат, ҳамчунин, дар робита бо амалӣ намудани «қувваи нарм» ба ягон шохаи анъанавии ҳокимият дохил намешавад. Мутобиқан санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат дар ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ нуфузи баланди сиёсӣ-ҳуқуқӣ доранд.

3. Хусусияти фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки муқарраротӣ умумии меъёрӣ ва меъёрҳо-супоришҳоро дар бар мегиранд. Дар фармонҳои сарвари давлат муқарраротӣ умумиҳатмии меъёрӣ якҷоя бо супоришҳои мушаххас ба мақомоти дахлдори давлатӣ ифода карда мешаванд. Ин меъёрҳо-супоришҳо хусусияти фардӣ надошта, ба доираи васеи мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор паҳн шуда, хусусияти умумиҳатмӣ доранд. Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ то қабули қонунҳои дахлдор ё қарорҳои Ҳукумат саҳми муҳим мегузоранд. Ин фармонҳо муносибатҳои ҷамъиятиро, ки танзими онҳо қабули қонун ё қарори Ҳукуматро талаб мекунад, танзим мекунанд. Айни замон меъёрҳо-супоришҳои

умумиҳатмӣ, ки дар фармонҳои меъёрии сарвари давлат пешбинӣ мешаванд, аз супоршҳои фардӣ дар фармонҳои ғайримеъёрӣ фарқ доранд. Як қатор амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти фардӣ надошта, муқарраротӣ меъёриро дар шакли қоидаҳои умумиҳатмӣ, ки барои доираи васеи мақомоту ташкилот паҳн мешаванд, муқаррар мекунанд. Ин гуна амрҳо одатан аз супоришҳои умумиҳатмии сарвари давлат иборатанд. Ҳолатҳои зикршуда ҳангоми пешниҳоди таснифи санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат ба инобат гирифта мешаванд.

4. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалӣ намудани салоҳияти ҳам ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳам идоракунӣ, аз ҷумла идоракунии ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти қонунэҷодкунӣ ба роҳ монда мешавад. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат танҳо бо амалӣ намудани функсияҳои асосии ҳуқуқэҷодкунӣ алоқаманд нест. Фаъолияти мазкур хусусияти идоракунӣ дорад, бо амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳои ташкилӣ, молиявӣ, моддӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ робита дорад. Ин фаъолият бо салоҳияти сарвари давлат, ки бо таъмини асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии умуман ҳуқуқэҷодкунӣ робита дорад, алоқаманд аст. Сарвари давлат дар соҳаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти ҳокимияти иҷроия салоҳияти санҷишӣ дорад. Эътибори ҳуқуқии ҳуҷҷатҳои меъёрии сарвари давлат бо дарназардошти эътирофи ҳокимияти Президент ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ муайян карда мешавад. Тартиби таҳияи лоиҳаи санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тансуб бо таҳияи санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ хусусиятҳои худро дошта, бо ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии махсус танзим карда мешавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Ақидаҳо ва хулосаҳо, ки дар диссертатсия пешниҳод мешаванд, заминаи таҳқиқоти минбаъдаи намудҳо ва низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, сарчашмаҳои ҳуқуқ, санадҳои татбиқи ҳуқуқ, фаъолияти ҳуқуқэқодкунӣ шуда метавонанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқот барои омӯзиши санадҳои ҳуқуқии сарвари

давлат, Ҳукумат, мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроия, нақши санадҳои ҳуқуқии Президенти Точикистон ҳамчун санадҳои идоракунии давлатӣ, нуфузи баланди фармонҳои меъёрии сарвари давлат, таносуби онҳо бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, хусусиятҳои қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии таҳия ва интишори санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат, хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти ҳокимияти иҷроия аҳаммияти назариявӣ доранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ, идоракунии давлатӣ, қонунгузории ҷумҳурӣ, амалияи татбиқи санадҳои ҳуқуқии сарвари давлати Тоҷикистон, мутобиқ намудани назария ва амалияи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба шароити нави ҳаёти ҷомеа аҳаммияти амалӣ доранд. Таклифҳо оид ба тағйири матни як қатор меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон, қабули Қонуни конститутисонӣ «Дар бораи Президети Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қабули як қатор меъёрҳои санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ дар таҳрири нав барои такмили қонунгузорӣ аҳаммияти амалӣ доранд. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар раванди таълим, дар ҷараёни навиштани диссертатсияҳо, рисолаҳои магистрӣ, корҳои тахассусии хатм, рефератҳо истифода намудан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо ақидаҳо ва хулосаҳои дар илми ҳуқуқшиносӣ пазируфташуда, бо нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва таклифҳои амалӣ, интишороти муаллиф, ақидаҳо ва хулосаҳое, ки дар баромадҳои муаллиф дар конференсияҳо манзур гаштаанд, собит мегардад. Ақидаҳои илмии муаллиф дар ҷараёни таҳлили ҳаматарафаи шакл ва мазмуни фармонҳо ва амрҳои сарвари давлат бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар доираи муқоисаи онҳо бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳамчунин, таҳлили

танқидии ақидаҳои мубоҳисавии илмӣ асоснок карда мешаванд. Асоснокии илмии ақидаҳои илмӣ ва таклифҳои амалии муаллиф дар заминаи назариявӣ-методологӣ ва эмпирикии диссертатсия, ки ҳоло бо дарназардошти трансформатсияи ҷомеа тағйир ёфта истодааст, тасдиқ карда мешавад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърхи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат дорад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо навгонии илмии таҳқиқоти илмӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаҳо ва таклифҳои амалӣ, мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои дигар нашр шудаанд, ҳамчунин, маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ собит мегардад. Дар ҷараёни таҳқиқи диссертатсионӣ ақидаҳои нави илмии муаллиф дар робита бо хусусиятҳои вазъи ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, салоҳияти маҷмуии (комплексии) ҳуқуқэҷодкунӣ ва идоракунии сарвари давлат, ҳамчунин, хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқии ӯ дар таносуб бо ҳамаи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, функсияҳои ба ин санадҳо тааллуқдоштаи ташкилӣ-ҳуқуқӣ, танзимкунӣ, идоракунӣ, фарҳангӣ-иҷтимоӣ пешниҳод мешаванд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, борҳо дар ҷаласаҳои он муҳокима шудааст. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмию амалии зерин дар шакли маърӯза пешниҳод шудаанд:

– Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ» – маърӯза дар мавзуи «Нақши фармонҳо ва

ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар боло бурдани маърифати ҳуқуқӣ» (Душанбе, 2024);

– Конференсияи илмию амалии умумидонишгоҳии ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» – маърӯза дар мавзуи «Ташаббусҳои қонунгузории Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи маърифати ҳуқуқӣ» (Душанбе: ДМТ, 2024).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба муҳтавои диссертатсия 6 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақола дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 207 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. МАФҲУМ, НАМУДҲО ВА ХУСУСИЯТҲОИ САНАДҲОИ ҲУҚУҚИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли фармони меъёрӣ, фармони фардӣ ва амр қабул мешаванд. Айни замон дар асарҳои илмӣ таснифи санадҳои ҳуқуқии Президент бо дарназардошти таҷрибаи қонунгузории давлатҳои ҷудогона гузаронида мешавад. Барои ҳамин таснифҳои гуногуни санадҳои ҳуқуқии Президент дар асарҳои илмӣ пешниҳод мешавад.

Таснифи санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат хусусияти илмӣ дошта, бо мақсади ҷудо намудани намудҳои санадҳои ҳуқуқӣ бо дарназардошти хусусиятҳояшон пешниҳод мешавад. Ҳамчунин, таснифи санадҳои ҳуқуқӣ аҳаммияти амалӣ дорад. Чунончӣ, ба ақидаи А.В. Митскевич таҳияи лоиҳаи санадҳои мақомоти давлатӣ, интишор, мураттабсозии онҳо «бе ҷудо намудани санадҳои меъёрӣ аз санадҳои ғайримеъёрӣ ғайримкон аст» [130, с. 15]. Дар асарҳои илмӣ таснифҳои гуногуни санадҳои ҳуқуқии Президент пешниҳод мешаванд [114, с. 332-336].

Санадхои ҳуқуқии Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон дар доираи асосҳои умумии таснифи илмии падидаҳои ҳуқуқӣ аз ҳамдигар ҷудо карда мешаванд. Таснифи падидаҳои гуногуни илмӣ мақсади илмӣ-таҳқиқотӣ ва таълимӣ дошта, шартан барои омӯзиши хусусиятҳои умумӣ ва махсуси падидаҳо гузаронида мешавад.

Таснифи илмӣ яке аз усулҳои таҳқиқи методологӣ буда, барои омӯзиши қонуниятҳои ташаккул ва инкишофи падидаҳо ва равандҳои сиёсию ҳуқуқӣ мусоидат мекунад [99, с. 12].

Яке аз таснифҳои бисёр паҳншудаи илмӣ бо таҳқиқи намудҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Дар асарҳои илмӣ таснифҳои зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти эътибори ҳуқуқии онҳо, аз он ҷумла намудҳои қонун, намудҳои санадҳои меъёрии зерқонунӣ истифода мешаванд.

Айни замон таснифи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аҳаммияти на танҳо илмӣ, балки амалӣ низ дорад. Чунончӣ, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» намудҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд, инчунин, дар моддаи алоҳида низоми ин санадҳо мустаҳкам карда мешавад.

Таснифи санадҳои ҳуқуқии Президент дар мамлакатҳои гуногун дар доираи таснифи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гузаронида мешавад. Таснифи санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози илмӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

1) тасаввуроти амиқро оид ба намудҳои ҷудогонаи санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат ташаккул медиҳад;

2) хусусиятҳои умумӣ ва махсуси санадҳои ҳуқуқии Президентро муайян мекунад;

3) эътибори ҳуқуқии санадҳои ҳуқуқии Президентро муайян мекунад;

4) ба таҳқиқи таносуби санадҳои ҳуқуқии Президент бо дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ мусоидат менамояд;

5) таносуби санадҳои ҳуқуқии сарвари давлатро бо дарназардошти эътибори ҳуқуқияшон муайян мекунад;

6) ба таҳлили санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ мусоидат менамояд;

7) нақши санадҳои ҳуқуқии сарвари давлатро дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян мекунад;

8) ба такмили раванди амалӣ гардидани ин санадҳо мусоидат менамояд;

9) ҷузъи раванди таълим буда, ба такмили дониши ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ оид ба санадҳои ҳуқуқии Президент шароит фароҳам меорад.

Тавре мушоҳида мешавад, таснифи санадҳои ҳуқуқии Президент аҳаммияти илмӣ, таълимӣ, маърифатӣ ва амалӣ дорад. Барои ҳамин дар

асарҳои илмӣ ба таснифи санадҳои ҳуқуқии Президент таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад.

Тибқи яке аз таснифҳои маъмулӣ ҳамаи санадҳои ҳуқуқии Прзидент ба меъёрӣ ва фардӣ (ё ҳуқуқтатбиқкунанда) ҷудо карда мешаванд. Таснифи мазкур дар робита бо асосҳои зерин пешниҳод мешавад:

– эътибори ҳуқуқии фармонҳо ва санадҳои фардӣ (ё ҳуқуқтатбиқкунанда);

– муқаррар намудан ва накардани меъёрҳои умумиҳатмии ҳуқуқ;

– нуфузи санад ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ ё воситаи танзими ҳуқуқӣ.

Айни замон ба андешаи А.А. Белкин чунин намуди тасниф сода буда, «имкониятҳои ҳимояи конститутсиониро пешакӣ маҳдуд мекунад» [95, с. 173].

Ба ин нигоҳ накарда, таснифи зикршуда аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад, чунки эътибори ҳуқуқии фармонҳои меъёрии Президентро ҳамчун намуди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва сарчашмаи ҳуқуқ муайян мекунад. Фармони меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи санади меъёрии ҳуқуқӣ ҷавоб медиҳад. Яке аз аломатҳои аввалиндараҷаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар он аст, ки ҳуҷҷати ҳуқуқии ҳуқуқэҷодкунӣ буда, меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар мекунад [88, с. 201; 155, с. 240].

Дар ҷумҳуриҳои президентӣ, ки дар онҳо Президент сарвари давлат аст, фармон аз тарафи Президент дар доираи салоҳияташ қабул мешавад. Санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти сарвари давлат, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд, қабул карда мешаванд. Таҳлили ҳуҷҷати мазкур нишон медиҳад, ки салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ буда, доир ба онҳо имконияти қабули намудҳои гуногуни санадҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ вуҷуд дорад. Мутобиқи м. 70 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Президент дар доираи салоҳияти худ фармон мебарорад ва амр медиҳад» [1].

Тавре маълум мешавад, мутобиқи Конститутсияи ҷумҳурӣ фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ду шакли асосии санадҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуни салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии ӯро муайян мекунанд. Салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат дар доираи фармонҳо ва амрҳо татбиқ мешавад.

Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи м. 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» [12] ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон дохил мешаванд. Тавре маълум аст, танҳо фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқукӣ дохил мешаванд. Санадҳои ҳуқуқтатбиққунии сарвари давлат хусусияти меъёрӣ надоранд. Вале дар м. 9 Қонуни зикршуда истилоҳи умумии «фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» истифода мешавад. Дар натиҷаи тафсири моддаи мазкур ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҳама гуна фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз хусусияти меъёрӣ, ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дохил мешавад.

Аз ин хотир, таклиф пешниҳод мешавад, ки сархати ҳаштуми б. 2 м. 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» тағйир дода шуда, дар он истилоҳи «фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» истифода шавад.

Салоҳияти Президенти мамлакат, ки дар м. 70 Конститутсияи ҷумҳурӣ муайян карда шудааст, дар м. 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мушаххас гардонида мешавад. Дар он салоҳияти Президент оид ба баровардани фармон ва додани амр инъикос мегардад. Ҳамзамон бо ин, мутобиқи моддаи мазкур санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президент дар шакли фармон бароварда мешаванд, фармонҳое, ки хусусияти фардӣ доранд, ҳамчунин, амрҳои Президент санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ намебошанд [12].

Тавре маълум мешавад, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуни меъёрӣ ва фардӣ дошта метавонанд. Айни замон амарҳои Президент низ мазмуни меъёрӣ надоранд. Ба идораи дигар, эътибори ҳуқуқии фармонҳои фардӣ ва амрҳои Президент бо ҳам баробар карда мешавад. Дар асл эътибори ҳуқуқии фармонҳои фардӣ баланд аст, чунки амрҳо одатан оид ба масъалаҳои ташкилӣ дода мешаванд. Ин тафовути фармонҳои фардӣ ва амрҳоро ба инобат гирифтан зарур аст.

Ҳамин тариқ, санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба се намуд ҷудо карда мешаванд:

1) фармонҳои меъёрӣ (санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ);

2) фармонҳои ғайримеъёрӣ ё фардӣ (санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ);

3) амрҳо (санадҳои фардии ғайримеъёрӣ).

Санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои гуногун дошта, хусусиятҳои худро доранд. Аз ин хотир, муайян намудани хусусиятхои ҳар як санади ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад аст. Чунончӣ, фармони меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои зерин дорад:

1) мутобиқи салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ мешавад, бароварда шуда, санади легалӣ мебошад;

2) асоси ташкилӣ-ҳуқуқии ташаккул ва такмили мунтазами ҳамаи соҳаҳои қонунгузорӣ мебошад, самтҳои аввалиндараҷаи рушди низоми қонунгузориро муайян мекунад;

3) меъёрҳои нави ҳуқуқиро муқаррар мекунад, меъёрҳои ҳуқуқии амалкунандаро тағйир медиҳад ё амали онҳоро қатъ мекунад;

4) меъёрҳои ҳуқуқие, ки бо фармонҳои меъёрӣ муқаррар карда мешаванд, ба ҳамаи соҳаҳои қонунгузорӣ дахл доранд;

5) бо ин фармонҳо меъёрҳои ҳуқуқие, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҳамаи мақомоти ҳокимияти иҷроия пешбинӣ мешаванд, бекор карда мешаванд ё амали онҳо боздошта мешавад;

6) фармонҳои меъёрӣ ҳамчун асоси ташкилӣ-ҳуқуқии ҷорӣ гардидан ва амали муътадили низоми пулӣ, ихтиёрдорӣ намдуани сармояи захиравии давлат хизмат мекунанд;

7) бояд мутобиқ ба Конститутсия, қонунҳо, кодексҳо, қарорҳои якҷоя ва ҷудогонаи Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад;

8) ҳамчун санади сарвари давлат оид ба мухимтарин масъалаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ қабул шуда, унсури маркази низоми қонунгузорӣ, низоми ҳуқуқ ва низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ мебошад:

9) бо мақсади ҳимояи амнияти давлат ва ҷомеа ба таври фаврӣ бароварда мешаванд.

Мутобиқи Конститутсия ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Президент дар доираи салоҳияти худ фармон мебарорад ва амр медиҳад. Тавре дида мешавад, дар матни қонунгузорӣ истилоҳи «фармон мебарорад» истифода мешавад. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон на қабул, балки бароварда мешаванд. Ин меъёр ба он хотир пешниҳод шудааст, ки сарвари давлат санадҳояшро мустақилона мебарорад ва ирсол мекунад.

Истифодаи истилоҳи зикршуда ба хусусиятҳои ифодаи техникии фармонҳои сарвари давлат ишора мекунад. Истилоҳи «қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ» одатан нисбат ба санадҳое истифода мешавад, ки аз тарафи халқ (дар раъйпурсӣ) ва мақомоти давлатии коллегиалӣ (Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, маҷлисҳои вакилони халқи вилоят, шаҳр, ноҳия ва дигар) қабул мешаванд. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи худи сарвари давлат бароварда мешавад. Аммо мутобиқи моддаҳои 25 ва 26 Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» раисони вилоят, шаҳру ноҳияҳо санадҳои меъёриро дар шакли қарор қабул мекунанд [12].

Санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат дар шакли фармонҳои фардӣ ва амрҳои Президент қабул мешаванд. Онҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нестанд, яъне меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар намекунанд, тағйир намедиҳанд, бекор намекунанд. Ин санадҳо оид ба масъалаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ бароварда мешаванд. Тавре маълум аст, санадҳои татбиқи ҳуқуқ хусусияти ё фардӣ доранд (нисбат ба шахсони муайян қабул мешаванд), ё мушаххас мебошанд (дар ҳолатҳои мушаххас бароварда мешаванд). Илова бар ин, дар Қонун мафҳуми фармонҳои фардӣ ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамдигар ҷудо карда мешаванд, ҳоло он ки амрҳои сарвари дават низ хусусияти фардӣ дошта метавонанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло таклиф пешниҳод мешавад, ки банди 3 м. 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар таҳрири нав қабул карда шавад, чунки хусусиятҳои асосии фарққунандаи фармонҳои ғайримеъёрӣ ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро аниқ мукаррар намекунад.

Илова бар ин, таклиф пешниҳод мешавад, ки дар м. 22 мафҳуми «фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» бояд шарҳ дода шавад. Хусусиятҳои фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки болотар ифода шуданд, метавонанд, ки зимни ифодаи қонунии мафҳуми «фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба инобат гирифта шаванд.

Тавре маълум аст, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Конститутсия ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» бароварда мешаванд. Ҳам Конститутсия ва ҳам Қонуни зикршуда ин салоҳияти Президентро мустаҳкам мекунанд. Аниқтараш салоҳияти конститутсигнии Президент дар Қонуни зикршуда такрор мешавад. Ифода намудани ин салоҳияти Президенти мамлакат

дар сатҳи Конститутсия ва қонун ба таъмини обрӯ ва нуфузи санадҳои сарвари давлат мусоидат мекунад.

Аммо дар моддаҳои дахлдори Конститутсия ва Қонуни зикршуда меъёри махсус оид ба қабули фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат ифодаи худро наёфтааст. Ифодаи нуктаи мазкур дар матни Конститутсия ва қонун эътибори санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро боло мебардорад, ба заминаи конститутсионӣ ва қонунии санадҳои Сарвари давлат махсус ишора мекунад.

Аз ин хотир, таклиф пешниҳод мешавад, ки м. 70 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва м. 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар таҳрири нав ифода карда шуда, дар онҳо салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Конститутсия ифода карда шавад.

Таклифҳои дар боло зикршуда бо мақсади ифодаи аниқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» тибқи талаботи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ пешниҳод мешаванд. Меъёрҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аниқ ифода карда намешаванд, боиси тафсири гунонмаъноги онҳо мегардад. Ба чунин ҳолатҳо дар мисоли тафсири санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) дар адабиёт ишора карда мешавад [195, с. 46].

Фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон намуди санадҳои ҳуқуқӣ буда, дар низоми санадҳои ҳуқуқӣ (ҳуҷҷатҳои расмии ҳуқуқӣ) бо дарназардошти хусусиятҳояшон ҷойи махсусро ишғол мекунанд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таснифи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои ғайримеъёрӣ дар мисоли фармонҳои сарвари давлат риоя карда мешавад.

Айни замон дар асарҳои илмӣ оид ба мафҳум, намудҳо, эътибори ҳуқуқии намудҳои гуногуни санадҳои ҳуқуқӣ нуқтаҳои назари гуногун

ҷой доранд [149, с. 15]. Ба ақидаи Ю.А. Тихомиров ва И.В. Котелевская шаҳрвандон «ҳамеша ҳуқукро ҳамчун ин ё он санад дарк мекунанд. чунки санадҳои ҳуқуқӣ шакли ифодаи сохтории ҳуқуқ мебошанд» [150, с. 5]. Таносуби санадҳои ҳуқуқии меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ дар асарҳои илмӣ фаъолона таҳқиқ мешавад [208, с. 29-31].

Одатан санадҳои ҳуқуқӣ ба санадҳои меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ ҷудо карда мешаванд. Ба ақидаи олимон тафовути ин санадҳо асосан дар заминаи меъёри ҳуқуқ муайян карда мешавад. Чун қоида, санади меъёрии ҳуқукӣ меъёрҳои ҳуқукро муқаррар мекунад, тағйир ё қатъ мегардонад [91, с. 201; 111, с. 63; 134, с. 402; 162, с. 13-16; 206, с. 5-11]. Санадҳои ғайримеъёрӣ ин вазифаро иҷро намекунанд.

Ҳамзамон бо ин, ба ақидаи В.В. Седелник ва С.Е. Чебуранова имконияти ҷой доштани санадҳои ҳуқуқии омехтаро имконпаззир мешуморанд. Ба андешаи муаллифон санадҳои ҳуқуқии омехта хусусиятҳои санадҳои меъёрӣ ва ғайримеъёриро доранд [218, с. 6-13]. Илова бар ин, муаллифони номбурда санадҳои ҳуқуқиро ба се намуд ҷудо мекунанд: санадҳои меъёрӣ, ғайримеъёрӣ ва локалӣ [218].

Як қатор олимон санадҳои омехтаро санадҳои ғайримуқаррарӣ меноманд, чунки хусусиятҳои маъмулии санадҳои ҳуқуқиро ифода намекунанд [190, с.260-263]. Ба андешаи олимони дигар санадҳои омехта меъёрҳои тафсирӣ, унсурҳои амалисозӣ ва ҳуқуқтатбиқсозиро дар бар мегиранд, ё ҳалли вазифаҳои муайянро пешбинӣ мекунанд [111, с. 63; 178, с. 26].

Дар назарияи давлат ва ҳуқуқ эътибори санади ҳуқуқӣ маъмулан ҳамчун асоси таснифи санадҳои меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ истифода мешавад. Айни замон оид ба эътибори ҳуқуқии санади ҳуқуқӣ нуқтаи назари ягона ҷой надорад. Чунончӣ, эътибори ҳуқуқии санади ҳуқуқӣ ба маънои таносуби намудҳои гуногуни санади ҳуқуқӣ ва мавқеи он дар низоми санадҳо [131, с. 16], ё амали воқеии меъёрҳои ҳуқуқӣ [89, с. 458] шарҳ дода мешавад.

Хусусияти санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат бо дарназардошти тақзияи шохаҳои ҳокимият ба қонунгузор, иҷроия ва судӣ муайян карда мешавад. Шохаҳои ҳокимият бо мақсади аниқ намудани доираи салоҳияти мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ пешбинӣ карда мешавад.

Тақзияи ҳокимият хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқии ин се намуди мақомотти давлатиро муайян мекунад. Чунончӣ, яке аз аломатҳои муҳимми қонун дар он аст, ки танҳо аз тарафи мақоми қонунгузор (парламент) қабул мешавад ва эътибори баланди ҳуқуқӣ дорад. Чунин аломати қонун дар ҳамаи давлатҳо таъмин карда мешавад. Санадҳои ҳуқуқии мақомоти иҷроия аз тарафи мақомоти ҳокимияти иҷроия қабул шуда, санадҳои зерқонунӣ мебошанд. Санадҳои судӣ танҳо аз тарафи мақомоти судӣ дар доираи адолати судӣ қабул мешаванд.

Тавре А.Р. Нематов қайд мекунад, Конститутсияи Тоҷикистон Президентро бо салоҳияти васеи ҳуқуқэҷодкунӣ таъмин намудааст. Бо салоҳияти мазкур таъмин намудани Президент ҳамчун сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия ба принсипи дар Конститутсия мустаҳкамшудаи тақзияи ҳокмият ва моҳияти ҳокимияти иҷроия-амрдиҳӣ ҳамчун яке аз шаклҳои фаъолияти давлат мувофиқ аст» [239, с. 179].

Аммо дар асарҳои илмӣ мубоҳисаҳои илмӣ оид ба хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат ҷой доранд. Табиист, ки санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат, аз ҷумла фармонҳои меъёрӣ, фардӣ ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои зерқонунӣ мебошанд, чунки дар асоси Конститутсия ва қонун қабул мешаванд, нисбат ба қонун эътибори ҳуқуқии пасттар доранд. Вале санадҳои мазкур аз тарафи сарвари давлат қабул мешаванд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи м. 64 Конститутсия сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) мебошад [1]. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқиро ҳамчун сарвари давлат ва сарвари ҳокимияти иҷроия қабул мекунад. Табиист, ки санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҳамчун сарвари ҳокимияти иҷроия санадҳои ҳуқуқии зерқонунӣ мебошанд.

Аммо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвари давлат мебошад. Тибқи м. 64 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Президент кафили «мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо» аст [1]. Аз ин бармеояд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарвари давлат мураттабӣ ва ҳамкории ҳамаи мақомоти давлатӣ, аз он ҷумла мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судиро таъмин мекунад. Ин салоҳияти Президент мақоми баланди сарвари давлатро дар низоми мақомоти давлатӣ, аз он ҷумла дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ таъмин мекунад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат аст. Ин вазъи ҳуқуқии сарвари давлати Тоҷикистон хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқии ӯро муайян мекунад.

Вазъи ҳуқуқии Президент ҳамчун сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия дар давлатҳои дигар низ боиси мубоҳисахои илмӣ оид ба вазъи ҳуқуқии сарвари давлат дар низоми таҷзияи ҳокимият гардидааст. Чунончӣ, ба ақидаи В.И. Радченко низоми худнигохдории шохаҳои ҳокимият ба фоидаи сарвари давлат амал мекунад, мақомоти қонунгузор салоҳияти ҳалли ихтилофоти байни санадҳои Президент ва қонунҳоро надошта, ба Суди конститутсионии ФР оид ба ин масъала мурочиат мекунад [242, с. 75].

Ба акидаи В.О. Лучин принсипи таҷзияи ҳокимият ба м. 11. Конститутсияи Федератсияи Россия мутобиқат надорад, чунки дар ин модда «ҳокимияти Президент, ки ба ягон аз ин шохахои ҳокимият дохил намешавад, мустаҳкам шудааст» [122, с. 12].

В.О. Лучин ба хулоса меояд, ки Президенти ФР мутобиқи салоҳияташ ба ягон шохаи ҳокимият дохил нашуда, аз ҳамаи шохаҳои ҳокимият болотар қарор дорад. Ба ақидаи ӯ низоми худнигоҳдорӣ байни ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ нобаробар тақсим шудааст,

воситаҳои самараноки худнигоҳдорӣ «дар ихтиёри сарвари давлат қарор доранд» [122, с. 12].

Ба ақидаи олимони дигар ба Президенти Федератсияи Россия нақши махсус дар механизми ҳокимияти давлатӣ, мутобиқан салоҳияти махсус тибқи Конститутсия дода шудааст. Ин салоҳият ҳамаи ҷанбаҳои фаъолияти давлатиро фаро мегирад ва хусусияти маҷмуӣ дорад [115, с. 332-336; 137, с. 36-59].

Оид ба эътибори санадҳои ҳуқуқии Президент дар робита бо таҷзияи ҳокимият дар асарҳои илмӣ ақидаҳои мубоҳисавӣ пешниҳод мешаванд. Ҳалли ин масъала барои муайян намудани таносуби санадҳои ҳуқуқии Президент бо санадҳои ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ муҳим аст. Чунончӣ, ба ақидаи А.Х. Рамазанов ва Г.А. Сапаева «Президент дар низоми таҷзияи ҳокимият нақши махсус дорад» [212, с. 67].

Ба андешаи Ю.К. Краснов Президент берун аз низоми таҷзияи ҳокимият қарор дошта наметавонад, чунки дар ин ҳолат тамоюли авторитарӣ дар фаъолияти президент вусъат меёбад [193, с. 7].

Ба ақидаи И. Алебастров дар натиҷаи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конситутсияи Федератсияи Россия низоми «таҷзияи ҳокимият халадор гардид, чунки нақши Президент дар механизми давлат таносубан бештар гардид» [160, с. 20]. Олимони дигар эътибори конститутсионии супоришҳои Президенти Россияро эътироф мекунанд [169, с. 3-7; 191, с. 22-31].

А. Соболева низ қайд мекунад, ки ислоҳоти конститутсионӣ даар Россия «нақши бештари Президентро ҳамчун сарвари ҳокимияти иҷроия мустаҳкам намуда, «таҷзияи ҳокимиятро ба таври ҷиддӣ тағйир дод» [219, с. 82].

Ба ақидаи В.О. Лучин дар баробари се шохаи ҳокимият, ки маъмулан дар конститутсияҳои давлатҳо ифода карда мешаванд, инчунин, «ҳокимияти Президент» ҷой дорад, ки ба низоми таҷзияи ҳокимият дохил карда нашудааст» [122, с. 12].

Ба ақидаи К.И. Козлова салоҳияти Президент бо дарназардошти мавқеи марказӣ дар механизми давлат ва салоҳияти махсус «ҳамаи ҷанбаҳои фаъолияти давлатиро фаро мегиранд ва хусусияти комплексӣ дорад» [115, с. 332-336]. Чунин ақидаро олимони дигар низ баён мекунанд [137, с. 36-59].

Тавре Д.В. Гасков қайд мекунад, хусусияти «тақсимоти ҳокимият дар Россия дар он аст, ки Президенти Федератсияи Россия ба ягон шохаи ҳокимият дохил намешавад. Айни замон ӯ фаъолияти се шохаи ҳокимиятро таъмин мекунад» [177, с. 62].

Ба ақидаи И.Д. Лебединсев ва А.С. Исаков Президенти ФР «ҳамоҳангии фаъолияти шохаҳои ҳокимияти давлатиро назорат мекунад ва айни замон ба ягон шохаи ҳокимият тааллуқ надошта, воситаҳои таъсиррасонии самаранокро ба онҳо дорад» [196, с. 45].

Ҳамаи олимоне, ки Президентро ба низоми тақсимоти ҳокимият дохил намекунанд, барои исботи ақидаи худ ба м. 80 Конститутсияи ФР ишора мекунанд. Тибқи ин модда Президенти ФР мураттабии фаъолияти шохаҳои ҳокимиятро таъмин мекунад [2]. Ба ақидаи И.Д. Лебединсев ва А.С. Исаков «санади меъёрии ҳуқуқие, ки дар низоми мартаботии қонунгузории Россия эътибори олии ҳуқуқӣ дорад, мавқеи Президентро берун аз тақсимоти ҳокимият муқаррар мекунад» [196, с. 45].

Ҳангоми таҳқиқи мавқеи Президент дар низоми тақсимоти ҳокимият далелҳои дигар низ истифода мешаванд. Чунончӣ, ба ақидаи В.Б. Безруков мавқеи махсуси Президенти Россия дар Конститутсия бо мақсади «таъмини ягонагии ҳокимияти давлатӣ мустаҳкам карда шудааст» [170, с. 467-475].

Ба ақидаи Г.В. Дёгтев Президенти Россия ба низоми тақсимоти ҳокимият тааллуқ надорад ва ба назар мерасад, ки ӯ ба ягон шохаи ҳокимият наздикӣ надорад, вале Президент «сарвари ҳокимияти иҷроия мебошад» [103, с. 67].

Ба ақидаи Н.М. Добринин «Президент бевосита ба ягон шохаи ҳокимият дохил карда намешавад: на ба ҳокимияти қонунгузор, на

иҷроия ва на судӣ. Ин имконият медиҳад, ки вазифаи ба зиммаи Президент гузошташуда оид ба таъмини ҳамоҳангӣ ва ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатии Россия иҷро гардад» [105, с. 53].

Роҳҳои дигари исботи мавқеи махсуси Президент дар низоми таҷзияи ҳокимият пешниҳод мешаванд. Чунончӣ, ба ақидаи С.Н. Матросов «таҷзияи ҳокимияти ҳамаи мақомоти давлатӣ ба се шоха бояд бе ҷудо намудани сохторҳои алоҳида мутлақ гардонида шавад» [200, с. 123-125].

Бо дарназардошти мавқеи махсуси Президенти Россия дар низоми таҷзияи ҳокимият И.Д. Лебединсев ва А.С. Исаков ба хулоса меоянд, ки «ҳокимияти мустақили президентӣ вуҷуд дорад» ва он «шохаи алоҳидаи ҳокимият», «шохаи чоруми ҳокимият мебошад» [196, с. 46-49].

Ин ақидаро Г.Н. Чеботарёв низ ҷонибдорӣ мекунад. Тавре ӯ менависад: «мавқеи воқеӣ ва нақши Президенти Россия дар низоми таҷзияи ҳокимият, салоҳияти истисноии ӯ оид ба ҳамоҳанг намудани ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ барои пешниҳоди хулоса дар бораи дар Федератсияи Россия вуҷуд доштани ҳокимияти президентӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимият замина мегузорад» [229, с. 16].

Ба ақидаи Н.И. Грачев «дар Россия ҳокимияти махсуси президентӣ амал мекунад ва он бо ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, судӣ мувофиқат надорад» [179, с. 35]. Ҳамчунин, муаллиф қайд мекунад, ки санадҳои ҳуқуқии Президенти ФР аз доираи мафҳуми санадҳои иҷроия-амрдиҳанда берун баромада, «санадҳои идоракунии олии давлатӣ мебошанд» [179, с. 34]. Илова бар ин, Президент «мақоми олии идоркунӣ маҳсуб мешавад» [102; 180, с. 6-13].

Ю.А. Дмитриев, А.М. Николаев, В.Е. Чиркин низ ақида пешниҳод мекунанд, ки ҳокимияти президентӣ бо дарназардошти берун аз низоми таҷзияи ҳокимият қарор доштани Президенти Россия намуди мустақили ҳокимияти давлатӣ мебошад [102, с. 350-356; 157, с. 374].

Ҳамин тариқ, дар таҷрибаи хориҷӣ хусусиятҳои фармонҳо ва санадҳои дигари сарвари давлат бо дарназардошти мавқеи махсуси

сарвари давлат дар механизми тақсимоти ҳокимият муайян карда мешавад. Одатан тақсимоти ҳокимияти давлатиро бо тақсим намудани салоҳияти ҳокимиятӣ дар байни се шохаи ҳокимият – қонунгузор, иҷроия ва судӣ шарҳ медиҳанд [100, с. 11; 252, с. 75].

Аммо назарияи тақсимоти ҳокимият дар давраи инқилобҳои буржуазии асрҳои XVII-XVIII бо мақсади маҳдуд намудани ҳокимияти мутлақи подшоҳ пешниҳод шуда буд. Табиист, ки дар марҳилаҳои минбаъдаи инкишофи таърихӣ моҳият ва мазмуни тақсимоти ҳокимият бо дарназардошти такмили механизми давлатдорӣ тағйир меёбад. Дар ҳаёти имрӯза бо баробари таъсис мақомоти нави давлатӣ моҳияти тақсимоти ҳокимият тағйир меёбад.

Тавре Р.Ш. Шарофзода (Р.Ш. Сотиволдиев) қайд мекунад, «назарияи тақсимоти ҳокимият – назарияи анъанавии афкор ва амалияи ғарбӣ буда, ҳанӯз замони инқилобҳои буржуазии асрҳои XVII-XVIII ташаккул меёбад ва то имрӯз истифода мешавад. Аммо ин назария бо пешрафти ҷомеа ва давлат ба шароити нави амалияи давлатдорӣ мутобиқ мешавад» [141, с. 352]. Ин ҳолатро бештари муҳаққиқон қайд мекунанд [94, с. 89].

Таҳлили нуқтаҳои назари олимони муосири Ғарб оид ба тақсимоти ҳокимият дар китоби Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода) «Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ» (ҷилди 2, Душанбе, 2010) ҳаматарафа таҳлил мешавад. Чунончӣ, таҷрибаи амрикоӣ (ИМА), таҷрибаи Олмон, Италия, Британияи Кабир ва Франсия аз ҳамдигар ҷудо карда мешаванд [226, с. 7-8]. Аз ҷониби Х. фон Арним, Ю. Бекер, Ф. Шеффер ақидаи тақсимоти ҳокимият бо иштироки ҳизбҳои сиёсӣ, бо ҷалби иттифоқҳои касаба, иттифоқи соҳибкорон, интихобкунандагон, матбуот, радио, телевизион, ҳамчунин, назарияи анъанавӣ, федеративӣ, иҷтимоии тақсимоти ҳокимият пешниҳод мешаванд. Илова бар ин, ба ақидаи Х. Клатт, В. Хайде, Р. Сменд, К. Штерн ва дигарон назарияи анъанавии тақсимоти ҳокимият ҳоло моҳияти аслияшро гум кардааст. Як қатор муҳаққиқон ҳокимияти назоратӣ ё тафтишкунандаро, ки аз тарафи

палатаи ҳисоб, омбудсмен, идораҳои молиявӣ-тафтишӣ амалӣ карда мешавад, ҳамчун намуди чоруми ҳокимият эътироф мекунанд [141, с. 356-357].

Тавре мушоҳида мешавад, дар илми сиёсӣ ва ҳуқуқии кишварҳои хориҷӣ ақидаҳои нав бо мақсади ба шароити нав мутобиқ намудани назарияи анъанавии таҷзияи ҳокимият пешниҳод мешаванд.

Чунин ақидаҳо дар илми давлатҳои аъзои ИДМ низ пешниҳод мешаванд. Чунончӣ, ба ақидаи И.Д. Лебединсев ва А.С. Исаков «нуқтаи назари классикии таҷзияи ҳокимит, ки истифодаи он аз Замони нав оғоз мешавад, ба пешрафти муосири иҷтимоӣ ва низоми мураккабшудаи идоракунии давлатӣ мутобиқат надорад» [196, с. 46].

Тавре Г.К. Артамонова менависад: «Ҳаёти ҷомеа ва идоракунии давлатӣ якҷоя бо равандҳояш то дараҷае мураккаб шудаанд, ки боиси пайдоиши самтҳои нави фаъолияти давлатӣ мегарданд» [166, с. 73-79].

Ҳолати мазкур ҳангоми таҳқиқи мавқеи ҳокимияти президентӣ дар низоми таҷзияи ҳокимият бояд ба инобат гирифта шавад. Ҳамчунин, таҷрибаи таъсис ва фаъолияти мақомоти нави давлатиро дар механизми давлат таҳлил намудан лозим аст. Чунончӣ, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазъи ҳуқуқии махсус дошта, бо таҷзияи ҳокимият робита надорад (банди 2 м. 1) [9].

Илова бар ин, дар асарҳои илмӣ ақидаҳо оид ба мавқеи махсуси мақомоти назоратию санҷишӣ дар механизми давлат, дохил нашудани онҳо, аз ҷумла мақомоти прокуратура ба низоми таҷзияи ҳокимият ҷой доранд.

Дар натиҷаи таҳқиқот хулосахои зерин пешниҳод мешаванд:

1. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти салоҳияташ дар низоми мақомоти давлатӣ мавқеи махсус дорад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи м. 64 Конститутсия «кафили мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо» мебошад» [1]. Ҳокимияти Президент ё ҳокимияти президентӣ шохаи мустақили

ҳокимияти давлатӣ мебошад. Аз як тараф Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвари ҳокимияти иҷроия мебошад. Аз тарафи дигар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарвари давлат ҳамоҳангии ҳамаи шохаҳои ҳокимиятро таъмин мекунад. Вазъи ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат мақоми баланди ӯро дар механизми давлат собит менамояд.

2. Санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла фармонҳои меъёрии ӯ бо дарназардошти вазъи ҳуқуқии махсус дар низоми шохаҳои ҳокимият хусусиятҳои худро доранд. Бо дарназардошти ҳолати зикршуда фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии ҳамаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ (мақомоти марказӣ, соҳавӣ, маҳаллӣ) эътибори баланди ҳуқуқӣ доранд.

3. Назария ва амалияи анъанавии (классикии) таҷзияи ҳокимият ҳоло ба шароити нави ҳаёти ҷомеа мутобиқ карда мешавад. Тавре болотар зикр гардид, раванди мазкур дар аксарияти мамлакатҳо мушоҳида мешавад. Ҳангоми таҳқиқи табиатти ҳуқуқии фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди мазкур бояд ба инобат гирифта шавад. Аз як тараф, аз нуқтаи назари назарияи анъанавӣ, ки дар заминаи он се шохаи ҳокимият ҷудо карда мешаванд, фармонҳои меъёрии сарвари давлат нисбат ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ эътибори баландтар доранд. Аз тарафи дигар, бо дарназардошти инкишофи ҳаёти ҷомеа назарияи таҷзияи ҳокимият такмили ҷиддиро талаб мекунад. Чунончӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ буда, дар фаъолияти қонунэҷодкунии парламенти Тоҷикистон бевосита иштирок мекунад. Сарвари давлат ба фаъолияти ҳамаи мақомоти иҷроия роҳбарӣ мекунад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилу фаъолияти мақомоти судӣ бевосита иштирок мекунад. Илова бар ин, дохил намудани як қатор мақомоти давлатӣ, алалхусус, мақомоти

назоратию тафтишӣ (мақомоти прокуратура, Палати ҳисоб ва дигар) ба низоми таҷзияи ҳокимият баҳснок аст.

4. Санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат унсури механизми танзими ҳуқуқӣ буда, бо дарназардошти хусусиятҳояшон, ки болотар зикр гардид, дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ истифода мешаванд. Ин санадҳо воситаҳои танзими ҳуқуқии меъёрӣ ва танзими ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиққунӣ мебошанд.

### 1.2. Фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ истилоҳи «фармон» (فرمان) чунин шарҳ дода мешавад: амр, ҳукм, ҳукме, ки аз тарафи идораи олӣ ё шахси воломақоме содир мешавад; фармон додан, ҳукм кардан, ҳукм содир намудан, ба каси дигар кореро ба таври ҳукм фармудан [153, с. 388].

Истилоҳи «фармон» дар давлатҳои гуногун хусусиятҳои худро дорад. Дар ҳуқуқи романӣ-олмонӣ истилоҳи мазкур ба ду маъно истифода мешавад: 1) санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунии сарвари давлат; 2) санаде, ки эътибори қонунро дорад. Ба ин нигоҳ накарда, истилоҳи «фармони Президент» дар ҳуқуқи романӣ-олмонӣ ба маънои санади меъёрии зерқонунии сарвари давлат, ки дар доираи салоҳияташ қабул мешавад, маъмулан истифода мешавад. Айни замон дар Словения, Хорватия, Эстония фармони сарвари давлат, ки дар ҳолатҳои фавқулода қабул мешавад, эътибори қонунро дорад.

Илова бар ин, фармон танҳо бо ҷумҳуриҳои президентӣ робита надорад. Дар аксарияти давлатҳо фармон аз тарафи сарвари давлат – Президент ё Шоҳ қабул шуда, хусусияти меъёрӣ ё ғайримеъёрӣ дорад. Дар таърихи башар, аз он ҷумла дар таърихи давлатдории тоҷикон фармон аз тарафи подшоҳ қабул мешуд.

Дар давлати Шуравӣ фармон аз тарафи Президиуми Шурои Олии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (ИҶШС), Президиуми Шурои Олии ҷумҳуриҳои шуравӣ ва мухтор қабул мешуд. Ин фармонҳо дар ҷаласаҳои навбатии Шурои Олӣ тасдиқ мешуданд. Аз ин ҷо маълум

мешавад, ки фармон дар давлати шуравӣ аз тарафи мақомоти коллегиалӣ қабул мешуд. Айни замон олимони шуравӣ қайд намуда буданд, ки фармонҳои Президиуми Шурои Олии ИҶШС тобеи қонун буда, санадҳои ҳуқуқии зерқонунӣ мебошанд [194, с. 19].

Дар асарҳои илмӣ мафҳуми «фармони меъёрӣ» бо мақсади ҷудо намудани фармонҳои меъёрӣ ва фармонҳои ғайримеъёрӣ васеъ истифода мешавад. Чунончӣ, ба ақидаи Л.А. Окунков фармонҳои меъёрӣ «мунтазамии танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятиро таъмин мекунанд» [137, с. 94-96].

Ба ақидаи М.Г. Кубатаев фармони меъёрии сарвари давлат «санади ҳуқуқӣ» буда, қоидаҳои амали умумиҳатмиро, ки муносибатҳои ҷамъиятиро бо иштироки доираи номуайяни шахсон мунтазам танзим мекунанд, муқаррар мекунад [237, с. 162].

И.И. Камолов қайд мекунад, ки «мафҳуми «санади меъёрӣ» нисбат ба санадҳои меъёрии хуқуқии Президент ва Ҳукумат бояд истифода шавад» [110, с. 80].

Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалӣ намудани салоҳияти Президент, ки дар м. 69 Конститутсияи ҷумҳурӣ муайян карда шудаанд, баровარда мешаванд. Салоҳияти мазкур танҳо салоҳияти истисноии сарвари давлат буда, мазмун, эътибор ва нуфузи санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунанд. Қабули фармонҳои Президент дар доираи салоҳияти конститутсионӣ яке аз хусусиятҳои асосии ин намуди санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Ба ин хусусияти фармони Президент дар таҷрибаи давлатҳо дар асарҳои илмӣ ишора карда мешавад [97, с. 120].

Фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати расмии ҳуқуқӣ буда, бо риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ таҳия карда мешаванд. Айни замон тартиби таҳияи санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат хусусиятҳои худро дорад. Илова бар ин, тартиби махсуси интишори ин санадҳо ҷой дорад.

Л.А. Окунков фармонҳои Президенти Федератсияи Россияро ба фармонҳои иҷрокунанда, директивӣ, барномавӣ-сиёсӣ ва меъёрӣ [209, с. 16-17] ҷудо мекунад. Фармонҳои иҷрокунанда бо мақсади иҷрои қонунҳо қабул мешаванд, фармонҳои директивӣ супоришҳоро ба Ҳукумат ва мақомоти дигари ҳокимияти иҷроия дар бар мегиранд, фармонҳои барномавӣ-сиёсӣ ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавиро тасдиқ мекунанд, фармонҳои меъёрӣ меъёрҳои нави ҳуқуқиро муқаррар мекунанд.

Таснифи пешниҳоднамудаи Л.А. Окунков як ҷатор ҳолатҳои баҳснок дорад. Чунончӣ, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти он, ки сарвари давлат аст, танҳо хусусияти иҷроишӣ надоранд, яъне бо соҳаи ҳокимияти иҷроия маҳдуд намешаванд.

Мафҳуми «фармонҳои директивӣ», ки Л.А. Окунков пешниҳод мекунад, баҳснок аст, чунки фарқи байни фармонҳои сарвари давлатро, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд, аз қарорҳои сиёсии роҳбарияти давлат аз байн мебарад.

Мафҳуми «фармонҳои барномавӣ-сиёсӣ» дар таснифи пешниҳоднамудаи Л.А. Окунков моҳияти аслии фармонҳои сарвари давлатро ҳамчун ҳуҷҷати расмии ҳуқуқӣ пурра ошкор карда наметавонад. Дар ин гуна фармонҳо одатан замима илова карда мешавад. Замимаи фармон ҳуҷҷати стратегӣ, консепсияи давлатӣ, барномаи давлатиро инъикос мекунад.

Илова бар ин, дар Тоҷикистон як қатор ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва стратегии давлатӣ бо қарорҳои Ҳукумат ё парлмент тасдиқ карда мешаванд.

Дар асарҳои илмӣ моҳияти санадҳои ҳуқуқии Президент бо дарзардошти вазъи ҳуқуқии ӯ ҳамчун сарвари давлат муайян карда мешавад. Айни замон ақидаҳое пешниҳод мешаванд, ки моҳияти санадҳои ҳуқуқии сарвари давлатро, ки дар соҳаи идоракунии давлатӣ бароварда мешаванд, инкор мекунанд. Чунончӣ, М.А. Митюков

фармонҳои Президенти Федератсияи Россияро ҳамчун санадҳои иҷрокунанда-амрдиҳанда инкор мекунад [117, с.87].

Ақидаи М.А. Митюков баҳснок буда, нақши ҳалкунандаи фармонҳои сарвари давлатро дар соҳаи идоракунии давлатӣ рад мекунад. Дар асл ин санадҳои ҳуқуқӣ хусусияти санади иҷроия-амрдиҳандаро дошта, ҷузъи раванди идоракунии давлатӣ мебошанд. Чунончӣ, қарорҳои Ҳукумати Тоҷикистон, ки бо иштироки бевоситаи сарвари давлат қабул мешаванд, заминаи бунёдии низоми идоракунии давлатиро ташкил медиҳанд. Таҳия, муҳокима ва қабули қарорҳои Ҳукумати Тоҷикистон бо иштироки Президент доир мегардад.

А.В. Митскевич санадҳои Президенти Россияро ба фармонҳои дар доираи салоҳияти ӯ қабулшаванда, фармонҳои мутаносиб бо Конститутсия ва қонунҳо, фармонҳои дар доираи салоҳияти мақоми қонунгузор қабулшаванда [202, с. 40] ҷудо мекунад.

Дар таснифи пешниҳоднамудаи А.В. Митскевич якчанд нуктаҳои баҳснок ҷой доранд. Чунончӣ, ӯ фармонҳоеро, ки дар доираи салоҳияти сарвари давлат ва дар доираи салоҳияти мақоми қонунгузор қабул мешаванд, аз ҳамдигар ҷудо мекунад. Аммо салоҳияти сарвари давлат фаъолияти ӯро дар соҳаи қонунгузорӣ низ дар бар мегирад. Чунончӣ, салоҳияти конститутсионии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи васеи салоҳияташро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлатӣ дар бар мегирад.

О.Н. Кичалюк фармонҳои сарвари давлатро ба фармонҳои бо амалисозии функсияҳои дохилӣ ва хориҷӣ, фармонҳои доимӣ ва муваққатӣ, фармонҳои яккаҳокимиятӣ ва машваратӣ [135, с. 288-289] ҷудо мекунад.

Таснифи пешниҳоднамудаи О.Н. Кичалюк нуктаҳои мубоҳисавӣ дорад. Чунончӣ, фармонҳои сарвари давлатро ӯ бо дарназардошти амалисозии функсияҳои давлат ҷудо мекунад. Амммо маҳаки мазкур ба ҳадафҳои таснифи илмӣ ҷавоб намедиҳад, чунки дар ин ҳолат на танҳо функсияҳои дохилӣ ва хориҷӣ, балки ҳамаи функсияҳои давлатро ба

инобат гирифтан зарур аст. Илова бар ин, дар амалисозии функсияҳои давлат дигар мақомоти давлатӣ низ иштирок мекунанд. Иштироки якҷояи ҳамаи мақомоти давлатӣ дар амалисозии функсияҳои давлат ба иҷрои пурраи онҳо мусоидат менамояд. Таснифи фармонҳо ба яккаҳокимиятӣ ва машваратӣ низ баҳснок аст. Чунончӣ, Президенти Тоҷикистон фармонҳояшро бе машварати расмӣ қабул мекунад.

Ю.Г. Арзамасов дар баробари намудҳои зикршуда, ҳамчунин, фармонҳои манъкунандаро ҷудо мекунад. Бо ин фармонҳо қарорҳои ҳукумат, ки хилофи Конститутсия, қонунҳо ва фармонҳо мебошанд, бекор кара мешаванд [135, с. 289].

С.С. Теспубеков таснифи зерини фармонҳои сарвари давлати Қазоқистонро пешниҳод мекунад:

– бо дарназардошти эътибори ҳуқуқӣ (фармон ҳамчун санади меъёрии зерқонунӣ);

– вобаста ба хусусияти меъёрӣ (фармонҳои меъёрӣ ва фардӣ);

– аз рӯйи таъиноташон: фармонҳои таъсисдиҳанда, иҷроия (фаврӣ), директивӣ, консептуалӣ, декларативӣ, барномавӣ-сиёсӣ ва меъёрӣ;

– дар иртибот бо муҳлати амал: фармонҳои бемуҳлат ва муҳлатнок;

– бо дарназардошти соҳаҳои амал: фармонҳои дохилӣ ва хориҷӣ, амалашон умумӣ, маҳдуд, локалӣ ва фавқулода;

– дар соҳаи молия, соҳибкорӣ, сохтмон ва меъморӣ, кишоварзӣ, маориф, тандурустӣ ва ғайра;

– ба фармонҳои яккаҳокимиятӣ ва машваратӣ [250].

Ю.А. Тихомиров фармонҳои меъёрии сарвари давлат, фармонҳо ҳамчун санадҳои қонунгузорӣ, фармонҳои муваққатӣ ва фармонҳо оид ба мутобиқ намудани қонунгузорӣ ба Конститутсияро [149, с. 157-158] ҷудо мекунад.

Дар таснифи пешниҳоднамудаи Ю.А. Тихомиров фармонҳои сарвари давллат бо дарназардошти салоҳияти бевосита, салоҳияти вогузоршуда ва салоҳияти тасдиқкунӣ аз ҳамдигар ҷудо карда мешаванд.

Аммо салоҳияте, ки аз тарафи парламент вогузор карда мешаванд, инчунин, салоҳияти қабули фармонҳо, ки ба тасдиқи парламент пешниҳод мешаванд, якҷоя салоҳияти сарвари давлатро ташкил медиҳанд. Салоҳияти сарвари давлати Тоҷикистон дар Конститутсия ва дигар қонунҳо аниқ муайян карда шудааст. Сарвари давлати Тоҷикистон салоҳияти вогузоркунии ваколатҳояшро ба мақомоти иҷроия дорад. Аммо ваколатҳои муҳимми сарвари давлат дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ аз тарафи худи ӯ амалӣ карда мешавад.

А.М. Калинин санадҳои Президенти Россияро дар заминаи як қатор маҳакҳо, аз ҷумла «мазмуни меъёрии» онҳо, «соҳаҳои ҳаёти ҷомеа», «тартиби қабул», «тарзи ифодаи ирода», «ссоҳаҳои амалишавӣ» [186, с. 12-15] аз ҳамдигар ҷудо мекунад. Ҳамчунин, муаллиф намудҳои зерини фармонҳои меъёрии сарвари давлатро ҷудо мекунад: 1) фармонҳо оид ба ворид намудани тағйирот ба м. 85 Конститутсия ФР дар масъалаи тағйир додани номи субъектҳои федератсия; 2) фармонҳое, ки дар доираи салоҳияти конститутсионии Президент қабул мешаванд; 3) фармонҳои бартарафкунандаи норасоӣ дар қонунгузорӣ (дар истилоҳи русӣ «пробелы в законодательстве»); 4) фармонҳои дар асоси дигар фармонҳо қабулшаванда [186, с. 13].

А.П. Новиков фармонҳои Президенти Россияро ба иҷроия, директивӣ, барномавӣ-сиёсӣ, меъёрӣ, фардӣ, маҷмуӣ ё комплексӣ, фавқулодда ҷудо мекунад [240, с. 101-102].

Мо андешаи худро оид ба баҳснок будани мафҳумҳои «фармонҳои директивӣ», «фармонҳои барномавӣ-сиёсӣ» болотар иброз намудем. Илова бар ин, ақидаи А.П. Новиков оид ба «фармонҳои комплексӣ» аз лиҳози илмӣ баҳснок аст, чунки фарқи байни фармонҳои сарвари давлатро аз байн мебарад.

Тавре мушоҳида мешавад, дар асарҳои илмӣ таснифҳои гуногуни санадҳои ҳуқуқии Президент пешниҳод мешаванд. Айни замон таснифи санадҳои сарвари давлат ба меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ (фардӣ) аҳаммияти

аввалиндарача дорад, чунки тафовути санадҳои меъёрӣ ва ғайримеъёриро аниқ мекунад, хусусиятҳои асосии фармонҳои меъёрии сарвари давлатро ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ муайян мекунад. Тавре А.В. Митскевич қайд мекунад, «бе ҷудо намудани санадҳои меъёрӣ аз санадҳои ғайримеъёрӣ омода намудани лоиҳаи санадҳои мақомоти давлатӣ, мураттабсозӣ, нашр ва мавриди амал қарор додани меъёрҳои ҳуқуқӣ, озод намудани қонунгузорӣ аз меъёрҳои кӯҳна, баҳисобгирии қонунгузории амалкунанда душвор аст» [130, с. 15].

Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ сарчашмаи ҳуқуқ буда, меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар мекунанд, тағйир медиҳанд ё қатъ мегардонанд ва аз ин хотир, муносибатҳои ҷамъиятиро бевосита танзим мекунанд. Айни замон нақши фармонҳои ғайримеъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар танзими як қатор муносибатҳо калон аст. Чунончӣ, фармонҳои сарвари давлат оид ба таъин намудани Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукумат муносибатҳои муҳимми ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва идоракуниро танзим мекунанд. Ҳамин хусусияти фармонҳои Президенти Федератсияи Россияро ба асос гирифта В.В. Верстов қайд мекунад, ки тафовути фармонҳои меъёрӣ ва ғайримеъёрии сарвари давлат «шартӣ аст» [231, с. 50].

Ин ақидаи В.В. Верстов баҳснок аст, чунки тафовути танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятиро бо истифодаи воситаҳои гуногуни механизми танзими ҳуқуқӣ ба инобат намегирад. Тавре маълум аст, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқии фардӣ (ҳуқуқтатбиққунӣ) ду воситаи аз ҳамдигар фарққунандаи танзими ҳуқуқӣ мебошанд. Онҳо дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши гуногун доранд. Фармонҳои меъёрӣ ва ғайримеъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими ҳуқуқӣ истифода мешаванд. Вале нақши фармонҳои меъёрӣ аз фармонҳои ғайримеъёрӣ дар танзими ҳуқуқӣ фарқ дорад, чунки фармонҳои меъёрӣ дар танзими ҳуқуқӣ ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ ва сарчашмаи ҳуқуқ иштирок мекунанд. Фармонҳои ғайримеъёрӣ чунин

хусусият надоранд. Барои ҳамин тафовути фармонҳои меъёрӣ ва ғайримеъёрии сарвари давлат шартӣ набуда, асоси қонунӣ, илмӣ ва воқеӣ дорад.

Дар байни санадҳои ҳуқуқии Президент ҷойи аз ҳама баландро фармони меъёрӣ ишғол мекунад. Дар ин бора олимони зиёд ақидаашонро иброз намудаанд. Чунончӣ, ба ақидаи Л.А. Окунков бо фармони Президент «қарорҳои дорои хусусияти меъёрӣ, ки қоидаҳои умумии амалро дар бар мегиранд, барои татбиқи мунтазам ё бисёркарата пешбиинӣ мешаванд ва барои доираи номаҳдуди шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ равон мешаванд, ба расмият даровардa мешаванд» [137, с. 87].

Фармони меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон намуди санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошад ва аз ин хотир, ҷавобгӯйи талаботи пешниҳодшаванда ба санади меъёрӣ мебошад. Яке аз аломатҳои асосии санади меъёрӣ дар он аст, ки меъёрҳои ҳуқуқро дар бар мегирад. Ин ақидаро аксарияти олимон ҷонибдорӣ мекунанд [90, с. 77; 93, с. 218; 141, с. 350; 145, с. 173].

Дар асарҳои илмӣ аломатҳои дигари санади меъёрии ҳуқуқӣ таҳқиқ мешаванд. Чунончӣ, ба ақидаи И.Я. Дюрягин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низоми мартаботӣ дошта, ҳар як санади меъёрӣ дар он ҷойи худро ишғол мекунад [182, с. 344].

В.Д. Перевалов аломатҳои зерини санади меъёрии ҳуқуқиро ҷудо мекунад: аз тарафи мақомоти ваколатдор қабул мешавад; эътибори ҳуқуқӣ дорад; муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекунад; шаклҳои махсуси истифодабарӣ дорад; ҳимоя карда мешавад; нишонаҳои (реквизитҳои) худро дорад [138, с. 126].

Ба ақидаи С.В. Бошно санади меъёрии ҳуқуқӣ аломатҳои зерин дорад: мазмуни иродавӣ дорад; хусусияти расмӣ дорад; унсури низоми ягона мебошад; мазмуни меъёрӣ дорад; ҳуҷҷати ҳуқуқӣ мебошад; аз тарафи мақомоти ваколатдор қабул мешавад; бо тартиби муайян қабул мешавад; кафолат дода мешавад [172, с. 36].

Ба ақидаи Т.В. Кашанина санади меъёрии ҳуқуқӣ намуди ҳуҷҷати ҳуқуқӣ буда, аз дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, ба мисли ҳуҷҷатҳои тафсирӣ ва фардӣ фарқ дорад [113, с. 76].

Тавре Р.Ш. Шарофзода қайд мекунад, санади меъёрии ҳуқуқӣ – ҳуҷҷати расмии ҳуқуқӣ мебошад, ки бо он меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар, тағйир ва қатъ мегарданд. Аломатҳои зерини санади меъёрии ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд:

1. Санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар давлатҳои ҷудогона одатан субъектони босалоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла халқ дар раъйпурсӣ, парламент, Президент, ҳукумат, вазоратҳо, мақомоти маҳаллӣ ва худидора, маъмурияти муассисаву корхонаҳо қабул мекунанд.

2. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо тартиби гуногун, масалан, дар раъйпурсӣ, дар ҷаласаҳои парламент, дар маҷлисҳои ҳукумат қабул мешаванд.

3. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шаклҳои расмии ифода, аз қабили конститутсия, қонун, кодекс, фармони меъёрии Президент, қарори Ҳукумат, санадҳои меъёрии мақомоти дигари давлатӣ (дастурамалҳо, фармонҳои меъёрӣ ва ғ.) доранд.

4. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳуҷҷатҳои расмии ҳуқуқӣ буда, сохт ва нишонаҳои худро доранд, бо риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ таҳия мешаванд, бо тартиби муқарраркардаи қонун интишор мешаванд [158, с. 480].

Ба ақидаи Р.Ш. Шарофзода санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ як қатор афзалиятҳо доранд. Ин афзалиятҳо бо имкониятҳои ин ҳуҷҷатҳои расмии ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқии доираи васеи муҳимтарин муносибатҳои ҷамъиятӣ, саҳми онҳо дар таъминиислоҳоти ҳаёти ҷомеа, рушди уствуори ҷомеа, таъсиррасонии муташаккилонаи мақсаднок ба шууру иродаи иштиродорони муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян карда мешаванд [222, с. 14-26].

Мафҳуми умумии санади меъёрии ҳуқуқӣ дар м. 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дода мешавад.

Талаботи умумӣ нисбат ба санади меъёрии ҳуқуқӣ дар м. 8, талаботи умумии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ нисбат ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар м. 40 Қонуни мазкур дарҷ ёфтаанд. Чунончӣ, дар м. 2 Қонуни мазкур мафҳуми зерин ифода ёфтааст: «санади меъёрии ҳуқуқӣ – ҳуҷҷати расмии шакли муқарраршудаест, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ё аз ҷониби мақомоти давлатӣ ё худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё шахси мансабдори ваколатдори давлатӣ қабул гардида, хусусияти умумиҳатмӣ дорад ва меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар менамояд, тағйир медиҳад ва ё бекор мекунад» [12].

Маҷмуи талаботеро, ки мутобиқи м. 8 Қонуни зикршуда [12] ба санади меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳод мешавад, бо мақсади тафсири илмии онҳо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

1) санади меъёрии ҳуқуқиро на ҳамаи мақомоти давлатӣ, балки он мақомоте, ки мутобиқи қонунгузорӣ салоҳияти дахлдор доранд, таҳия ва қабул менамоянд;

2) ҳар як санади меъёрии ҳуқуқӣ ҳуҷҷати расмии ҳуқуқӣ буда, дар шакли дахлдор ва бо риояи расмиёти расмии дар қонунгузорӣ муқарраршуда таҳия ва қабул карда мешавад;

3) мутобиқати ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қонунияти конститутвтсиониро таъмин мекунад;

4) мутобиқати амудии (вертикалии) санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти эътибори ҳуқуқии онҳо, ки низоми муташаккилона ва мутобиқгаштаи онҳоро таъмин мекунад;

5) риояи принсипҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ки консепсияи илмии санадҳои меъёриро таъмин мекунад;

6) риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ (талаботи техникӣ-ҳуқуқӣ);

7) таъмини сифати санади меъёрии ҳуқуқӣ дар доираи талаботи умумииҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ;

8) интишори ҳатмии санади меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи таъминкунандаи дастрасии он.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи умумие, ки ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳод мешавад, ҷавобгӯ буда, айни замон хусусиятҳои махсуси худро дорад. Фармони меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

1) санади меъёрии ҳуқуқӣ буда, меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар мекунад, тағйир медиҳад ё бекор мекунад;

2) ҳуҷҷати расмии ҳуқуқӣ буда, бо қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ таҳия мегардад;

3) бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ робитаи мартаботӣ дорад (аз санадҳои қонунгузорӣ эътибри пасттар ва аз санадҳои меъёрии зерқонунӣ эътибори баландтар дорад, ба истисноии қарорҳои парламент);

4) дар доираи ҳам салоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳам салоҳияти идоракунии Президент бароварда мешавад;

5) шакли (сарчашмаи) васеъ истифодашаванда дар таҷрибаи байналмилалӣ мебошад, имконияти танзими фаврии муносибатҳои ҷудогонаи ҷамъиятиро дар ҳолатҳои муайян (ислоҳоти идоракунии давлатӣ, вазъияти фавқулодда, хатар ба амнияти давлат) дорост;

6) ҳамчун санади ҳуқуқэҷодкунӣ ва идоракунӣ ба доираи васеи шахсон паҳн мешавад:

7) дар доираи салоҳияти сарвари давлат бароварда шуда, доираи номаҳдуди муносибатҳои ҷамъиятии дахлдорро танзим менамояд;

8) функсияҳои танзимкунӣ, идоракунӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқиро иҷро мекунад;

9) асоси ҳуқуқии истифодаи Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ дар ҳолатҳои зарурӣ мебошад.

Аломатҳои монанди фармонҳои меъёрии сарвари давлат дар асарҳои олимон таҳқиқ мешаванд [140, с. 77; 149, с. 17]. Дар заминаи ин аломатҳо фармонҳои меъёрӣ ва ғайримеъёрии сарвари давлат фарқ

карда мешаванд. Ба ақидаи олимон фармонҳои меъёрии сарвари давлат меъёрҳои ҳуқуқиро дар бар мегиранд, муносибатҳои гуногуни ҷамъиятиро танзим менамоянд, эътибори умумиҳатмӣ доранд, фармонҳои ҳуқуқтатбиққунӣ бошанд, хусусияти фардӣ дошта, оид ба масъалаҳои мушаххаси идоракунӣ қабул мешаванд.

Ба ақидаи Л.А. Окунков фармонҳои сарвари давлат оид ба маҳдуд намудани дахолати маъмурӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ фармонҳои комплексӣ (маҷмуӣ) мебошанд, чунки меъёрҳои умумии ҳуқуқӣ ва супоришҳои мушаххасро ба мақомоти дахлдор дар бар мегиранд [137, с. 89].

Ақидаи муаллифи номбурда қобили дастгирист. Мебояд зикр намуд, ки дар қисми бештари фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон супоришҳои мушаххас ба мақомоти дахлдори давлатӣ якҷоя бо муқаррароти умумиҳатмии меъёрӣ зикр мешаванд. Чунончӣ, дар банди якуми Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» аз 22 июни соли 2023, №586 [26] аз як тараф муқаррароти умумии меъёрӣ ифода ёфтаанд, ки масъалаҳои гуногунро дар соҳаи сиёсати андоз, буҷетӣ, боҷҳои давлатӣ ва ҷаримаҳо, суғуртаи давлатӣ, хизмати тиббӣ, коммуналӣ, хизматрасониҳои нақдии давлатӣ танзим мекунанд.

Аз тарафи дигар дар бандҳои боқимондаи Фармони мазкур супоришҳои мушаххас ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллӣ, вазорату идораҳо, ташкилотҳои давлатӣ, Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатие, ки хизматрасониҳои музднокро ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд, Дастгоҳи иҷроияи Президент дода мешаванд. Чунончӣ, ба Дастгоҳи иҷроияи Президент, вазоратҳои адлия, молия, Бонки миллии Тоҷикистон ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода мешавад, ки то 31 декабри соли 2023 ҷиҳати

фаъол намудани портали ягонаи пардохти хизматрасониҳои давлатӣ чораҷӯйӣ намоянд.

Тавре мушоҳида мешавад, дар Фармони мазкур меъёри уммиҳатмӣ ва меъёрҳо-супоришҳо пешбинӣ мешаванд. Меъёрҳо-супоришҳо хусусияти фардӣ надоранд, чунки ба шахсони мансабдори муайян дода намешаванд. Онҳо ба доираи муайяни мақомоти давлатӣ дода шуда, хусусияти умумиҳатмӣ доранд. Чуноин ҳолат дар фармонҳои дигари сарвари давлат низ мушоҳида мешавад. Хусусияти фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки муқарраротн умумии меъёрӣ ва меъёрҳо-супоришҳоро дар бар мегиранд.

Ҳамин тариқ, хусусияти фармонҳои меъёрии сарвари давлат дар робита бо мазмуни онҳо муайян карда мешавад. Аз як тараф ин формонҳо санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд. Ин меъёр дар қонун муқаррар карда мешавад. Санади меъёрӣ одатан меъёрҳои ҳуқуқро дар бар мегирад. Ин меъёрои ҳуқуқ ё нав мебошанд, ё бо инҳо меъёрҳои амалкунанда тағйир дода шуда, дар ҳолатҳои зарурӣ бекор карда мешаванд. Ин қоидаи маъмулӣ буда, дар асарҳои илмӣ пазируфта мешавад.

Аз тарафи дигар, тавре таҳлили дар боло гузаронидашуда нишон медиҳад, фармонҳои меъёрии сарвари давлат супоришҳоро низ дар бар мегиранд. Супоришҳо хусусияти давлатӣ доранд, аз тарафи сарвари давлат ба таври расмӣ дода мешаванд, дар матни фармон бевосита ифода карда мешаванд, ҳамчун ҷузъи таркибии фармони меъёрӣ баромад мекунанд. Супоришҳои давлатии сарвари давлат дар шакли хаттӣ ифода карда мешаванд. Фармонҳои сарвари давлат шакли ифодаи супоришҳои давлатӣ мебошанд. Ин нуктаи нави илмӣ буда, бо дарназардошти хусусиятҳои таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат таҳқиқи минбаъдаро талаб мекунад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мафҳуми фармони Президент шарҳ дода намешавад. Айни

замон дар Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мафҳуми мафҳуми фармони Президент чунин шарҳ дода мешавад: санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки бо мақсади иҷрои салоҳияти Президент қабул шуда, меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар (тағйир, қатъ) мекунад [66]. Айни замон дар Қонуни мазкур салоҳияти Президент оид ба қабули фармонҳои ғайримеъёрӣ пешбинӣ мешавад.

Табиист, ки фармони меъёрии сарвари давлат меъёрҳои нави ҳуқуқиро муқаррар мекунад, меъёрҳои амалкунандаро тағйир медиҳад, ё дар ҳолати зарурӣ амалаи меъёрҳоро қатъ мегардонад. Аммо ифодаи расмии мафҳуми фармони меъёрӣ дар сатҳи қонун мувофиқи мақсад аст. Дар ин ҳолат фарқи фармонҳои меъёрӣ ва фардӣ аниқтар карда мешавад.

Дар асарҳои олимони ватанӣ фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ шарҳ дода шуда, нақши муҳимми онҳо дар низоми қонунгузорӣ пазируфта мешавад. аломатҳо ва хусусиятҳои фармонҳои сарвари давлат одатан бо дарназардошти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикиистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», ки дар он меъёрҳои алоҳида ба фармонҳои сарвари давлат бахшида мешаванд, муайян карда мешаванд [144].

Дар асарҳои илмии олимони Россия фармонҳои Президент дар робита бо таносуби фармонҳо ва қонунҳо, ҳокимияти президентӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ таҳқиқ мешаванд [101; [179, с. 22-38; 176, с. 307-310; 184, с. 101-103; 224, с. 57-59].

И.В. Вегера хусусиятҳои зерини фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Беларусро муайян мекунад: онҳо санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат мебошанд, эътибори ҳуқуқии ҳатмиро дар ҳудуди давлат доранд, мутобиқи Конститутсия ва қонун қабул мешаванд, бо мақсади иҷрои салоҳияти Президент бароварда мешаванд [174, с. 180-182].

Фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ дар ташаккулу инкишофи низоми ҳуқуқ ва низоми қонунгузорӣ нақши муҳим доранд. Мебояд зикр намуд, ки фармонҳои

сарвари давлат дар ҳуқуқи романиву олмонӣ ҳамчун намуди санади меъёрии ҳуқукӣ сарчашмаи ҳуқуқ эътироф мешавад [127, с. 463]. Ба ақидаи аксарияти олимон санади меъёрии ҳуқуқӣ, аз он ҷумла фармони сарвари давлат дар ҳуқуқи романиву олмонӣ сарчашмаи бонуфузи ҳуқуқ эътироф мешавад [96; 112; 129; 210, с. 27-31].

Тибқи м. 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Конститутсия ва дигар санадҳои қонунгузорӣ бароварда мешаванд [12]. Дар м. 9 ҳамин Қонун фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сархати ҳаштум, яъне пас аз Конститутсия, қонунҳои дар раъйпурсӣ қабулшуда, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, кодексҳо, қарорҳои якҷоя ва ҷудогонаи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ҷойгир карда шудаанд.

Таҳлили қонунгузорӣ нишон медиҳад, ки эътибори ҳуқуқии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба санадҳои меъёрии дар боло зикршуда пасттар аст. Фармонҳои сарвари давлат ба ин санадҳо бояд мутобиқат дошта бошанд.

Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Конститутсия ва дигар санадҳои қонунгузорӣ бароварда мешаванд. Аз ин хотир, муайян намудани мафҳуми санадҳои қонунгузорӣ мувофиқи мақсад аст. Дар сархати панҷуми м. 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба мафҳуми «санадҳои қонунгузорӣ» Конститутсия, қонунҳо, кодексҳо дохил карда мешаванд.

Аммо мутобиқи Қонуни болотар зикршуда қарорҳои якҷоя ва ҷудогонаи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон нисбат ба фармонҳои Президенти мамлакат эътибори баландтари ҳуқуқӣ доранд. Ин санадҳо, тавре маълум гардид, ба санадҳои қонунгузорӣ дохил намешаванд.

Аз ин хотир, пешниҳод мешавад, ки матни м. 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» бояд дар шакли зерин ифода карда шавад: «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Конститутсия, дигар санадҳои қонунгузорӣ ва қарорҳои якҷоя ва ҷудогонаи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровварда мешаванд».

### 1.3. Фармонҳои фардӣ ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Санадҳои ғайримеъёрӣ (фардӣ ё ҳуқуқтатбиққунанда) аломатҳои санади меъёрии ҳуқуқиро надоранд, чунки меъёрҳои ҳуқуқии умумиҳатмиро муқаррар намекунанд. Ин санадҳо дар шакли фармонҳои ғайримеъёрӣ (фардӣ) ва амрҳо қабул мешаванд. Санадҳои мазкур дар доираи фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ баровварда мешаванд ва меъёрҳои ҳуқуқиро дар ҳолатҳои муайян ё нисбат ба шахсони муайян мушаххас мегардонанд.

Санадҳои ғайримеъёрии (фардӣ ё ҳуқуқтатбиққунанда) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли фармонҳои меъёрӣ дар доираи салоҳияти сарвари давлат, ки дар Конститутсияи ҷумҳурӣ муайян карда шудааст, баровварда мешаванд. Аммо ин санадҳо дар ҳолатҳои муайян яккарата татбиқ мешаванд ё хусусияти фардӣ доранд.

Дар таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ сарвари давлат одатан санадҳои меъёрӣ ва фардӣ мебарорад. Чунин таҷриба дар Тоҷикистон низ такмил ёфтааст. Аз ин хотир, дар асарҳои илмӣ тафовути фармон ва амри сарвари давлат васеъ таҳқиқ мешавад.

Фармонҳои сарвари давлат вобаста ба мазмун ва эътибори ҳуқуқӣ ба меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ (фардӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ, иҷроия) ҷудо мешаванд.

Фармони ғайримеъёрии сарвари давлат бо мақсади татбиқи меъёрҳои Конститутсия ва дигар санадҳои қонунгузорӣ баровварда шуда, одатан барои ҳолатҳои мушаххас пешбинӣ мешавад, яккарата татбиқ мешавад, хусусияти фардӣ дорад. Айни замон фармонҳои ғайримеъёрии

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти давлат ва ҷомеа накши муҳим доранд. Чунончӣ, фармонҳои ғайримеъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои зерин бароварда мешаванд: ташкили кадрии Ҳукумат; таъин намудани раисони ВМКБ, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, ташкили кадрии Бонки миллӣ; таъин ва озод намудани Прокурори генералӣ ва муовинони ӯ ва ғайра.

Табиист, ки ин фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагон, ё Маҷлиси миллӣ ва ё мақомоти намояндагии маҳаллӣ пешниҳод мешаванд. Ба ин нигоҳ накарда, фармонҳои ғайримеъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои муҳимми идоракунии давлатӣ қаубл шуда, заминаи ҳуқуқии ташкил (таъсис) ва фаъолияти мақомоти давлатӣ мебошанд, назму суботро дар низоми идоракунии давлатӣ таъмин мекунанд.

Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки фармонҳои фардии сарвари давлат дар таъмини муташаккилӣ, тартибу интизом дар низоми идоракунии давлатӣ, амали муътадили он нақши калон доранд. Илова бар ин, фармонҳои фардӣ мунтазам, дар ҳолатҳои зарурӣ ба таври фаврӣ бароварда шуда, ба самаранокии ҷараёни мураккаби идоракунии давлатӣ мусоидат менамоянд. Ин фармонҳо воситаи муҳимми амалӣ намудани сиёсати кадрии давлат мебошанд.

Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санади ҳуқуқии ғайримеъёрӣ мебошад. Ба ақидаи олимон амрҳои сарвари давлат одатан оид ба масъалҳои ташкилӣ, кадрӣ, фаврӣ ва фаъолияти дастгоҳи иҷроияи назди Президент қабул мешаванд ва ғайримеъёрӣ мебошанд [137, с. 87; 151, с. 159].

Дар қонунгузории Тоҷикистон доираи масъалаҳое, ки оид ба онҳо фармонҳои фардӣ ва амрҳои сарвари давлат қабул мешаванд, аниқ муайян карда нашудааст. Чунин ҳолат дар таҷрибаи давлатҳои ҳамсоя, аз ҷумла Россия низ мушоҳида мешавад. Ҳолати мазкур талаб мекунад,

ки масъала оид ба таносуби фармонҳо ва амрҳои сарвари давлат таҳқиқ карда шавад.

Ҳангоми таҳлили масъалаи мазкур ба он мебояд диққат дод, ки фармонҳо ва амрҳои сарвари давлат бо дарназардошти мазмуни меъёрӣ ва ғайримеъёрияшон аз ҳамдигар фарқ доранд. Вале баҳси илмӣ оид ба таносуби фармонҳои фардӣ ва амрҳои сарвари давлат ҷой дорад, чунки фармони фардӣ ва амри сарвари давлат санадҳои ғайримеъёрӣ мебошанд.

Ҳолати мазкур дар таҷрибаи Федератсияи Россия мушоҳида мешавда. Чунончӣ, мутобиқии иттилои Л.А. Окунков бо фармонҳои Президенти ин мамлакат як қатор ҳамоишҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ доир гардиданд, Амри Президент «Дар бораи тартиби таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи фармонҳо ва амрҳои Президенти ФР» муқаррароти меъёриро дар бар мегирад [137, с. 88].

Чунин ҳолат дар тачрибаи Тоҷикистон низ мушоҳида мешавад. Чунончӣ, амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон одатан ҳамчун санади фардӣ оид ба масъалаҳои кадрӣ дода мешаванд. Чунончӣ, бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 майи соли 2024, №АП-565 Убайдуллоҳ Амирҷон Маҳмадсаид бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ озод карда мешавад [79]. Бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2024, №АП-560 Исмоилзода Ҳаким Шамсулло муовини якуми директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда мешавад [84].

Ҳамзамон бо ин, як қатор амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти меъёриро дар шакли қоидаҳои умумӣ муқаррар мекунанд. Чунончӣ, мутобиқи амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели соли 2008, №АП-573 [83] бо мақсади таъмини иҷрои Муроҷиатномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аъзои Ҳукумат ва мардуми

Тоҷикистон ҷиҳати рӯёнидани ду ҳосил аз заминҳои обӣ ва истифодаи самараноки заминҳо мақомоти давлатии дахлдор, ҳамчунин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ вазифадор карда мешаванд, ки дар муҳлати 20 рӯз масоҳати кишти асосиро дар заминҳои обӣ вобаста ба намуди зироатҳои кишоварзӣ, майдонҳои барои кишти такрории зироатҳо ҷудошаванда вобаста ба намуд (ҷуворимакка, офтобпараст, мош, сабзавот, полезӣ, картошка), ҳар хоҷагӣ, новобаста аз шакли моликияташон муайян кунанд. Мақомоти давлатии дахлдор вазифадор карда мешаванд. ки дар мавсим ҷиҳати таъмини хоҷагиҳо бо тухмии хушсифат барои кишти асосӣ ва такрорӣ, оби обёрӣ ва барқ чораҳои зарурӣ андешанд.

Тавре мушоҳида мешавад, дар Амри мазкури Президент қоидаҳои умумиҳатмӣ барои доираи васеи мақомоти давлатии дахлдор муқаррар карда мешаванд. Мақомоти давлатӣ вазифадор карда мешаванд, ки иҷрои ин қоидаҳоро дар муҳлати муқарраршуда таъмин намоянд. Амри мазкур аз як тараф санади фардӣ буда, аз тарафи дигар мазмуни меъёрӣ дорад. Чунин ҳолат, тавре болотар қайд гардид, дар таҷрибаи дигар мамлакатҳо низ ба мушоҳида мерасад. Ҳолати мазкур бори дигар собит мекунад, ки санадҳои ҳуқуқии сарварони давлат дар мамлакатҳои гуногун дар иртибот бо вазъи ҳуқуқии махсуси сарварони давлат хусусиятҳои худро доранд.

Мисоли дар боло овардашуда танҳо бо як Амри сарвари давлат маҳдуд намешавад. Чунончӣ, мутобиқи банди якуми амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2024, №АП-508 Вазорати молия вазифадор карда мешавад, ки дар соли 2024 ба Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш барои мукофотонидани 68 ғолиб ва ҷоизадори мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ ва мураббиёни онҳо тибқи рӯйхати замимагардида 1 462 500 (як миллиону чорсаду шасту ду ҳазору панҷсад) сомонӣ ҷудо намояд. Мутобиқи банди дуюми ин Амр Кумитаи кор бо

ҷавонон ва варзиш вазифадор карда мешавад, ки истифодаи саривақтӣ ва мақсадноки маблағҳои ҷудошударо таъмин намуда, аз натиҷаи он ба Вазорати молия ҳисобот диҳад [80].

Дар Амри мазкури Президент низ супоришҳои давлатӣ ба доираи муайяни мақомоти давлатӣ дода мешаванд. Дар бандҳои дахлдори Амри Президент супоришҳо ва чораҳо оид ба таъмини иҷрои онҳо ифода карда мешаванд. Ин супоришҳо қоидаҳои умумиҳатмӣ буда, ба доираи васеи мақомоти давлатӣ паҳн мешаванд. Нин супоришҳо дар шакли меъёри ҳуқуқ ифода карда намешаванд. Меъёрҳои ҳуқуқ дар санади меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти аломатҳои меъёри ҳуқуқ ва дар доираи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ ифода карда мешаванд. Аммо супоришҳои давлатӣ дар шакли қоидаи умумиҳатмӣ ифода карда мешаванд.

Мебояд зикр намуд, ки супоришҳои давлатии Президент дар таҷрибаи ҳуқуқии Тоҷикистон падидаи нав буда, дар сатҳи қонун ҳоло танзим намешавад. Аммо супоришҳо дар таҷрибаи ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии Президенти Тоҷикистон воқеан истифода мешаванд. Аз як тараф ҳуқуқи додани супоришҳои давлатӣ воқеан дар доираи салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии Президент амалӣ карда мешавад. Аз тарафи дигар салоҳияти мазкур дар сатҳи қонунгузории ҷумҳурӣ ҳоло танзим нашудааст. Аз ин хотир, камбудии ҷойдошта дар соҳаи танзими ҳуқуқии салоҳияти сарвари давлат дар ҷараёни такмили минбаъдаи Конститутсия бояд бартараф карда шавад.

Бартараф намудани камбудии дар боло зикршуда зарур аст, чунки дар ҳамаи амарҳои сарвари давлат супоришҳои давлатӣ ифда карда мешаванд. Чунончӣ, бо Ари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2024, №АП-508 бо мақсади самаранок ба роҳ мондани корҳо дар самти рушди сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва ташкилу назорати корҳои ободониву кабудизоркунӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо гурӯҳи кории

ҷумҳуриявӣ таъсис бояд дода шавад. Дар бандҳои дигари амри мазкур тартиби ташкил ва фаъолияти гурӯҳи корӣ муайян карда мешавад [81].

Бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2024, №АП-481 озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» гузаронида мешавад. Айни замон Амри мазкур танҳо бо супориши давлатӣ оид ба гузаронидани озмун маҳдуд намешавад. Бо он тартиб ва расмиёти гузаронидани озмун аниқ муайян карда мешавад. Тартиби баргузории озмун қоидаҳои умумиҳатмиро дар доираи Низомномаи махсус ва фаъолияти комиссияи расмӣ дар бар мегирад [82].

Амри мазкури сарвари давлат ба ҷалби доираи васеи шаҳрвандон ба ҳаёти фарҳангӣ ва илмӣ мусоидат менамояд. Айни замон бо он доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар робита бо озмун пайдо мешаванд, танзим карда мешаванд. Супоришҳои давлатии сарвари давлат, ки дар амрҳои ӯ ифода карда мешаванд, ҳамчун воситаи танзими ҳуқуқии доираи васеи муосибатҳои ҷамъиятӣ баромад мекунанд. Супоришҳои сарвари давлат, ки дар амрҳо ифода карда мешаванд, танҳо бо доираи васеи мақомоти давлатӣ маҳдуд нашуда, фаъолияти доираи номаҳдуди шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии онҳо, муассисаҳои таҳсилотӣ ва илмиро дар иртибот бо иштирокашон дар ин муносибатҳо танзим мекунанд.

Тавре мушоҳида мешавад, амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондоди ҳуқуқии фардиро дар бар гирифта, бештар оид ба масъалаҳои ташкилию кадрӣ аз тарафи сарвари давлат дода мешаванд. Айни замон як қатор амрҳои сарвари давлат муқаррароти меъёриро, ки барои доираи васеи мақомоту ташкилот паҳн мешаванд, дар бар мегиранд. Ин гуна амрҳо одатан аз супоришҳои умумиҳатмии сарвари давлат иборатанд.

Ҳолати мазкур, ки дар таҷрибаи Россия низ ҷой дорад, боиси пешниҳоди ақидаи олимон оид ба хусусияти меъёрии амрҳои сарвари давлат гардидааст. Чунончӣ, ба ақидаи Е.С. Пянкова муайян намудани

«хусусияти меъёрии намуди муайяни санади санади Президент душвор аст», чунки аз як тараф «ҳам амрҳо ва ҳам фармонҳои мазмуни меъёрӣ дошта метавонанд», аз тарафи дигар «фармонҳо ва амрҳо хусусияти фардӣ (ҳуқуқтатбиққунӣ) низ доранд» [211, с.89].

Ба ин нигоҳ накарда, тафовути фармонҳои меъёрӣ, фармонҳои фардӣ ва амрҳои сарвари давлат дар қонунгузории Тоҷикистон ва Россия пешбинӣ мешавад. Олимон низ ин тафовути санадҳои сарвари давлатро эътироф мекунанд. Тавре С.А. Авакян менависад: «Шакли асосии санадҳои Президент фармонҳо мебошанд. Алалхусус, нақши муҳимро дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ фармонҳои меъёрӣ мебозанд. Илова бар ин, бо фармонҳо як қатор масъалаҳое, ки хусусияти меъёрӣ надошта, барои шахсият ё ҳаёти давлатӣ аҳаммияти муҳим доранд, танзим мешаванд. Амрҳо, чун қоида, ғайримеъёрӣ ва айни замон ҳуқуқтатбиққунанда буда, доираи начандон калони масъалаҳоро фаро мегиранд» [86, с. 331].

Хусусияти муҳимми фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки заминаи ҳуқуқии ҳамаи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ мебошанд. Сухан дар бораи он санадҳои меъёрие меравад, ки дар низоми мартаботии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷойи пасттарро аз фармонхои меъёрии сарвари давлат ишғол мекунанд. Ҳамаи ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба фармонҳои меъёрии сарвари давлат бояд мутобиқат дошта бошанд.

Мутобиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ ба фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи ду моддаи қонунгузорӣ муайян карда мешавад:

1. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи банди 6 м. 69 Контситутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Санадҳои мақомоти ҳокимияти иҷроияро ҳангоми мухолифати онҳо ба Конститутсия ва қонунҳо бекор мекунад ва ё бозмедорад» [1]. Илова бар ин, дар моддаи мазкур ибораи «санадҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия» истифода мешавад. Аз мазмуни ин модда ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҳамаи санадҳои мақомоти

ҳокимияти иҷроия (санадҳои меъёрӣ ва фардӣ) бояд ба Конститутсия, қонун ва фармонҳои сарвари давлат мутобиқат дошта бошанд.

2. Мутобиқи м. 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикитсон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти зерин эътибори баландтари ҳуқуқӣ доранд: қарорҳои Ҳукумат, фармоишҳои вазоратҳо, мақомоти назди Президент, мақомоти назди Ҳукумат, қарорҳои кумитаҳои давлатӣ, Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Палати ҳисоби Ҳумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои раисони вилоят, шаҳру ноҳияҳо [12].

Айни замон таҳлили таносуби фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои мақомоти намояндагии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо мувофиқи мақсад аст. Мутобиқи м. 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикитсон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сархати болотар аз санадҳои мақомоти намояндагии ҳокимияти маҳаллӣ (ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, шаҳру ноҳияҳо) ҷойгир шудаанд. Аз мазмуни ин модда ба хулоса омадан мумкин аст, ки фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба санадҳои мақомоти намояндагии ҳокимияти маҳаллӣ эътибори баландтари ҳуқуқӣ доранд.

Дар ҳар ҳолат таҳлили мазмуни меъёрҳои қонунгузорӣ нишон медиҳад, ки фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии мақомоти ҳокимияти иҷроия эътибори баландтари ҳуқуқӣ доранд. Дар қонунгузорӣ нуфузи баланди фармонҳои сарвари давлат кафолат дода мешавад. Ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти иҷроия дар асос ва бо мақсади татбиқи фармонҳои Президент қабул карда мешаванд. Ҳукумати мамлакат мутобиқи м. 2 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» [6] дар фаъолияташ аз доираи фармону амрҳои Президент берун намебарояд. Тибқи м. 4 ҳамин Қонуни конститутсионӣ

Ҳукумат иҷрои фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намуда, иҷрои онҳоро мунтазам назорат мекунад.

Ба ақидаи Е.И. Козлова санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат доир ба салоҳияти истисноии ӯ дар соҳаи вазъияти ҷангӣ ва фавқулодда қабул мешаванд [114, с. 383].

Салоҳияти сарвари давлати Тоҷикистон оид ба эълон намудани ҳолати ҷанг ва вазъияти фавқулодда дар бандҳои 21 ва 23 м. 69 Конститутсияи ҷумҳурӣ пешинӣ мешавад. Ҳолати ҷанг ва вазъияти фавқулодда бо фармони сарвари давлат эълон карда мешавад. Ин бори дигар собит менамояд, ки санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нуфузи баланди ҳуқуқӣ доранд.

Ба ақидаи Е.И. Козлова ва О.Е. Кутафин сарвари давлат «бо фармонҳои Президент муносибатҳои ҷамъиятие, ки танзими қонунгузориро талаб мекунанд, танзим карда мешаванд» [114, с. 383]. Сухан дар бораи танзими муносибатҳое меравад, ки оид ба он қонун қабул нашудааст. Мутобиқи Қарори Суди конститутсионии ФР аз 30 апрели соли 1996 чунин фармонҳои сарвари давлат хусусияти муваққатӣ дошта, то қабули қонун амал мекунанд [114, с. 384].

Чунин ақидаро С.А. Авакян низ ҷонибдрӣ мекунад. Тавре ӯ қайд мекунад, дар ҳолатҳои қабул нашудани қонунҳои дахлдор «Президент метавонад бо фармонҳои худ муносибатҳои ҷамъиятиро танзим намояд» [85, с. 378].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ тибқи ташаббусҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфтааст. Сарвари давлати Тоҷикистон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро дар на танҳо дар паёмҳои ҳарсола ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар суханрониҳо ва баромадҳо баён мекунад. Ҳолати мазкур, ки мутааллиқ ба таҷрибаи ҳуқуқии Тоҷикистон аст, асосан бо дарназардошти вазъи ҳуқуқии махсуси Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат ба миён омаддаст.

Илова бар ин, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ то қабули қонунҳои дахлдор ё қарорҳои Ҳукумат саҳми муҳим мегузоранд. Ин гуна фармонҳо то қабули қонунҳои дахлдор ё қарорҳои Ҳукумат амалӣ карда мешаванд. Ин фармонҳо муносибатҳои ҷамъиятиро, ки танзими онҳо қабули қонун ё қарори Ҳукуматро талаб мекунад, танзим мекунанд. Чунончӣ, дар заминаи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» аз 3 декабри соли 1999, №5 минбаъд санадҳои дахлдори қонунгузорӣ, инчунин, ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавии давлатӣ қабул мешаванд.

Фармони мазкур ба инкишофи ҳам қонунгузорӣ ва ҳам сиёсати давлатӣ дар соҳаи занҳо заминаи ҳуқуқӣ, ташкилӣ, сиёсӣ мегузорад. Дар доираи ин фармон ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати давлат, самтҳои инкишофи қонунгузорӣ муайян карда мешаванд. Ҳуҷҷати ҳуқуқии мазкур ба инкишофи ҳолати иҷтимоӣ ва вазъи ҳуқуқии занону бонвони мамлакат такони ҷиддӣ мебахшад. Пас аз қабули он дар ҳаёти занону бонувон тағйироти куллӣ рӯй дод. Ҳолати мазкур бори дигар исбот мекунад, ки аҳаммияти санадҳои ҳуқуқии сарвари давлати танҳо бо соҳаи қонунгузорӣ маҳдуд намешавад. Ин санадҳо дар танзими ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ-маънавии шаҳрвандон нақши калон доранд.

Мисоли дар боло овардашуда собит менамояд, ки фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ то қабули санадҳои қонунгузории дахлдор ва ҳуҷҷатҳои барномавии давлатӣ нақши ҳалкунанда доранд.

Ҳамин тариқ, санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фармонҳо ва амрҳо ҷудо карда мешаванд. Фармонҳои сарвари давлат дар навбати худ ба фармонҳои меъёрӣ ва фардӣ ҷудо карда мешаванд.

Ҳамаи санадҳои дар боло зикршуда санадҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Айни замон фармонҳои меъёрӣ санади меъёрии ҳуқуқӣ буда, фармонҳои фардӣ ва амрҳо санадҳои ҳуқуқии ғайримеъёрӣ мебошанд.

Фармонҳои меъёрии сарвари давлат дар байни санадҳои ҳуқуқии Президент нуфузи баланд доранд, чунки санади меъёрии ҳуқуқӣ ва сарчашмаи ҳуқуқ мебошанд. Ин фармонҳо дар доираи самтҳои гуногуни сиёсати дохилӣ ва хориҷии сарвари давлат бароварда мешаванд.

Фармонҳои зерини сарвари давлат мазмуни меъёрӣ доранд: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» аз 16 марти соли 2022, №362 [36]; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба эҳтиёт рухсат додани хизматчиёни ҳарбие, ки муҳлати муқарраргардидаи хизмати ҳарбиро адо намудаанд ва даъвати навбатии шаҳрвандони солҳои таваллуди 1997-2006 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати ҳарбӣ» аз 5 марти соли 2024, №791 [18]; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» аз 9 январи соли 2024, №671 [27] ва дигар.

Айни замон таснифи мазкур шартӣ аст, чунки як қатор фармонҳои сарвари давлат муқаррароти фардӣ ва меъёриро дар шакли қоидаҳои амали умумӣ ва супоришҳо ифода мекунанд. Ҳамчунин, амрҳои сарвари давлат нишондоди ҳуқуқии фардӣ ва муқаррароти меъёриро дар бар мегиранд.

Аммо таснифи санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намудҳои зикршудаи санадҳои болотар зикршуда маҳдуд намешавад, чунки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвари ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) буда, дар қабули қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита иштирок мекунад. Мутобиқи м. 29 Қонуни конститутсионии

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон»: «Ба санадҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо мегузорад» [6].

Аз ин хотир, санадҳои ҳуқуқиеро, ки бо иштироки бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул мешаванд, ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: 1) фармонҳо ва амрҳои сарвари давлат, ки бевосита аз тарафи ӯ бароварда мешаванд; 2) қарорҳои Ҳукумат, ки бо имзои сарвари давлат эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунанд.

Дар заминаи таснифи болотар зикршуда ба хулоса омадан мумкин аст, ки фармоннҳо ва амрҳои сарвари давлати Тоҷикистон бевосита аз тарафи ӯ бароварда мешаванд. Қарорҳои Ҳукумат бошанд, дар маҷлисҳои Ҳукумат қабул шуда, хусусияти машваратӣ доранд, чунки баъди муҳокима бо аъзоёни Ҳукумат қабул мешаванд.

Илова бар ин, як қатор фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки барои тасдиқ ба парламенти Тоҷикистон фиристода мешаванд, шартан «санадҳои машваратӣ» номидан мумкин аст. Сухан асосан дар бораи фармонҳои фардии сарвари давлат меравад, ки ба масъалаҳои кадрӣ бахшида мешаванд. Аслан ин фармонҳоро фармонҳои тасдиқшаванда номидан мумкин аст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи м. 74 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мебарорад ва фармоиш медиҳад [1]. Меъёри мазкур дар м. 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мушаххас карда мешавад [12]. Мутобиқи моддаи зикршуда қарори Ҳукумат санади меъёрии ҳуқуқӣ буда, аммо қарорҳои Ҳукумат, ки хусусияти фардӣ доранд, ҳамчунин, фармоишҳои Ҳукумат санадҳои меъёрии нестанд.

Тавре маълум мешавад, Ҳукумат қарорҳои меъёрӣ, фардӣ ва фармоишҳо мебарорад. Фармоишҳои Ҳукумат оид ба масъалаҳои таъҷилӣ ва дигар масъалаҳои ҷорӣ қабул карда шуда, хусусияти фардӣ

доранд. Дар қонунгузории мо ду намуди санадҳои ҳуқуқии фардии Ҳукумат пешбинӣ мешаванд: қарорҳои фардӣ ва фармоишҳои фардӣ.

Тавре мушоҳида мешавад, дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабули ду намуди санадҳои Ҳукумат пешбинӣ мешавад: а) қарорҳои Ҳукумат ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ; б) фармоиши Ҳукумат ҳамчун санади ғайримеъёрӣ. Дар байни м. 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва м. 29 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ихтилофот ба назар мерасад. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод мешавад, ки ихтиофоти байни моддаҳои зикршуда бартараф карда шавад.

Ҳукумати Тоҷикистон қарорҳои меъёрӣ ва фардӣ қабул мекунад. Чунончӣ, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 феврали соли 2024, №73 «Дар бораи таъсиси гранти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии ҳунармандон ва рушди ҳунармандӣ дар солҳои 2024-2026» санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Мутобиқи Қарори мазкур аз соли 2024 то соли 2026 60 гранти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии ҳунармандон ва рушди ҳунармандӣ ба андозаи 1 500 000 (як миллиону панҷсад ҳазор) сомонӣ таъсис дода мешавад. Ҳамчунин, қоидаҳои ҷудо намудани гранти президентӣ барои дастгирии ҳунармандон ва рушди ҳунармандӣ дар солҳои 2024-2026 тасдиқ карда мешавад [68].

Дар Қарори зикршудаи Ҳукумат меъёрҳои умумиҳатмӣ пешбинӣ мешаванд. Дар он намудҳои ҷудогонаи грантҳои президентӣ бо нишон додани андозаи онҳо дар шакли маблағҳои аниқи пулӣ ифода карда мешаванд. Ин меъёрҳо хусусияти умумӣ доранд, чунки доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи молия, ҳунармандӣ, маблағгузории давлатӣ, хизматрасонии давлатӣ бо иштироки мақомоти давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ танзим мекунанд.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 июни соли 2024, №353 «Дар бораи муовини раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани М. Шокирзода» [69] санади ҳуқуқии фардӣ мебошад. Ин гуна қарорҳои фардӣ дар доираи сиёсати кадрии давлат қабул шуда, доираи васеи масъалаҳои ташкилӣ, молиявӣ, моддӣ, иқтисодӣ ва дигарро танзим мекунанд. Чунин қарорҳо бо имзои Президенти ҷумҳурӣ, ки Раиси Ҳукумат аст, қабул мешаванд. Ин бори дигар собит менамояд, ки фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президент ҳам соҳаи қонунгузорӣ ва ҳам соҳаи идоракунии давлатиро дар бар мегирад.

Мутобиқи м. 5 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» [6] Президент ҳамчун Раиси Ҳукумат салоҳияти васеи идоракунӣ дорад. Аз як тараф Раиси Ҳукумат барои фаъолияти самарабахши Ҳукумат масъулият дорад. Аз тарафи дигар Ҳукумат дар назди Президент масъул мебошад.

Тавре мушоҳида мешавад, қонун масъулияти Ҳукуматро дар назди Президент пешбинӣ мекунад. Меъёри мазкур бо дарназардошти мақоми баланди Президент ҳамчун сарвари давлат пешбинӣ мешавад. Мансабҳои давлатии сарвари давлат ва Раиси Ҳукумат дар симои як шахс таҷассум меёбанд. Аз ин хотир, Ҳукумат дар назди ӯ масъулият дорад. Илова бар ин, худи Президент дар ташкили Ҳукумат бевосита иштирок мекунад.

Мутобиқи боби сеюми Қонуни конститутсионии мазкур Ҳукумати Тоҷикистон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа (иқтисодиёт, ҳаёти иҷтимоӣ, илм, фарҳанг, маориф, тандурустӣ, буҷет, молия, пул, қарз, андоз ва ғайра) салоҳияти васеъ дорад. Илова бар ин, салоҳияти Ҳукумат танҳо бо ҳаёти дохилии мамлакат маҳдуд нашуда, робитаҳои байналмилалиро низ дар бар мегирад.

Ҳукумат идоракунии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаро бо қабули санадҳои ҳуқуқии дахлдор ба роҳ мемонад. Айни замон ҳамаи санадҳои Ҳукумат бо имзои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул мешаванд.

Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти фазои амалашон ба фармонҳои дохилӣ ва фармонҳои хориҷӣ ҷудо карда мешаванд. Фармонҳои дохилии сарвари давлат оид ба масъалаҳои гуногуни ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ қабул мешаванд. Фармонҳои хориҷӣ бо мақсади амалӣ намудани салоҳияти сарвари давлат дар соҳаи хориҷӣ қабул мешаванд. Ин фармонҳо мазмуни меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ дошта метавонанд.

Чунончӣ, дар соҳаи амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ фармонҳои зерини сарвари давлат бароварда шудаанд: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Покистон озод намудани Насредин Исматулло» аз 5 январи соли 2024, №669 [59]; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Давлати Қатар таъин намудани Н.М. Маҳмадалӣ» аз 6 майи соли 2024, №819 [62]; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) таъин намудани Д.К. Раҳимӣ» аз 16 январи соли 2024, №687 [61]; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кушодани Намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО)» аз 12 январи соли 2024, №672 [60].

Дар натиҷаи анҷом ёфтани таҳлили илмии фармонҳои фардӣ ва амрҳои сарвари давлат хусусиятҳои зерини онҳо муайян карда мешаванд:

– меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар намекунанд, тағйир ё қатъ намегардонанд;

– санадҳои татбиқи ҳуқуқ мебошанд, дар ҷараёни фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии Президент, бо мақсади татбиқи меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳои Тоҷикистон бароварда мешаванд;

– вобаста ба ҳолатҳои мушаххаси ҳаётӣ, ки танзими ҳуқуқиро талаб мекунанд, бароварда мешаванд;

– санадҳои фардӣ буда, нисбат ба шахсони муайян бароварда мешаванд.

Бо дарназардошти таҳлили анҷомёфта дар доираи боби мазкури диссертатсия санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар иртибот бо амалӣ намудани салоҳияти сарвари давлат дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба намудҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

1) санадҳои ташкилӣ, кадрӣ, фаврӣ;

2) дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

3) дар соҳаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии мамлакат;

4) дар соҳаи ҳаёти фарҳангӣ;

5) дар соҳаи илм, маориф, тандурустӣ;

6) дар соҳаи буҷет, молия, андоз, қарз;

7) дар соҳаи мудофиа;

8) дар соҳаи таъмини амнияти давлатӣ;

9) дар соҳаи таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ ва намудҳои дигари ҳуқуқвайронкунӣ, муқовимат ба коррупсия, терроризм ва экстремизм;

10) дар соҳаи сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ. Санадҳои мазкури сарвари давлат дар шакли фармонҳои меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ, ҳамчунин, амрҳо қабул мешаванд.

Таҳлили гузаронидашуда дар боби мазкур нишон медиҳад, ки фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ дошта метавонад. Аз ин хотир, мафҳумҳои зеринро

пешниҳод намудан мумкин аст: «фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «фармони меъёрӣ» ва «фармони ғайримеъёрӣ». Дар ин замина мафҳумҳои илмии зерин пешниҳод мешаванд:

1. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – санади ҳуқуқӣ мебошад, ки дар доираи салоҳияти конститутсионии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардa мешавад.

2. Фармони меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ мебошад, ки дар доираи Конститутсия ва санадҳои дигари қонунгузорӣ баровардa шуда, мазмуни меъёрӣ дорад.

3. Фармони ғайримеъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – санади ҳуқуқӣ мебошад, ки дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии сарвари давлат, бо мақсади татбиқи қонунгузории Тоҷикистон дар ҳолатҳои мушахас баровардa мешавад.

# БОБИ 2. ФАЪОЛИЯТИ ҲУҚУҚЭҶОДКУНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Салоҳияти маҷмуии (комплексии) ҳуқуқэҷодкунӣ ва идоракунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат мутобиқи қонунгузорӣ қабул мешаванд. Айни замон Президент дар Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ мавқеи махсус дорад. Ҳолати мазкур барои пешниҳоди ақидаҳои гуногун замина мегузорад. Чунончӣ, маъмулан санадҳои ҳуқуқии Президент дар асоси қонун қабул мешаванд. Аммо ба ақидаи М.В. Мархгейм ва Ж.Д. Алекссева фармонҳои Президенти Россия дар ҳолати набудани қонун низ қабул мешаванд ва аз ин хотир, «набудани қонун салоҳияти конститутсионии Президентро оид ба қабули фармон маҳдуд намекунад» [199, с. 31].

Муаллифони номбурда ҳолатҳоеро дар назар доранд, ки зарурати танзими муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ ба миён меояд. Президент салоҳияти танзими фаврии муносибатҳои ҷамъиятиро дорад. Дар ҳолатҳои мазкур, масалан, ҳангоми зарурати эълон намудани ҳолати ҷанг ё ҷорӣ намудани вазъияти фавқулодда Президент қарори худро дар шакли фармон расмӣ мегардонад.

Тавре мушоҳида мешавад, амалӣ гардидани салоҳияти сарвари давлат тавассути қабули санадҳои ҳуқуқӣ (фармону амри Президент) бо дарназардошти вазъи махсуси ҳуқуқии сарвари давлат дар Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ хусусиятҳои худро дорад.

Як қатор олимон ҳамин ҳолатро ба инобат гирифта, ҳатто ақида пешниҳод мекунанд, ки фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президент аз доираи қонунэҷодкунӣ метавонад, ки берун бароядї. Ин ақидаро О.А. Алексеев пешниҳод мекунад [161, с. 18-22].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ё он санадҳои ҳуқуқиро бо дарназардошти вазъи ҳуқуқии маахсуси худ ҳамчун сарвари давлат ва Раиси Ҳукумат мебарорад. Президент мутобиқи м. 64 Конститутсия

«сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) аст» [1]. Барои ҳамин дар асарҳои илмӣ ба хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқии Президент ҳамчун санадҳои идоракунӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мешавад.

Хусусиятҳои санадҳои идоракунии сарвари давлат бо дарназардошти шакли идораи президентӣ, парлумонӣ ё омехтаи президентӣ-парлумонӣ муайян карда мешаванд. Президент дар ҷумҳурии президентӣ ҳам сарвари давлат ва ҳам сарвари ҳокимияти иҷроия мебошад. Президент дар ҷумҳурии омехтаи президентӣ-парлумонӣ, сарфи назар аз ҷой доштани мансаби алоҳидаи Раиси Ҳукумат, дар кори Ҳукумат бевосита иштирок мекунад. Чунончӣ, Президенти ФР, сарфи назар аз пешбинӣ шудани мансаби алоҳидаи Раиси Ҳукумат, фаъолияти Ҳукуматро идора мекунад.

Мутобиқи б. 2 м. 73 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Ҳукумат роҳбарии самараноки соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иҷрои қонунҳо, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ, қарорҳои Маҷлиси намояндагон, фармону амрҳои Президенти Тоҷикистонро таъмин мекунад» [1].

Бо ин мақсад санадҳои ҳуқуқии дахлдори Президент ва Ҳукумат бароварда мешаванд. Чунончӣ, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 январи соли 2024, №5 «Дар бораи тадбирҳои амалисозии фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 январи соли 2024, №671» [67] қабул мешавад. Қарори мазкур бо мақсади иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 январи соли 2024, №671 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» қабул мешавад. Дар он маҷмуи тадбирҳо бо мақсади беҳтар намудани шароити зиндагии категорияҳои дахлдори шаҳрвандон пешбинӣ мешаванд.

Ҳамаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо имзои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул мешаванд. Аз ин хотир, бо иштироки бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо фармонҳо ва амрҳои сарвари давлат, балки қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд.

Қабули қарорҳои Ҳукумат бо имзои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолати эътибори ҳуқуқӣ ва татбиқи самараноки қарорҳои Ҳукумат маҳсуб мешавад. Илова бар ин, қабули қарорҳои Ҳукумат бо имзои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки на танҳо сарвари Ҳукумат, балки Сарвари давлат аст, эътибори махсуси ҳуқуқӣ ва нуфузи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад.

Аз ин хотир, дар асарҳои илмӣ хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқии Президент ҳамчун санадҳои ҳуқуқии идоракунӣ таҳқиқ мешаванд. Айни замон аксарияти олимон санадҳои ҳуқуқии идоракунии Президентро танҳо бо қарорҳои ҳукумат маҳдуд намекунанд. Ба ақидаи аксарияти муҳаққиқон ҳамаи санадҳои ҳуқуқии Президент, аз ҷумла санадҳои ҳуқуқии меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ (фармонҳо ва амрҳо) ҳамчун санадҳои ҳуқуқии идоракунӣ амалӣ карда мешаванд.

Илова бар ин, дар шароити инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ ва гузариш ба ҷомеаи рақамӣ хусусиятҳои нави санадҳои ҳуқуқии идоракунии Президент таҳлил карда мешаванд. Ба хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқии Президент, аз ҷумла табиати идоракунии онҳо дар давраи рақикунониии ҷомеа ҳамчун воситаи «таъмини амнияти иттилооотӣ» ва инкишофи «фазои рақамӣ» дар асарҳои илмӣ таваҷҷуҳ зоҳир мешавад [181, с. 223].

Нақши санадҳои ҳуқуқии идоракунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ ва рақамӣ меафзояд. Илова бар ин, санадҳои мазкур ҳоло дар робита бо мафҳумҳои нави илмӣ, ки ба илм ворид шуда истодаанд, ба мисли «фазои иттилоотӣ», «фазои рақамӣ», «идоракунии рақамӣ», «давлати рақамӣ», «хизматрасонии иттилоотӣ», «хизматрасонии рақамӣ» ва ғайра таҳлил карда мешаванд.

Бо мақсади тасдиқи ҳуҷҷатҳои стратегии зерин, ки ба рушди ҷомеаи иттилоотӣ мусоидат менамоянд, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда шудаанд: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 7 ноябри соли 2003, №1175 [33]; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 апрели соли 2008, №45 [34]; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 ноябри соли 2003, №1174 [35].

Ҳамчунин, ба қарорҳои Ҳукумати Тоҷикистон, ки бо имзои сарвари давлат қабул мешаванд, ҳуҷҷатҳои зерин тасдиқ шудаанд:

– «Барномаи давлатии ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таълими умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» [70];

– «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [73];

– «Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [72].

Ҳамин тариқ, дар давраи рақамикунонии ҷомеа нақши санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд мешаавад. Ин санадҳо ба танзими мумуносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва идоракунии фазои иттилоотии рақамӣ, дастрасии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба иттилоот, гузариш ба ҷомеаи рақамӣ мусоидат менамоянд.

Ба ақидаи Ю.Н. Старилов санадҳои ҳуқуқии идоракуниро фармонҳо ва амрҳои Президент ташкил медиҳанд. Ин ақида мубоҳисавӣ аст, чунки хусусиятҳои шаклҳои идоракунии президентиро дар мамлакатҳои гуногун ба инобат намегирад. Чунончӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Ҳукумат бевосита иштирок мекунад. Сарвари давлати Тоҷикистон субъекти фаъоли фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Ҳукумат мебошад. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии

Ҳукуматро бе иштироки Президент тасаввур намудан мумкин нест. Аз ин хотир, санадҳои ҳуқуқии идоракунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо фармонҳо ва амрҳо маҳдуд нашуда, ҳамчунин, қарорҳои Ҳукуматро дар бар мегиранд.

Таснифи санадҳои Президент ба меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ дар илм пазируфта мешавад. Айни замон як қатор олимон таклиф пешниҳод мекунанд, ки моҳияти санадҳои ҳуқуқии ғайримеъёрии Президент бо «қарорҳои Пленуми Суди Олии Россия ё қарори Суди Конститутсионии Федератсияи Россия» бояд шарҳ дода шавад [205, с. 46].

Дар баробари санадҳои ҳуқуқии идоракунии Президент, ҳамчунин, шаклҳои дигари амалӣ намудани ҳокимияти иҷроия аз тарафи Президент истифода мешаванд. Чунончӣ, ба ақидаи В.В. Комарова «тарзҳои дигари ба расмият даровардани ваколатҳои амалишавандаи Президенти Россия ҷой доранд, ба мисли супоришҳо, фармоишҳо, номгӯи супоришҳо» [191, с. 22-31].

Чунин ақида, ки аз тарафи олимони дигар низ пешниҳод мешавад, бо дарназардошти м. 113 Конститутсияи Федератсияи Россия пешниҳод мешавад. Тибқи моддаи мазкур Раиси Ҳукумати Россия фаъолияти ҳукуматро дар асоси Конститутсия, қонунҳо, фармонҳо, амрҳо, инчунин, супоришҳои Президент ба роҳ мемонад. Дар натиҷа дар илми ҳуқуқии Россия ақидаҳои оид ба табиати ҳуқуқии супоришҳои Президент, эътибори конститутсионии супоришҳои Президент пешниҳод шуданд. Чунончӣ, ба ақидаи А.Н. Артамонов супоришҳои Президенти Россия, ки дар фармонҳо ва амрҳои сарвари давлат ҷой доранд, қисми таркибии ин санадҳо ҳисоб мешаванд, аммо супоришҳое, ки дар бандҳои алоҳида дода мешаванд, санади ҳуқуқӣ мебошанд [165, с. 152]. Ин ақидаашро муаллиф дар заминаи м. 115 Конститутсияи ФР [2], ки дар он ҳатмӣ будани супоришҳои Президент барои Ҳукумат мустаҳкам шудааст, пешниҳод мекунад.

Ба ақидаи В.Д. Зоркин супоришҳои Президент хусусиятҳои фармону амри сарвари давлатро дошта, хусусияти зерқонунӣ доранд [183, с. 38].

Ба ақидаи А.В. Ванков супоришҳои Президенти ФР санади меъёрии ҳуқуқӣ нестанд [173, с. 17]. Ҳамин гуна андешаро А.И. Мухин ва Д.В. Астахов баён мекунанд [204, с. 192-195]. В.П. Уманская супоришҳои Президентро ҳамчун падидае шарҳ медиҳад, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ ҷой надорад [225, с. 29-35].

Ба ақидаи В.В. Комаров дар натиҷаи амалӣ гардидидани супоришҳои конститутсионии Президент «ҳуқуқи супоришӣ» ташаккул меёбад [191, с.22-31].

Айни замон мутобиқи Мактуби Маъмурияти Президенти Россия аз 10 январи соли 2018, №А 26-01-ЗИ-118025191 супоришҳои Президенти Россия ҳуҷҷати хизматӣ буда, санади меъёрии ҳуқуқӣ нестанд [199, с. 33].

Чунин шакли амалӣ намудани салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар м. 69 Конститутсияи ҷумҳурӣ пешбинӣ намешавад. Айни замон тибқи б. 29 м. 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатҳои дигарро, ки Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ муайян мекунанд, амалӣ менамояд.

Илова бар ин, дар Тоҷикистон Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» [5] вазъи махсуси сиёсиву ҳуқуқии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро муайян мекунад. Илова бар ин, вазъи махсуси сиёсию ҳуқуқии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат дар баробари салоҳияти конститутсионии Президент муқаррар карда мешавад. Аз ин бармеояд, ки сарвари давлати Тоҷикистон фармонҳоро ҳамчун Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат мебарорад.

Фармонҳои Президент бо дарназардошти вазъи махсуси ҳам ҳуқуқӣ ва ҳам сиёсии Пешвои миллат хусусиятҳои нав пайдо мекунанд. Қонуни конститутсионии мазкур ба такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Пешвои милат Эмомалӣ Раҳмон мусоидат менамояд. Дар натиҷа салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии Пешвои миллат қавитар мешавад.

Хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлати Тоҷикистон бояд бо дарназардошти вазъи махсуси ҳуқуқӣ ва сиёсии ӯ

ҳамчун Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муайян карда шаванд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон салоҳияти иловагӣ дорад.

Пешвои миллат мутобиқи м. 3 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» «чунин салоҳиятро якумра доро мебошад» [5]:

«– ба халқи Тоҷикистон, мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор оид ба масъалаҳои муҳими сохтори давлатӣ, амнияти кишвар, сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ муроҷиат намояд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори давлатӣ ҳатмӣ мебошад» [5];

«– дар ҷаласаҳои якҷоя ва ҷудогонаи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагонии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷлосияҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагонии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаласаҳои Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок карда, оид ба масъалаҳои баррасишаванда суханронӣ намояд» [5];

«– дар ҳолати ба вуҷуд омадани буҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои ҳалли онҳо мусоидат намуда, машварату маслиҳат диҳад» [5].

Ҳамин тариқ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мутобиқи қонунгузорӣ салоҳияти иловагии давлатӣ дорад. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Пешвои миллат дар доираи ҳамин салоҳияти иловагӣ ба роҳ монда мешавад.

Тавре мушоҳида мешавад, шаклҳои зерини амалӣ намудани салоҳияти Пешвои миллат пешбинӣ мешаванд: муроҷиат, суханронӣ, маслиҳату пешниҳодҳо. Ин шаклҳои амалӣ намудани салоҳияти Пешвои миллат дар ҷараёни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии ӯ истифода мешаванд.

Дар ҳуҷҷати ҳуқуқии зикршуда меъёри махсус оид ба мувофиқа намудани масъалаҳои ҳаётан муҳимми давлатӣ ва ҷамъиятӣ бо Пешвои

миллт пешбинӣ мешавад. Мутобиқи бандии 4 м. 3 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» [5]:

«Масъалаҳои муҳими давлатӣ ва ҷамъиятӣ, самтҳои асоии сиёсати дохилию хориҷии кишвар бо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат мувофиқа карда мешаванд» [5].

Меъёри зикршуда мақоми баланди Пешвои миллатро дар давлат ва ҷомеа таъмин мекунад. Ҳамаи масъалаҳое, ки бо манфиатҳои давлат ва ҷомеа робита доранд, аз ҷумла бо сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ алоқамандананд, бо Пешвои миллат мувофиқа карда мешаванд.

Илова бар ин, Пешвои милат салоҳияти якумраи иштирок намудан дар фаъолияти парламентро дорад. Мутобиқи банди 2-и м. 3 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат»: «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат ҳамчун Президенти собиқ узви якумраи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон мебошад».

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳлили қонунгузорӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкн аст:

1. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон салоҳияти якумраи ҳуқуқэҷодкунӣ дорад.

2. Салоҳияти Пешвои миллат эътибори ҳуқуқии ҳамаи санадҳои ҳуқуқӣ, аз он ҷумла фармонҳои ӯро баланд мебардорад.

3. Пешвои миллат салоҳияти якумраи ҳуқуқэҷодкунӣ дошта, ҳамчун аъзои якумраи Маҷлиси миллӣ дар амалӣ намудани салоҳияти Маҷлиси миллӣ бевосита иштирок мекунад.

4. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Маҷлиси миллӣ бо Пешвои милат мувофиқа карда мешавад.

Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Пешвои миллат низ дар доираи салоҳияти Пешвои миллат амалӣ карда мешавад. Таклифҳои Пешвои

миллат оид ба зарурати таҳия ва қабули қонунҳо дар доираи муроҷиат, суханронӣ, маслиҳату таклифҳои ӯ пешниҳод мешаванд.

Тавре М. Маҳмудзода ва Р. Шарофзода қайд мекунанд: «Ташаббусҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон акнун дар доираи салоҳияти васеи Пешвои миллат амалӣ карда шуда, нуфузашонро дар соҳаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ боло мебаранд» [126, с. 64].

Санадҳои ҳуқуқии Пешвои миллат бо дарназардошти вазъи махсуси ҳуқуқӣ ва сиёсии ӯ хусусиятҳои нав пайдо мекунанд.

Якум, нуфузи ҳуқуқии ҳамаи санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат дар натиҷаи тағйир ёфтани вазъи ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баландтар мешавад.

Дуюм, дар баробари фармонҳо ва амрҳои сарвари давлат, инчунин, муроҷиат, суханрониҳо, маслиҳату пешниҳодҳо ҳамчун шаклҳои нави амалӣ намудани салоҳияти Президент истифода мешаванд.

Сеюм, муроҷиат, суханронӣ, маслиҳату пешниҳоди Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон барои мақмоти давлатӣ ва шахсони мансабдор ҳатмӣ аст.

Ҳамин тариқ, бо қабули Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» механизми нави амалӣ намудани санадҳои ҳуқуқии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистон ташаккул меёбад. Унсурҳои марказии онро санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат, муроҷиат, суханронӣ, маслиҳату пешниҳодҳои Пешвои милат ташкил медиҳанд. Ба механизми мазкур, инчунин, маҷмуи тадбирҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, идеологӣ, тарбиявӣ, иттилоотӣ дохил мешаванд. Табист, ки механизми мазкур ба самаранок амалӣ гардидани ҳамаи санадҳои ҳуқуқии Пешвои миллат мусоидат менамояд.

Мутобиқи м. 2 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат»:

«Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат рамзи пойдориву бардавомии давлатдории мустақили тоҷикон, сулҳу ваҳдати миллӣ, кафили рушди босубот ва устувори ҷомеаи Тоҷикистон мебошад»[5].

Меъёри зикршуда нуфузи баланди ҳамаи санадҳои ҳуқуқии Пешвои миллатро таъмин мекунад. Ин санадҳои ҳуқуқӣ бо истифодаи шаклҳои махсуси амалӣ намудани салоҳияти Пешвои миллат қабул мешаванд. Ҳамаи ташаббусҳои мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ, ки дар ҷараёни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод мешаванд, ҳатман бо Пешвои миллат мувофиқа карда мешаванд.

Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санадҳои ҳуқуқии субъектони дигари ҳуқуқэҷодкунӣ фарқ доранд, чунки аз лиҳози мазмун, доираи фарогирии масъалаҳои ҳаётан муҳим нуфузи баланд доранд.

Қонуни конститутсионии зикршуда доираи салоҳияти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонрро васеътар мекунад. Чунончӣ, Пешвои миллат ҳақ дорад, ки дар фаъолияти парламент ва Ҳукумат бевосита иштирок намояд. Ҳамаи масъалаҳои муҳимми ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар мувофиқа бо Пешвои миллат ҳал карда мешаванд. Илова бар ин, мақоми баланди Пешвои миллат дар муносибатҳои байналмиллаӣ кафолат дода мешавад, чунки ӯ дар соҳаи сиёсати хориҷӣ низ салоҳияти иловагӣ дорад.

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон салоҳияти иловагиро дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ дорад. Чунончӣ, таклифҳо оид ба таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба парламент ё ҳукумат пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо, банақшагирии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ бо Пешвои миллат мувофиқа карда мешаванд. Таклифҳои қонунгузории Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, маслиҳату пешниҳодҳои ӯ оид ба такмили қонунгузорӣ фаъолияти ҳамаи мақомоти ҳуқуқэҷодкуниро ҳамоҳанг мекунанд [126, с. 66].

Илова бар ин, нуфузи маслиҳату пешниҳодҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон оид ба такмили қонунгузорӣ бо дарназардошти салоҳияти якумраии ӯ баландар мешавад.

Ҳамин тариқ, дар таҷрибаи Тоҷикистон шаклҳои нави амалӣ намудани салоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва идоракунии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон истифода мешаванд. Дар доираи онҳо таклифҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлат ва ҷомеа, аз он ҷумла дар соҳаи такмили қонунгузорӣ, боло бурдани дониши ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, тарбияи кадрҳои лаёқатманд пешниҳод мешаванд.

Таҷрибаи додани супоришҳо дар Россия низ ташаккул ёфааст. Ба ақидаи В.В. Грисенко фармонҳо, амрҳо, супоришҳои Президенти Федератсияи Россия шаклҳо ё тарзҳои амалӣ намудани ваколатҳои идоракунии сардори давлат мебошанд [181, с. 225].

Тавре болотар қайд гардид, салоҳияти сардори давлат дар давраи рақмикунонии ҷомеа аҳаммияти калон пайдо мекунад. Дар ҷомеаи рақамӣ хизматрасониии давлатии электронӣ нуфузи балланд пайдо мекунад, чунки давлат аз рушди ҷомеаи рақамӣ дар канор буда наметавонад. Ба ақидаи Д.Р. Алимова дар ҷомеаи рақамӣ дар баробари хизматрасонии маъмулӣ, инчунин, шакли нави хизматрасонӣ, аз ҷумла хизматҳои махсуси рақамӣ дар натиҷаи трансформатсияи хизмати давлатӣ ва маҳаллӣ истифода мешавад [163, с. 46].

Санадҳои ҳуқуқии идоракунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иттилоотонӣ ва рақамигардонии ҷомеа дар таносуб бо дигар санадҳои идоракунии ӯ (дар соҳаҳои гуногуни идоракунии давлатӣ) хусусиятҳои зерин доранд:

1) асоси ҳуқуқии идоракунии ҷомеаи рақамиро ташкил медиҳанд;

2) ба гузариш аз ҳукумати электронӣ ба ҳукумати рақамӣ мусоидат менамоянд;

3) ҳамчун факти ҳуқуқӣ боиси пайдоиш, тағйир ва қатъи муносибатҳои гуногун дар соҳаи иттилоотонӣ ва рақамигардонии ҷомеа мегарданд;

4) паҳлуҳои идоракунии иттилоотӣ ва рақамии Ҳукумати электрониро дар Тоҷикистон таъмин мекунанд;

5) ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти идоракунии давлатиро дар давраи рақамикунонии ҷомеа таъмин менамоянд;

6) бо таъсири муҳити ташаккулёбандаи иттилоотӣ ва рақамӣ тағйир меёбанд ва такмил дода мешаванд;

7) заминаи қабули қонунҳои дахлдори Тоҷикистон дар соҳаи иттилоотонӣ ва рақамигардонии ҷомеа буда, самтҳои афзалиятноки сиёсати қонунгузориро пешакӣ муайян мекунанд;

8) заминаи қабули қарорҳои Ҳукумати Тоҷикистон ва мақомоти дигари ҳокимияти иҷроия мебошанд;

9) заминаи таҳия, қабул ва амалӣ гардидани ҳуҷҷатҳои стратегӣ, консептуалӣ ва барномавии давлатӣ буда, ба амалӣ гардидани сиёсати давлати Тоҷикистон дар соҳаи иттилоотонӣ ва рақамигардонии ҷомеа мусоидат мекунанд;

10) заминаи ҳимояи амнияти иттилоотӣ ва фазои рақамии ҷумҳурӣ буда, ба таҳкими соҳибихтиёрии давлат, таъмини амнияти миллӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, пеш аз ҳама, дар соҳаи соҳибистиқлолии иттилоотӣ ва рақамӣ мусоидат менамоянд.;

11) ба ҳимояи ҳуқуқҳои иттилоотӣ ва рақамии шаҳрвандони Тоҷикистон мусоидат мекунанд;

12) мураттабии фаъолияти ҳамаи мақомоти давлатиро дар самти иттилоотонӣ ва рақамигардонии ҷомеа таъмин мекунанд.

Хусусиятҳои зикршудаи санадҳои ҳуқуқии идоракунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон собит менамоянд, ки санадҳои мазкур барои рушди ҷомеаи иттилоотӣ, рақамигардонии босуръати ҷомеа, таҳкими соҳибихтиёрии давлат ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар замони

афзоиши таҳдидҳо ва хатарҳои ҷаҳонии иттилоотӣ аҳаммияти калидӣ доранд.

Ҳамаи мақомоти давлатӣ дар рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва рақамӣ саҳм мегузоранд. Аммо маҳз санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин соҳа нақши ҳалкунанда доранд, чунки бо мақсади ҳалли оҷилии мушкилоти пайдошуда, ҳимояи соҳибихтиёрӣ, фазои миллии иттилоотӣ ва рақамӣ қабул ва амалӣ карда мешаванд.

Дар натиҷаи таҳлили гузаронидашуда ба хулосаҳои умумии зерин омадан мумкин аст.

1. Ҳамаи санадҳои ҳуқуқии сарвари давлати Тоҷикистон, аз он ҷумла санадҳои меъёрии ӯ бо хусусиятҳояшон аз дигар санадҳои ҳуқуқӣ фарқ мекунанд. Ин хусусиятҳо бо дарназардошти вазъи махсуси ҳам сиёсӣ ва ҳам ҳуқуқии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, доираи васеи салоҳияти ҳам ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳам идоракунии Пешвои миллат, мақоми волои Президент – Пешвои миллат дар байни ҳамаи мақомоти давлатӣ муайян карда мешаванд.

2. Фармонҳо ва амрҳои Президент – Пешвои миллати мо бо дарназардошти мақоми аз ҳама баландаш дар байни ҳамаи мақомоти давлатӣ, аз он ҷумла нисбат ба шохаҳои ҳокимияти давлатӣ эътибори баланди ҳуқуқӣ доранд. Президенти Тоҷикистон ҳамоҳангии фаъолияти ҳамаи мақомоти давлатиро таъмин мекунад, интизому тартиботро дар механизми давлат кафолат медиҳад, «қувваи нарм»-ро дар ҳолати ба миён омадани ихтилофот дар байни шохаҳои ҳокимият истифода мебарад.

3. Фармонҳои меъёрии Президенти Тоҷикистон дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷойи махсусро ишғол мекунанд. Ҳолати мазкур бо он собит мегардад, ки эътибори ҳуқуқии фармонҳои меъёрии сарвари давлат нисбат ба санадҳои қонунгузорӣ пасттар аст. Айни замон эътибори ҳуқуқии ин формонҳо нисбат ба дигар санадҳои меъёрии зерқонунӣ, аз он ҷумла қарорҳои мақомоти маҳаллии намояндагӣ

баландтар аст. Аз як тараф фармонҳои меъёрии Президент нисбат ба санадҳои меъёрии зерқонунӣ эътибори баландтар доранд, чунки Президент сарвари ҳокимияти иҷроия мебошад. Ин қоидаи маъмулӣ буда, ҷойи баҳс надорад. Аз тарафи дигар зарурат ба таҳқиқи таносуби фармонҳои сарвари давлат ва қарорҳои мақомоти маҳаллии намояндагӣ ба миён меояд, чунки мақомоти намояндагӣ, аз парламент сар карда, то мақомоти намояндагии шаҳру ноҳияҳо ба низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия дохил намешаванд.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ одатан вазъи ҳуқуқии мақомоти давлатӣ дар доираи таҷзияи шохаҳои ҳокимият омӯхта мешавад. Вале ба вазъи ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти намояндагӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намешавад. Дар натиҷа мафҳум ва хусусиятҳои мақомоти ҳокимияти намояндагӣ пурра муайян карда намешаванд. Дар ҷараёни таҳқиқи шохаҳои ҳокимият одатан вазъи ҳуқуқии парламент ҳамчун мақоми олии қонунгузор омӯхта мешавад. Чунин усули таҳқиқ дар таҷрибаи Тоҷикистон мувофиқи мақсад аст, чунки танҳо парламент салоҳияти қабули қонунро дорад. Аммо дар мамлакатҳои дигар, алалхусус, дар давлатҳои федеративӣ (ИМА, Россия, Олмон ва дигар) таҷрибаи комилан дигар ташаккул ёфтааст. Дар натиҷа вазъи ҳуқуқии мақомоти намояндагии маҳаллӣ таҳлили ҷиддиро талаб мекунад. Таҳқиқи мазкур имконият медиҳад, ки таносуби фармонҳои Президент ва қарорҳои мақомоти маҳаллии намояндагӣ муайян карда шавад.

4. Вазъи ҳуқуқӣ ва сиёсии Пешвои миллат ба ӯ имконият медиҳад, ки шаклҳои гуногуни амалӣ намудани салоҳияти васеи ҳуқуқэҷодкунӣ ва идоракуниро бо роҳи баровардани санадҳои ҳуқуқии дахлдор истифода барад.

5. Фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон эътибори ҳуқуқии махсус доранд. Ҳангоми таҳқиқи эътибори ҳуқуқии фармонҳои Пешвои миллат ҳамаи он усулҳои

таҳлили илмӣ ва ақидаҳо оид ба эътибори ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки солҳои дароз ҷой доранд, бояд таҷдиди назар карда шаванд. Фармонҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун санади меъёрӣ дар байни ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти эътибори ҳуқуқӣ ҷойи муайянро ишғол мекунанд. Эътибори ҳуқуқии онҳо аз санадҳои қонунгузорӣ пасттар аст. Аммо таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки як фатор фармонҳои Президенти Тоҷикистон доираи муайяни муносибатҳои ҷамъиятиро то қабул гардидани қонунҳо ва санадҳои меъёрии зерқонунии дахлдор танзим мекунанд. Ин фармонҳо заминаи такмили қонунгузорӣ мебошанд. Дар заминаи чунин фармонҳо минбаъд дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул мешаванд. Илова бар ин, Президент ҳамчун кафили ҳаноҳангии ҳамаи шахаҳои ҳокимият метавонад, ки фармонҳои дахлдорро бо мақсади пешгирии ихтилоф дар байни мақомоти давлатӣ барорад. Ҳамчунин, Президент салоҳияти қабули фаврии фармонҳоро дорад. То тасдиқи ин фармонҳо дар парламент доираи муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ бевосита танзим карда мешаванд. Ҳамаи ҳолатҳои дар боло зикршуда собит менамоянд, ки эътибори ҳуқуқии фармонҳои Президент ҳамчун сарвари давлат ва Пешвои миллат бо эътибори қонун баробар аст.

Чунин ҳолатҳо дар таҷрибаи хориҷӣ воқеан ҷой доранд ва таваҷҷуҳи олимонро ба худ ҷалб менамоянд. Маҳз бо дарназардошти ҳолатҳои зикршуда дар илми ҳуқуқии хориҷӣ ақидаҳо пешниҳод мешаванд, ки фармонҳои сарвари давлат эътибори қонунро доранд. Аз ҳамин хотир, дар давлатҳои Аврупо ба санадҳои меъёрии сарварони давлат эътибори қонунро додаанд.

Айни замон қонунгузории Тоҷикистон ба фармонҳои Президент эътибори санади меъёрии зерқонуниро медиҳад. Аммо воқеан, дар таҷриба фармонҳои Президент – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон хусусиятҳоеро доранд, ки эътибори баланди онҳоро собит менамоянд.

Таҷрибаи ташаккулёфта ва таҳлили дар боло гузаронидашуда собит менамояд, ки эътибори ҳуқуқии фармонҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо санадҳои меъёрии зерқонунӣ маҳдуд намешавад. Ҳамзамон бо ин, тавре болотар қайд гардид, таҳлили маҷмуи масъалаҳое, ки бо паҳлуҳои гуногуни санадҳои ҳуқуқии сарвари давлати мо алоқамандaнд, таҳқиқи минбаъдаро талаб мекунад. Мебояд зикр намуд, ки таҳқиқи ин масъалаҳо, ки ҳоло дар ҳаёти воқеӣ мушоҳида мешаванд, дар доираи усулҳои таҳқиқ ва ақидаҳои қаблӣ ё анъанавӣ имконнопазир аст. Усулҳои таҳқиқ ва ақидаҳои илмии анъанавӣ, ки солҳои дароз вуҷуд доранд, вале ба шароити тағйирёбандаи ҳаёти ҷомеа мутобиқат надоранд, бояд таҷдиди назар карда шаваанд.

6. Фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуни махсуси меъёрӣ доранд. Ҳолати мазкур бо он собит мегардад, ки санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат ҳам меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳам супоришҳои давлатиро дар бар мегиранд. Ҳолати мазкур таҳқиқи мазмуни меъёрии санадҳои ҳуқуқии сарвари давлатро дар доираи усулҳои нави таҳлили илмӣ талаб мекунад, чунки супоришҳо унсури таркибии санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат мебошанд, аз як тараф эътибори меъёри ҳуқуқии умумиҳатмиро доранд, аз тарафи дигар аз меъёрҳои ҳуқуқ фарқ доранд.

7. Хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан дар робита бо вазъи махсуси ҳуқуқии ӯ муайян карда мешаванд. Сарвари давлат бо дарназардошти ин вазъи ҳуқуқӣ салоҳияти маҷмуии (комплексии) ҳуқуқэҷодкунӣ ва идоракунӣ дорад. Табиист, ки санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат дар доираи салоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ қабул мешаванд. Айни замон Президент ҳамчун Раиси Ҳукумат дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Ҳукумат бевосита иштирок мекунад.

Хусусияти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат дар робита бо хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Ҳукумат муайян карда мешавад.

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Ҳукумат бо доираи васеи масъалаҳои идоракунии давлатӣ алоқаманд аст. Салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари ҳокимияти иҷроия дар доираи салоҳияти идоракунии ӯ амалӣ карда мешавад. Салоҳияти идоракунии сарвари давлат дар доираи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва идоракунии ӯ амалӣ карда мешавад.

Салоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва идоракунии сарвари давлат хусусияти маҷмуӣ (комплексӣ) дорад. Салоҳияти мазкурро омехта номидан мумкин аст. Аммо доираи он масъалаҳое, ки салоҳияти Президентро ташкил медиҳанд, бо дарназардошти самтҳои фаъолияти ӯ аниқ аз ҳамдигар ҷудо карда мешаванд. Онҳо на омехта, балки маҷмуӣ мебошанд. Ин маънои онро дорад, ки салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳалли маҷмуии масъалаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад. Ҳалли маҷмуии масъалаҳои мазкур маънои онро дорад, ки Президент онҳоро бо истифодаи тарзу воситаҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ ва идоракунӣ ҳал мекунад.

Имконияти ҳалли маҷмуии доираи васеи масъалаҳое, ки салоҳияти сарвари давлатро ташкил медиҳанд, танҳо ба ӯ тааллуқ дорад. Мақомоти дигари давлатӣ чунин имконият надоранд. Чунончӣ, парламенти Тоҷикистон салоҳияти қонунэҷодкунии худро, ки самти асосии кораш аст, дар доираи фаъолияти қонунэҷодкунӣ амалӣ мекунад. Вазоратҳо мақомоти идоракунӣ буда, салоҳияти ҳуқуқэҷодкуниро дар доираи ҳамин фаъолият ба роҳ мемонанд. Вазоратҳо салоҳияти идоракунӣ дошта, айни замон субъекти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошанд. Вале салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии онҳо аз доираи фаъолияти идракунӣ берун намебарояд.

Салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи фаъолияти ҳам ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳам идоракунӣ амалӣ карда мешавад. Вазоратҳо мақомоти ҳокимияти иҷроия буда, салоҳияти қонунгузорӣ надоранд. Вале Президент салоҳияти қонунгузорӣ дорад, чунки ӯ бо

роҳҳои гуногун, масалан, пешниҳоди лоиҳаи қонуни авф ё тавассути намояндаи худ дар парламент дар ҳамаи давраҳои қонунэҷодкунӣ иштирок мекунад. Илова бар ин, интишори қонун, ки яке аз давраҳои муҳимми фаъолияти қонунэҷодкунӣ мебошад, бе иштироки Президент ғайриимкон аст. Фаъолияти қонунэҷодкунии парламент бе иштироки Президент ба итмом намерасад. Илова бар ин, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Ҳукумат низ иштироки Президентро талаб мекунад, чунки қарорҳои Ҳукумат бе имзои ӯ эътибори ҳуқуқӣ надоранд.

## 2.2. Хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияти баровардани фармонҳои меъёриро дорад. Бо ин фармонҳо меъёрҳои ҳуқуқ муқаррар карда мешаванд, меъёрҳои амалкунанда тағйир дода мешаванд ё бекор карда мешаванд. Салоҳияти мазкури сарвари давлат салоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ буда, дар доираи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлати Тоҷикистон бо баробари таъсиси мансаби давлатии Президент дар Тоҷикистон оғоз мешавад. Дар давлати шуравӣ бинобар ҷой надоштани мансаби Президент ин намуди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ғайриимкон буд. Аз ин хотир, олимон фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президентро падидаи нав дар ҳаёти ҳуқуқӣ шуморида [140, с. 121], оғози фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президентро бо таъсиси мансаби давлатии Президент алоқаманд мекунанд [123, с. 10].

Ба ақидаи Ф.А. Касымова иштироки бевосита ва бавоситаи Президентро дар ҳуқуқэҷодкунӣ ҷудо намуда, қайд мекунад, ки «тавассути баровардани санадҳои ҳуқуқӣ сарвари давлат, якум, салоҳияти иҷроия-амрдиҳии худро амалӣ мекунад, дуюм, меъёрҳои ҳуқуқиро бо мақсади амалӣ шуданашон мушаххас мегардонад» [188, с. 391].

Ба ақидаи А.Р. Нематов қабули санадҳои меъёрӣ, паёмҳои Президент, санадҳои Раиси Ҳукумат, ташаббуси қонунгузории Президент самтҳои асосии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат мебошанд [239, с. 179].

Дар иртибот бо ташаккулу инкишофи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президент мафҳумҳои нав, аз ҷумла «фаъолияти фармонбарории Президент», «фаъолияти меъёрэҷодкунии Президент», «ҳуқуқи фармонӣ» ва дигар истифода мешаванд. Чунончӣ, М.А. Митюков мафҳуми «фаъолияти фармонбарории Президент»-ро ба илм ворид мекунад [117, с. 82]. В.О. Лучин ва А.В. Мазуров истилоҳи «ҳуқуқи фармонбарории Президент»-ро бори аввал истифода мебаранд [198, с. 11].

Тавре Л.А. Окунков қайд мекунад, «ҳамаи дигаргуниҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ дар робита бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президент амалӣ карда шуданд» [137, с. 133]. Муаллиф аҳаммияти фармонҳои меъёрии Президентро бо он муайян мекунад, ки «онҳо дар давраи гузариш танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятиро таъмин намуданд» [137, с. 88]. Ба ақидаи як қатор олимон санадҳои Президент норасоиҳоро дар қонунгузорӣ бартараф мекунанд.

Санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат дар ҳамаи давлатҳо нуфузи баланд доранд. Ин хусусияти санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат айни замон хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлатро муайян мекунанд. Айни замон дар асарҳои илмӣ мубоҳисаҳои илмӣ оид ба паҳлуҳои ҷудогонаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат мушоҳида мешаванд. Чунончӣ, бо фармонҳои сарвари давлат одатан низомномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ тасдиқ карда мешаванд. Бо дарназардошти ҳолати мазкур дар асарҳои илмӣ нуфузи фармонҳои сарвари давлатро бо қонун баробар мекунанд [149, с. 157].

Як қатор олимон аҳаммияти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президентро бо он муайян мекунанд, ки фармонҳои Президент ба мисли қонунҳо бевосита мутобиқи меъёрҳои Конститутсия қабул мешаванд ва

аз ин хотир, хусусияти зерқонунӣ надоранд [117, с. 37]. Ин ақидаро В.В. Верстов дастгирӣ мекунад [231, с. 41].

Аммо ин ақида қобили дастгирӣ нест. Фармонҳои Президент дар доираи салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат, мутобиқи қонун ва иҷрои он бароварда мешаванд. Барои ҳамин онҳо хусусияти зерқонунӣ доранд. Ақидаи олимони болотар зикршуда моҳияти принсипи волоияти қонунро дар давлати ҳуқуқбунёд халалдор мекунад.

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ намуди мустақили фаъолияти субъектони салоҳиятдор мебошад, ки бо мақсади қабул, тағйир ва қатъи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад. Чунин мафҳум дар аксарияти асарҳои илмӣ истифода мешавад.

Айни замон олимон ба паҳлуҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Чунончӣ, ба ақидаи С.С. Алексеев фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолиятест, ки бо он раванди ташаккули ҳуқуқ ба итмом расида, «қонун қабул ва эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунад» [87, с. 115].Олимони дигар низ қайд мекунанд, ки дар натиҷаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҳуқуқ ташаккул меёбад [151, с. 33]. Ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун «давраи ниҳоии ташаккули ҳуқуқ» [238, с. 11]. баромад мекунад. Ба ақидаи В.С. Афанасев ташаккули ҳуқуқ то ҳуқуқэҷодкунӣ ҷой дорад ва мафҳуми васеътар аст [167, с. 5].

Дар бештари мафҳумҳо мақомоти давлатӣ ҳамчун субъекти асосии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ пазируфта мешаванд. Чунончӣ, ба ақидаи В.К. Бабаев «ҳуқуқэҷодкунӣ ин фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба муқаррар намудани меъёрҳои ҳуқуқ мебошад» [92, с. 58].

Тибқи мафҳуми дигар ҳуқуқэҷодкунӣ ин «фаъолияти пеш аз ҳама мақомоти давлатӣ оид ба қабул, тағйир ва қатъи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад» [118, с. 319]. Ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун «шакли фаъолияти давлатии касбӣ» шарҳ дода мешавад [232, с. 8]. Ба ақидаи О.В. Попов давлат дар давраи муайян ба раванди объективии ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамроҳ

мешавад [241, с. 6]. Дар асарҳои дигар низ ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун фаъолияти расмии давлатӣ шарҳ дода мешавад [99; 107, с. 7; 235, с. 8].

Ҳамчунин, ҳуқуқэҷодкунӣ ба маънои шакли идоракунии ҷомеа фаҳмида мешавад [152, с. 32-34].

Дар як қатор асарҳо ҳуқуқэҷодкунӣ ба маънои намуди фаъолияти ҳуқуқӣ дарк карда мешавад [156, с. 228].

Ба ақидаи як қатор олимон ҳуқуқэҷодкунӣ воситаи ифодаи иродаи субъектони ҳуқуқэҷодкунанда дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Ин ақидаро А. Нашитс ҳимоя мекунад [133, с. 94-95].

Оид ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мафҳумҳои дигар низ ҷой доранд. Дар як қатор мафҳумҳо ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун фаъолияти дарки талаботи танзими ҳуқуқӣ ва санадҳои дахлдори ҳуқуқӣ шарҳ дода мешавад. Раванди мазкур аз давраҳои зерин иборат аст: дарки ҳодисаҳо ва равандҳое, ки зарурати танзими ҳуқуқиро талаб мекунанд; муайян намудани мақомоти дахлдори босалоҳият оид ба қабули санади муайяни ҳуқуқӣ; муайян намудани шакли санади ҳуқуқӣ; қабул, тағйир ва қатъи санади ҳуқуқӣ [150, с. 33].

Як қатор олимон мафҳуми васеъ ва маҳдуди фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро ҷудо мекунанад. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба маънои маҳдуд ҷараёни қабули меъёрҳои ҳуқуқиро дар назар дошта, ба маънои васеъ ҳамаи давраҳои ин фаъолият, аз ҷумла таҳияи санади меъёрӣ, қабул, интишори санади меъёриро дар бар мегирад [146, с. 368].

Мафҳуми маҳдуди ҳуқуқэҷодкунӣ ба маънои фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба қабул, тағйир ва қатъи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар як қатор асарҳо истифода мешавад [125, с. 144; 247, с. 7; 232, с. 8].

Ба ақидаи И.В. Малишева ҳуқуқэҷодкунӣ ба маънои васеъ қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, муқаррар намудани амсоли ҳуқуқӣ, бастани шартномаи меъёриро дар назар дошта, ба маънои маҳдуд танҳо бо қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ робита дорад [124, с. 6-8].

Як қатор олимон кӯшиш мекунанд, ки мафҳумҳои нави ҳуқуқэҷодкуниро пешниҳод намоянд. Чунончӣ, С.В. Синюков

ҳуқуқэҷодкуниро ҳамчун падидаи фарҳанги ҳуқуқӣ шарҳ медиҳад [244, с. 8].

Ба ақидаи аксарияти олимон мақсади асосии ҳуқуқэҷодкуниро қабул, тағйир ва қатъи меъёрҳои ҳуқуқӣ ташкил медиҳад [139, с. 48; 214, с. 35-36]. Дар робита бо ин масъала се функсияи ҳуқуқэҷодкунӣ ҷудо карда мешаванд: муқаррар, тағйир ва қатъи меъёрҳои ҳуқуқӣ [121, с. 252].

Аммо субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ танҳо бо давлат маҳдуд намешаванд. Аз ин хотир, Р.Ш. Шарофзода мафҳуми зеринро пешниҳод мекунад: «Ҳуқуқэҷодкунӣ – фаъолияти субъектони босалоҳият мебошад, ки бо мақсади қабул, тағйир ва қатъи муқаррароти меъёрии ҳуқуқӣ, эътирофи талаботи фитрӣ-ҳуқуқӣ анҷом дода мешавад» [158, с. 516].

Мутобиқи м. 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» [12] фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ – фаъолияти расмии субъекти ҳуқуқэҷодкунанда буда, аз якчанд давраҳо, ки дар онҳо лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия карда мешаванд, минбаъд қабул ва интишор мегарданд, иборат аст. Илова бар ин, қонуни зикршуда қатъи амали санадҳои меъёрии ҳуқуқиро низ ҳамчун даврai ҳуқуқэҷодкунӣ эътироф мекунад.

Дар ҳамин модда мафҳуми умумии субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ дода мешавад. Дар м. 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» [12] мафҳуми зайл муқаррар карда мешавад: «субъектони ҳуқуқэҷодкунанда – халқи Тоҷикистон, мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони мансабдор, ки ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доранд» [12].

Дар м. 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» субъектони зерини ҳуқуқэҷодкунӣ ба таври мушаххас муайян карда мешаванд: «халқи Тоҷикистон, ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, Маҷлиси вакилони халқи шаҳрҳо ва ноҳияҳо, раисони шаҳрҳо ва ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» [12].

Ҳамзамон бо ин, тибқи м. 12-уми Қонуни зикршуда «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд қисме аз ваколатҳои ҳуқуқэҷодниии худро ба мақомоти давлатии дахлдор вогузор намоянд» [12].

Тибқи б. 2 моддаи зикршуда дар санади меъёрии ҳуқуқӣ оид ба вогузории ваколат нишон дода мешавад, ки ба кадом мақомот ва ба кадом муҳлат ваколати мушаххас вогузор мегардад, ҳамчунин доирае, ки дар он мақомот ваколати ба он вогузоршударо татбиқ менамояд, муқаррар карда мешавад.

Дар бандҳои 3 ва 4 моддаи зикршуда талаботи зайл пешбинӣ мешаванд:

– «Мақомоте, ки ба он ваколат вогузор карда шудааст, ҳуқуқ надорад онро ба мақомоти дигар вогузор намояд».

– «Мақомоте, ки дар асоси ваколати вогузоршуда санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул менамояд, дар санади меъёрии ҳуқуқии худ ба қонун ва дигар санади меъёрии ҳуқуқие, ки мувофиқи он ваколати дахлдор ба он вогузор гардидааст, истинод меорад» [12].

Ба ақидаи як қатор олимон вогузории салоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ аз тарафи танҳо мақомоти ҳокимияти иҷроия амалӣ мешавад ва дар ин ҳолат доираи субъектони вогузории салоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо ҳукумат маҳдуд карда шуда, ҳукумат бо супориши парламент ваколати ҳуқуқэҷодкуниро

амалӣ мекунад [125]. Ба ақидаи олимони дигар доираи субъектони вогузории салоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ васеъ буда, мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва ташкилотҳои ғайридавлатиро дар бар мегирад [227, с. 253-262].

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» танҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд қисме аз ваколатҳои ҳуқуқэҷодкунии худро ба мақомоти давлатии дахлдор вогузор намоянд.

Илова бар ин, дар илм баҳс оид ба доираи ваколати вогузоршудаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҷой дорад. Ба ақидаи як қатор олимон вогузории ваколати ҳуқуқэҷодкунӣ имконияти таҳияи танҳо санадҳои меъёрии зерқонуниро дар назар дорад [220, с. 51].

Тавре аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» бармеояд, танҳо Президент ва Ҳукумати Тоҷикистон ҳуқуқ доранд ваколати ҳуқуқэҷодкунии худро вогузор намоянд. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки вогузории ваколати ҳуқуқэҷодкунӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонуниро дар назар дорад, чунки қабули қонун салоҳияти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мутобиқи м. 70 Конститутсия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фармон мебарорад ва амр медиҳад [1]. Ин салоҳияти сарвари давлат дар доираи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ амалӣ карда мешавад.

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат бо қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ робита дорад. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат хусусияти зерқонунӣ дошта, ҳамчун ҳуқуқэҷодкунии зерқонунӣ баромад мекунад.

Таснифи қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқэҷодкунии зерқонунӣ дар асарҳои илмӣ дастгирӣ карда мешавад. Чунончӣ, О.В. Попов фаъолияти қонунэҷодкуниро бо қабули санадҳои қонунгузорӣ алоқаманд мекунад [241, с. 6]. Ба ақидаи И.Е. Ситникова мафҳуми «қонунэҷодкунӣ» аз мафҳуми «ҳуқуқэҷодкунӣ» маҳдудтар аст [245, с. 8]. Қонунэҷодкунӣ бо

қабули қонунҳо алоқаманд карда мешавад ва аз ин нуқтаи назар аз мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ ҷудо карда мешавад [230, с. 8].

Дар асарҳои илмӣ тафовути қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқэҷодкунии зерқонунӣ пазируфта мешавад. Аз ин ақида маъмулан истифода мебаранд [136, с. 163-164]. Ба ақидаи як қатор олимон ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат намуди ҳуқуқэҷодкунии шахсони мансабдор мебошад, ки бо Конститутсия ва қонунҳо ваколатдор шудаанд [234, с. 9].

А.В. Малко қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқэҷодкунии зерқонуниро аз ҳамдигар фарқ мекунад [125, с. 146].

Ба ақидаи Е.В. Семянов ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун фаъолияти қонунгузорӣ қабули қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонуниро дар назар дорад [243, с. 6].

Ба ақидаи Р.Ш. Шарофзода ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо натиҷаи он ва шакли санади қабулшуда ба ду намуд тақсим мешавад: қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқэҷодкунии зерқонунӣ. Тавре Р.Ш. Шарофзода қайд мекунад қонунэҷодкунӣ салоҳияти ҳокимияти қонунгузор буда, баҳри қабул, тағйир ва қатъи қонунҳо ба сомон мерасад. Ҳуқуқэҷодкунии зерқонунӣ самти фаъолияти мақомоти босалоҳияти давлатӣ оид ба қабул, тағйир ва қатъи санадҳои меъёрии зерқонунӣ буда, аз тарафи мақомоти ҳокимияти иҷроия, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, маъмурияти корхона, муассиса, ташкилот, мақомоти идоракунии ташкилотҳои корпоративӣ ба роҳ монда мешавад [158, с. 520].

Илова бар ин, Р.Ш. Шарофзода шаклҳои зерини ҳуқуқэҷодкунии зерқонуниро ҷудо мекунад: а) ҳуқуқэҷодкунии Президент; б) ҳуқуқэҷодкунии ҳукумат; в) ҳуқуқэҷодкунии мақомоти марказии идоракунӣ; г) ҳуқуқэҷодкунии мақомоти маҳаллии давлатӣ; д) ҳуқуқэҷодкунии локалӣ дар дохили корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо; е) ҳуқуқэҷодкунии мақомоти худидора; ж) ҳуқуқэҷодкунии корпоративӣ (дар дохили ташкилотҳои корпоративӣ) [158, с. 520].

Таснифи ҳуқуқэҷодкуниро мутобиқи бобҳои дахлдори Конститутсия низ гузаронидан мумкин аст:

а) ҳуқуқэҷодкунии Маҷлиси миллӣ;

а) ҳуқуқэҷодкунии Маҷлиси намояндагон;

в) ҳуқуқэҷодкунии Президент;

г) ҳуқуқэҷодкунии Ҳукумати Тоҷикистон;

д) ҳуқуқэҷодкунии мақомоти маҳаллии намояндагӣ ва иҷроия;

е) ҳуқуқэҷодкунии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ.

Тавре маълум мешавад, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли мустақили ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад.

Айни замон фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз намудҳо ва шаклҳои дигари ҳуқуқэҷодкунӣ бо он фарқ мекунад, ки ӯ ҳам сарвари давлат ва ҳам Раиси Ҳукумат буда, салоҳияти васеъ дорад. Салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқиро (фармонҳои меъёриро) дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа таъмин мекунад.

Дар давлатҳои ҳамсоя низ Президент салоҳияти васеи ҳуқуқэҷодкунӣ дорад. Чунончӣ, Президенти ФР тибқи Қарори Суди конститутсионии ФР метавонад норасоии қонунгузориро бартараф намояд, ҳама гуна фармону амр қабул кунад [76]. Ба ақидаи олимони Россия хусусиятҳои салоҳияти қонунгузории Президенти ФР бо низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, мавқеи баланди сарвари давлат нисбат ба хамаи шохаҳои ҳокимият, салоҳияти ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳамаи мақомоти давлатӣ алоқаманданд [119, с. 8-11; 193].

Дар натиҷаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шакли фармонҳои меъёрӣ қабул мешаванд. Фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати расмии ҳуқуқӣ мебошанд, меъёрҳои ҳуқуқиро дар бар мегиранд, хусусияти умумиҳатмӣ доранд. Фармонҳои меъёрии сарвари давлати Тоҷикистон дар баробари ин аломатҳои умумӣ, ки ба ҳама гуна санади меъёрии ҳуқуқӣ паҳн мешаванд, ҳамчунин, аломатҳои махсуси худро доранд. Чунончӣ, фармонҳои меъёрии сарвари давлат бо ҳамаи соҳаҳои

қонунгузорӣ робита доранд, дар доираи салоҳияти иловагии Пешвои миллат бароварда мешаванд, ба таъмини амнияти шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат дар ҳолати ҷанг ва вазъияти фавқулодда мусоидат менамоянд.

Айни замон дар асарҳои илмӣ оид ба хусусияти меъёрии фармонҳои Президент дар мамлакатҳои гуногун нуқтаҳои назари мубоҳисавӣ ҷой доранд. Чунончӣ, М.С. Студеникина хусусияти меъёрии «фармонҳои Президенти Россияро» истисно мекунад, чунки ба ақидаи ӯ «дар матни Конститутсияи Россия» ба хусусияти меъёрии фармонҳои сарвари давлат ишора нашудааст. Илова бар ин, муаллиф қайд мекунад, ки «умумиҳатмӣ будани фармонҳои меъёрӣ аломати меъёриро надорад, чунки амрҳои Президент низ ҳатмӣ мебошанд» [223, с. 121].

Ин ақида қобили қабул нест, чунки фармонҳои меъёрии Президент дар баробари ҳатмӣ буданашон, ҳамчунин, дигар хусусиятхои санади меъёрии ҳуқуқиро доранд. Илова бар ин, фармонҳои меъёрии Президент ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дохил карда шудаанд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ натиҷаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ буда, шакли расмии (сарчашмаи) ҳуқуқ мебошанд. Аз ин хотир, як қатор олимон хусусияти меъёрии фармони Президентро дар робита бо сарчашмаи ҳуқуқ муайян мекунанд. Чунончӣ, ба ақидаи А.Б. Венгеров фармони Президенти Россия «сарчашма ва шакли ҳуқуқ мебошад» [98, с. 402].

Санади меъёрии ҳуқуқӣ будани фармони меъёрии Президент бо он собит мегардад, ки фармони Сарвари давлат сарчашмаи ҳуқуқ мебошад. Ба ақидаи А.В. Митскевич сарчашмаҳои ҳуқуқ «шаклҳои расмии ифодаи (тағйир ва қатъи) меъёрҳои ҳуқуқии дар давлат амалкунанда мебошанд» [136, с. 133].

Е.В. Колесников таклиф пешниҳод мекунад, ки дар Конститутсияи Россия меъёри махсус оид ба мутобиқати ҳамаи санадҳои Президент ба сарчашмаҳои ҳуқуқ бояд мустаҳкам карда шавад [116, с. 107]. Дар Тоҷикистон мутобиқати фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсия ва санадҳои қонунгузории ҷумҳурӣ пешбинӣ мешавад.

Аз ин бармеояд, ки фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ ва яке аз шаклҳои ё сарчашмаҳои ҳуқуқ ба қонун (шакли ё сарчашмаи ҳуқуқ) мутобиқат дорад. Зарурати мутобиқати фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сарчашмаҳои нуфузашон пасттар аст ҷой надорад. Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ҳамаи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ эътибори баландтар дорад. Аз ин хотир, таклифи Е.В. Колесников асоси илмӣ ва қонунӣ надорад.

Тавре маълум аст, сарчашмаи ҳуқуқ шакли ифодаи расмии ҳуқуқ мебошад. Фармони меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ шакли расмии ифодаи меъёрҳои ҳуқуқ мебошад.

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои зерин дорад:

– намуди мустақили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад;

– дар доираи салоҳияти қонунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад;

– воситаи амалӣ гардидани салоҳияти сардори давлат мебошад;

– бевосита аз тарафи Сардори давлат ҳамчун субъекти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба роҳ монда мешавад;

– бо ҷалби кормандони Дастгоҳи иҷроия ва Ҳукумат ба сомон мерасад;

– хусусияти фаврӣ дошта, иҷрои салоҳияти Сардори давлат, пеш аз ҳама, салоҳияти идоракуниро бо мақсади идоракунии ҳамаҷонибаи соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа таъмин мекунад.

Дар робита бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аломатҳои зерини фармонҳои меъёрии ӯро муайян намудан мумкин аст:

1. Фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президент буда, хусусиятҳои ин намуди фаъолияти ҳуқуқэҷодуниро инъикос мекунанд.

2. Фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хусусиятҳояшон аз дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фарқ мекунанд ва дар байни мақоми махсус доранд.

3. Фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи ҳуқуқ буда, ҳамчун шакли расмии ифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ баромад мекунанд.

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита бо вазъи ҳуқуқии ӯ ба ду намуд ҷудо карда мешавад:

1) фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президент ҳамчун сарвари давлат;

2) фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президент ҳамчун Раиси Ҳукумат.

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат бо таҳия ва қабули фармонҳои меъёрӣ робита дорад. Ин фармонҳо хусусияти меъёрӣ дошта, меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар мекунанд, тағйир медиҳанд ё бекор мекунанд.

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарвари ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) бо иштироки сарвари давлат дар фаъолияти ҳуқуқэҷокунии Ҳукумат робита доранд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун раиси Ҳукумат ба амалӣ гардидани салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии Ҳукумат мусоидат мекунад.

Салоҳияти ҳуқуқэҷокунии Ҳукумати Тоҷикистон дар қонунгузорӣ муқаррар карда шудааст. Мутобиқи м. 29 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» [6]: «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Конститутсия, ҳамин Қонуни конститутсионӣ ва Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳо ва фармоишҳо қабул мекунад, ки иҷрои онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмист. Санадҳое, ки хусусияти меъёрӣ доранд дар шакли қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд» [6].

Дар м. 30 Қонуни конститутсионии зикршуда салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иштирок дар фаъолияти қонунгузорӣ кафолат дода мешавад [6]. Ҳукумат мутобиқи м. 30 Қонуни

конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» салоҳияти зерини ҳуқуқэҷодкунӣ дорад:

– «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дорад» (қисми 1 м. 30) [6];

– «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи тайёр намудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд, таҳия ва тасдиқ мекунад» (қисми 3 м. 30) [6];

– «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба лоиҳаи қонунҳо хулосаи хаттӣ медиҳад, ки онҳо ба субъекти ташаббуси қонунгузорӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода мешаванд» (қисми 4 м. 30) [6].

Тавре мушоҳида мешавад, Ҳукумати Тоҷикистон аз як тараф мақоми марказии ҳокимияти иҷроия буда, аз тарафи дигар хулосаи худро оид ба лоиҳаи қонун медиҳад. Табиист, ки хулосаи манфӣ парламентро водор мекунад, ки лоҳиҳаи қонунро такмил диҳад. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки Ҳукумат бевоита дар фаъолияти қонунгузории парламент иштирок мекунад. Ба ибораи дигар, самаранокии фаъолияти қонунгузории парламент аз хулосаи мусбии Ҳукумат вобастагӣ дорад. Илова бар ин, маҷлисҳои Ҳукумат одатан бо иштироки Президент мегузаранд. Президент, ки айни замон Раиси Ҳукумат мебошад, дар таҳия ва қабули хулосаи ҳукуматӣ оид ба лоиҳаи қонун бевосита иштирок мекунад.

Дар м. 31 Қонуни конститутсионии зикршуда [6] салоҳияти аъзои Ҳукумат ба иштирок дар фаъолияти парламент ва мақомоти таркибии он кафолат дода мешавад. Мутобиқи м. 31 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон»:

«Аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд дар ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаласаҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси

намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кумита ва комиссияҳои онҳо мутобиқи Дастури онҳо иштирок намоянд ва баромад кунанд» [6].

Таҳлили қонунгузорӣ нишон медиҳад, ки аъзои Ҳукумат дар фаъолияти қонунгузории парламент иштирок мекунанд. Қонунгузории ҷумҳурӣ ба робитаи судманди байни парламент ва Ҳукумат шароити мусоид фароҳам овардааст.

Дар таҷрибаи Тоҷикистон қонунҳҳое амал мекунанд, ки дар таҳияи лоиҳаи онҳо вакилони парламент иштирок намекунанд. Мутобиқи м. 59 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Лоиҳаи қонун дар бораи буҷет, оид ба муқаррар кардан ва бекор кардани андозҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешавад» [1].

Тавре маълум мешавад, таҳияи лоиҳаи қонунҳои болотар зикршуда ва пешниҳоди онҳо ба парламент салоҳияти бевоситаи Ҳукумат мебошад. Ҳолати мазкур собит менамояд, ки Ҳукумати Тоҷикистон аз як тараф мақоми марказии ҳокимияти иҷроия буда, аз тарафи дигар салоҳияти қонунгузорӣ дорад. Мафҳуми салоҳияти қонунгузорӣ аз мафҳуми салоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ фарқ дорад. Ҳукумат дар доираи салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии худ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои фардӣ қабул мекунад. Айни замон Ҳукумат дар доираи салоҳияти қонунгузории худ лоиҳаи қонуни буҷет ва қонуни андозҳоро мустақилона таҳия намуда, онро ба парламент пешниҳод мекунад.

Қарорҳои меъёрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо имзои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул мешаванд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита дар фаъолияти ҳуқуқэчодкунии Ҳукумат, аз ҷумла дар давраи қабули қарорҳои меъёрӣ бевосита иштирок мекунад. Аз ин хотир, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Ҳукумат мебошад.

Хусусияти дигари фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки бевоситаи сарвари давлат дар фаъолияти

қонунэҷодкунӣ муайян карда мешавад. Мутобиқи м. 59 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Лоиҳаи қонун дар бораи авф аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешавад» [1].

Пешниҳоди лоиҳаи қонуни авф ба салоҳияти Президент дохил мешавад. Ин салоҳият аз тарафи дигар мақомоти давлатӣ, аз он ҷумла Маҷлиси намояндагон амалӣ карда намешавад. Таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур иштироки бевоситаи сарвари давлатро талаб мекунад. Аз ин хотир, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти фаъолияти қонунэҷодкунии парламенти ҷумҳурӣ мебошад.

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо амалӣ намудани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ алоқаманд аст. Мутобиқи м. 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Аъзои Маҷлиси миллӣ, вакили Маҷлиси намояндагон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Тоҷикистон, Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доранд» [1].

Тибқи м. 62 Қонуни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»: «Лоиҳаҳои санадҳои қонунгузорие, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегарданд, бо тартиби муқаррарнамудаи онҳо бо мақомоти манфиатдор мувофиқа карда мешаванд» [12].

Тавре М.А. Маҳмудзода ва Р.Ш. Шарофзода қайд мекунанд: «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси сарвари ҳам давлат ва ҳам ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) аз ташаббуси қонунгузорӣ истифода мебарад» [126, с. 17-18].

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро дар доираи ду вазъи ҳуқуқӣ – сарвари давлат ва Раиси Ҳукумат амалӣ мекунад. Президент ҳамчун сарвари давлат бевосита аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ истифода намуда,

лоиҳаи қонун ё таклифи қонунгузориро ба парламент пешниҳод мекунад. Ҳамзамон бо ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарвари ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории худро якҷоя бо ташаббуси қонунгузории Ҳукумат амалӣ мекунад.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба парламент яке аз шаклҳои нави ифодаи ташаббусҳои қонунгузории сарвари давлат мебошад. Тавре М.А. Маҳмудзода ва Р.Ш. Шарофзода қайд мекунанд: «Таклифҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бештар дар шакли Паёмҳои сарвари давлат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд. Дар ҳар як Паёми сарвари давлат ин ё он таклифи қонунгузорӣ пешниҳод мешавад. Аз ин рӯ, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли нави амалӣ гашатни ташаббусҳои қонунгузории сарвари давлат маҳсуб мешавад» [126, с. 21-22].

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо имзои қонун дар яке аз давраҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ робита дорад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи банди 14 м. 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қонунҳо имзо мегузорад [1].

Ба ақидаи як қатор олимон Президент сарвари ҳокимияти иҷроия буда, бо мақсади пешгирӣ намудани ҳолатҳои аз ҳадди ваколат баромадани ҳокимияти қонунгузор аз ҳуқуқи имзо накардани қонун истифода мебарад [128, с. 673]. Ба ақидаи олимони дигар Президент ба ҳокимияти иҷроия мансубият надошта, умуман, бо низоми таҷзияи ҳокимият ягон робита надорад [216, с.680].

Бе имзои сарвари давлат интишори қонун ғайриимикон аст. Имзои қонун аз тарафи сарвари давлат заминаи ҳуқуқии интишори қонун маҳсуб мешавад. Илова бар ин, мутобиқи м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳо пас аз интишори расмӣ амал мекунанд. Аз ин хотир, имзои қонун аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шарти интишор ва эътибори ҳуқуқӣ пайдо намудани қонунҳо мебошад. Аз ин

ҷо маълум мешавад, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти фаъоли раванди ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад.

Илова бар ин, мутобиқи м. 62 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Қонунҳо барои имзо ва интишор ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд. Агар Президент ба қонун ё қисми он розӣ набошад, қонунро дар муддати понздаҳ рӯз бо далелу эродҳо ба Маҷлиси намояндагон бармегардонад. Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон бо тартиби муқарраркардаи Конститутсия қонуни мазкурро такроран баррасӣ менамоянд. Дар сурати баррасии такрорӣ қонун дар матни пештар қабулшудааш бо аксарияти аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон дастгирӣ ёбад, Президент дар муддати даҳ рӯз ба қонун имзо мегузорад ва онро интишор менамояд» [1].

Тавре аз матни моддаи мазкур бармеояд, имзо ва интишори қонун ба доираи салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешавад. Сарвари давлат қонунро имзо ва интишор менамояд. Сарвари давлат салоҳияти имзо накардани қонунро низ дорад. Аз ин хотир, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти фаъоли ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Бе имзо ва интишори қонун ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ ба итмом намерасад.

Ҳамчунин, мутобиқи қисми дуюми м. 62 Конститутсия: «Ҳангоми баррасии қонуни аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонишуда, ки онро пештар Маҷлиси намояндагон бо аз се ду ҳиссаи овозҳо қабул намуда буд, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон онро такроран бо аксарияти на катар аз се ду ҳиссаи овозҳо тарафдорӣ мекунад» [1].

Мутобиқи қисми сеюми м. 62 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1]: «Агар Президент қонуни конститутсиониро баргардонад, Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ бо тартиби муқарракардаи Конститутсия қонуни мазкурро такроран баррасӣ менамояд. Дар сурати баррасии такрорӣ қонуни конститутсионӣ дар матни пештар

қабулшудааш бо аксарияти аз чор се ҳиссаи шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон тасдиқ мешавад. Президент дар муддати даҳ рӯз ба қонуни конститутсионӣ имзо мегузорад ва онро интишор менамояд» [1].

Дар натиҷаи таҳлили гузаронидашуда хусусиятҳои зерини фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат муайян карда мешаванд:

– сарвари давлати Тоҷикистон салоҳияти васеи ҳуқуқэҷодкунӣ дошта, онро дар соҳаҳои зерин амалӣ мекунад: дар соҳаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии худ; дар соҳаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Ҳукумат; дар соҳаи фаъолияти қонунгузории парламент;

– фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо доираи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат маҳдуд намешавад, чунки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти фаъол ва бевоситаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад;

– лоиҳаи қонун дар бораи авф танҳо аз тарафи сарвари давлат ба парламент пешниҳод мешавад;

– ба қонунҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо мегузорад ва аз ин хотир, бе имзои сарвари давлат ягон қонун интишор намешавад ва эътибори ҳуқуқӣ пайдо намекунад.

Хусусиятҳои фаъолияти ҳукуқэҷодкунии сарвари давлат дар давлатҳои ҳамсоя низ мушоҳида мешаванд. Чунончӣ, Е.Б. Бондаретс салоҳияти Президенти Россияро ба ду гурӯҳ чудо мекунад: «фаъолияти бевоситаи ҳукуқэҷодкунӣ ва иштироки Президент дар ҷараёни қонунгузорӣ» [171, с. 44].

Хусусияти дигари фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ваколатҳои истисноии сарвари давлат муайян карда мешавад. Президент дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ салоҳияте дорад, ки дигар ягон мақомоти давлатӣ надорад. Ба ин салоҳият дохил мешаванд:

– бекор кардан ё боздоштани санадҳои зиддиконститутсионӣ ва зиддиқонунии мақомоти ҳокимияти иҷроия;

– имзои шартномаҳои байналмилалӣ (бо тасдиқи минбаъда дар Маҷлиси намояндагон);

– баровардани фармон оид ба эълон намудани ҳолати ҷанг (бо тасдиқи минбаъдаи он дар парламент);

– баровардани фармон оид ба эълон намудани вазъияти умумиҷумҳуриявӣ ва қисмии фавқулодда (бо тасдиқи минбаъадаи он дар парламент).

Тавре маълум аст, ҳуқуқэҷодкунӣ қабул, тағйир ва қатъи меъёрҳои ҳуқуқиро дар назар дорад. Қатъи амали санадҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия дар шакли бекоркунӣ ё боздории амали онҳо сурат мегирад. Салоҳияти дигари истисноии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат амалӣ карда мешавад, чунки қабули фармонҳои дахлдорро пешбинӣ мекунад.

Ҳамин тариқ, шаклҳои зерини иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷой доранд:

1. Амалӣ намудани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ.

2. Имзо ва интишори қонун.

3. Пешниҳоди лоиҳаи қонуни авф дар доираи салоҳияти истисноӣ.

4. Иштироки бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Ҳукумат ҳамчун сарвари ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат).

5. Таклифҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар паёмҳои ҳарсолаи сарвари давлат ба парламенти ҷумҳурӣ.

6. Қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (фармонҳои меъёрӣ) дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа аз тарафи сарвари давлат.

7. Пешниҳоди таклифҳои қонунгузорӣ доир ба доираи номаҳдуди масъалаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҳамчун Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат.

8. Бекор кардан ё боздоштани санадҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия.

9. Имзо ва ба тасдиқи Маҷлиси намояндагон пешниҳод намудани шартномаҳои байналмилалӣ.

10. Эълон намудани ҳолати ҷанг ва пешниҳод намудани фармон ба парламент.

11. Эълон намудани вазъияти фавқулодда ва пешниҳод намудани фармон ба парламент.

## 2.3. Таҳия, интишор ва эътибори ҳуқуқии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Фармонҳои сарвари давлат намуди санади ҳуқуқӣ ва аз ин хотир, ҳуҷҷати расмии ҳуқуқи буда, бо тартиби муайян, ки дар қонунгузорӣ муайян карда шудааст, таҳия ва интишор карда мешаванд. Таҳияи санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат бо риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад. Айни замон тартиби таҳияи лоиҳаи санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тансуб бо таҳияи санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ хусусиятҳои худро дорад.

Санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ расман интишор мешаванд. Интишори расмии санади меъёрии ҳуқуқӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ шарти асосии эътибори ҳуқуқӣ пайдо намудани санад аст. Интишори санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як тараф дар доираи тартиби умумие, ки барои интишори дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар карда шудааст, ба роҳ монда мешавад. Аз тарафи дигар интишори санадҳои сарвари давлат бо дарназардошти нуфузи баланди ин санадҳо ҳамчун санадҳои сарвари давлат, инчунин, таваҷҷуҳи аҳли ҷомеа ба санадҳои сарвари давлат, нақши ҳалкунандаи санадҳои мазкур дар рушди давлат ва ҷомеа аҳаммияти сиёсӣ дорад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи тартиби таҳия ва интишори санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ҳолатҳои зерин аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад:

1. Тартиби таҳияи санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо таҳияи санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ хусусиятҳои худро дорад. Муайян намудани ин хусусиятҳо барои такмили минбаъдаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат аҳаммият дорад.

2. Тартиби таҳияи санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» маҳдуд намешавад. Таҳияи санадҳои сарвари давлат бо Низомномаи дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ танзим мешавад. Дар як қатор давлатҳои аъзои ИДМ, аз ҷумла Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Беларус санадҳои алоҳида дар ин соҳа амал мекунанд. Таҷрибаи давлатҳои аъзои ИДМ собит менамояд, ки тартиби таҳия ва интишори санадҳои сарвари давлат хусусиятҳои худро дорад.

3. Санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат доимо таваҷҷуҳи аҳли ҷомеаро ба худ ҷалб мекунанд. Онҳо дар доираи салоҳияти васеи сарвари давлат ва оид ба масъалаҳои ҳаётан муҳим қабул мешаванд, ба рушди ҷомеа такони ҷиддӣ мебахшанд.

4. Санадҳои роҳбари давлат робитаи судманди ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатиро таъмин мекунанад, аз ҷумла дар ташкили мақоми қонунгузор (таъини интихобот, даъвати иҷлосияи якуми Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон), ташаккул ва инкишофи низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия ва низоми судӣ нақши ҳалкунанда доранд. Санадҳои сарвари давлат оид ба ҳама гуна масъалаи ҳаёти давлат ва ҷомеа қабул мешаванд. Як қатор санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти истисноии сарвари давлат, аз ҷумла оид ба эълон намудани ҳолати ҷанг ва ҷорӣ намудани вазъияти фавқулодда қабул шуда, барои мудофиаи давлат, таъмини амнияти давлатӣ нақши ҳалкунанда доранд.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 марти соли 2014, №181 [37] «Низомномаи дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ шудааст. Мутобиқи б. 14 ин Низомнома [74] ба зиммаи мақоми мазкур назорати иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст. Тибқи б. 15 Низомномаи мазкур Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини иҷрои салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат функсияҳои зеринро амалӣ мекунад:

– ташкили таҳияи лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи Президент ва Ҳукумат дар доираи ташаббуси қонунгузорӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ пешниҳод мешаванд;

– ташхиси ҳуқуқии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

– таҳия ва бо тартиби муқарраргардида ба баррасии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумат пешниҳод кардани лоиҳаҳои қонунҳо, фармону амрҳои роҳбари давлат, қарору фармоишҳои Ҳукумат;

– ба расмият даровардани санадҳои ҳуқуқии роҳбари давлат ва Ҳукумат;

– таъмини аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ баргардонидани қонун ё қисми он барои баррасии такрорӣ;

– мунтазам ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон додани маълумот вобаста ба ҳолати раванди қонунгузорӣ дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва масъалаҳое, ки аз ҷониби вакилони халқ баррасӣ мешаванд ва фаҳмонидани мавқеи роҳбари давлат оид ба лоиҳаи қонун;

– воқиф намудани Президент ва Ҳукумат оид ба бекор кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти марказии идоракунӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

– мутобиқи талаботи қонунгузорӣ ва меъёрҳои коргузорӣ сари вақт ба маълумоти иҷрокунандагон расонидани санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– бо тартиби муқарраргардида мусоидат намудан ба нашри санадҳои ҳуқуқии Президент ва Ҳукумат, инчунин, шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ба роҳ мондани ҳамоҳангсозӣ ва назорати фаъолияти вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти идоракунии давлатӣ, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис медиҳад, кумитаҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати аз ҷониби онҳо иҷро гардидани талаботи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳукуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазир ва муовинони ӯ, Роҳбари Дастгоҳи Президент ва муовинони ӯ;

– таҳияи пешниҳодҳо оид ба механизми ҳамоҳангсози сиёсат дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ ва рушди миллӣ, суботи дохилии сиёсӣ, рушди устувори соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, дигар самтҳои мубрами рушди давлат ва таъмини таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаҳои мазкур;

– супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукуматро иҷро менамояд ва иҷрои онҳоро назорат мекунад [74].

Илова бар ин, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Тоҷикистон тибқи банди 17 Низомномаи зикршуда оид ба рафъи камбудию ҷиҳати таъмини татбиқи фармонҳо, амру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ пешниҳодҳо ирсол менамояд, лоиҳаҳои қонунҳо, санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукуматро, ки вазорату идораҳо бе риояи тартиби муқарраргардида барои баррасӣ пешниҳод намуданд, ба онҳо бармегардонад; лоиҳаҳои фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро

барои имзо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои қабулнамудаи Ҳукуматро барои имзо ба Раиси Ҳукумат пешниҳод мекунад; масъалаҳои дар воситаҳои ахбори омма нашр намудани фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳал менамояд [74].

Ҳамчунин, Роҳбари Дастгоҳ мутобиқи банди 18 Низомнома ҳуқуқ дорад санҷишҳо ва назорати иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил карда, бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда ва норасогиҳои ҷойдоштаро вобаста ба татбиқи онҳо талаб намояд; ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда ва норасогиҳои ҷойдоштаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумат тавсияҳои методӣ таҳия намояд [74].

Ҳамин тариқ, Дастгоҳи иҷроия самаранокии фаолияти ҳуқуқэҷодкунии Президент давлат ва Ҳукуматро таъмин мекунад. Салоҳияти ин мақоми давлатиро ба тариқи зайл гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст:

а) таҳияи лоиҳаҳои қонунҳое, ки аз ҷониби сарвари давлат ва Ҳукумат Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешаванд;

б) таҳия ва ба баррасии Президент ва Ҳукумат пешниҳод намудани фармону амрҳои сарвари давлат, қарору фармоишҳои Ҳукумат;

в) ташхиси санадҳои ҳуқуқии Президент ва Ҳукумат;

г) ба расмият даровардани санадҳои ҳуқуқии Президент ва Ҳукумати ҷумҳурӣ;

д) таъмини интишори санадҳои ҳуқуқии Президент ва Ҳукумати ҷумҳурӣ;

е) мониторинги татбиқи санадҳои ҳуқуқии Президент ва Ҳукумати ҷумҳурӣ;

ж) иҷрои супоришҳои сарвари давлат ва ҳукумат ва назорати иҷрои онҳо.

Ҳамин тариқ, тартиби таҳия ва интишори фармонҳо ва амрҳои сарвари давлат дар ҳуҷҷати алоҳидаи ҳуқуқӣ муайян карда мешавад.

Барои таҳия ва нашри санадҳои ҳуқуқии роҳбари давлат дар таносуб аз ҳамаи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тартиби алоҳида муқаррар карда мешавад. Тавре таҳлили бандҳои Низомномаи дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, тартиб ва раванди таҳия ва нашри санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо таҳия ва интишори фармону амрҳои сарвари давлат маҳдуд нашуда, таҳия ва нашри қарорҳо ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ дар бар мегирад. Меъёри мазкур барои он муқаррар карда шудааст, ки фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Ҳукумати Тоҷикистон бо иштироки бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

Илова бар ин, Котиботи Сарвазири Тоҷикистон, ки кори ташкилӣ-ҳуқуқиро иҷро мекунад, ҷузъи таркибии Дастгоҳи иҷроияи Президент мебошад. Ба фаъолияти он Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президент роҳбарӣ мекунад. Меъёри мазкур бо дарназардошти Раиси Ҳукумат будани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст.

Сардори Раёсат, мудири шуъба ва бахши мустақили Дастгоҳи Президент мутобиқи қисми 5 банди 36 Низомнома [74]: «ба Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовинони ӯ ва Роҳбари Дастгоҳ дар хусуси ба вазоратҳо, кумитаҳои давлаӣ, идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ баргардонидани лоиҳаҳои санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бар хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, бе риояи талаботи Дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастурамали коргузорӣ дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидаанд, пешниҳод манзур менамояд» [74].

Аз матни банди мазкур маълум мешавад, ки Дастгоҳи иҷроия салоҳияти назоратиро дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ амалӣ мекунад, аз ҷумла мутобиқати лоиҳаи санади ҳуқуқии роҳбари давлат ва Ҳукуматро ба қонунгузорӣ ва Дастури коргузории Дастгоҳи иҷроия месанҷад. Аз ин ҷо маълум мешавад, салоҳияти назорати мутобиқати санадҳои ҳуқуқиро ба қонунгузорӣ на танҳо мақомоти бо Конститутсия ваколатдоршуда, балки Дасгоҳи иҷроия низ амалӣ мекунад. Илова бар ин, аён мегардад, ки лоиҳаҳои санадҳои Президент ва Ҳукумат бо иштироки сохторҳои Дастгоҳи иҷроия, мақомоти марказии идоракунӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҳия карда мешаванд.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 сентябри соли 2009, №706 (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июни соли 2014, №213) [63] «Тартиби интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» тасдиқ шудааст.

Тавре маълум мешавад, барои нашри расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президент, Ҳукумат, мақомоти маҳаллии давлатӣ, ҷамоати шаҳрак ва деҳот тартиби алоҳида муқаррар карда шудааст. Айни замон тартиби махсуси таҳияи лоиҳаҳои ҳамаи санадҳои ҳуқуқии Президент ва Ҳукумат ҷой дорад. Тартиби муқарраршудаи интишор танҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президент ва Ҳукумат паҳн мешавад. Ҳолати мазкур барои он ҷой дорад, ки интишори санадҳои меъёрӣ ва санадҳои ҳуқуқии Президент аз ҳамдагар фарқ дорад.

Дар ҳуҷҷати мазкур тартиби интишори расмии фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо имзои сарвари давлат қабул мешаванд, танзим мешавад. Мутобиқи банди 4 ҳуҷҷати зикршуда фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ғайр аз санадҳо ва ё муқаррароти алоҳидаи онҳо, ки махфӣ мебошанд,

ҳатман ба таври расмӣ интишор карда мешаванд. Мутобиқи банди 5 ҳуҷҷати мазкур санадҳои меъёрии дар боло зикршуда дар давоми 10 рӯз баъд аз ба имзо расидани онҳо дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» ба таври расмӣ интишор карда мешаванд.

Мутобиқи банди 6 ҳуҷҷати зикршуда [63] санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хусусияти меъёрии ҳуқуқӣ доранд, аз рӯзи интишори расмӣ эътибор пайдо мекунанд. Эътибори санадҳои дигари Президент, аз он ҷумла санадҳои махфӣ бо рӯзи имзо шаданашон алоқаманд аст.

Тавре аз манти банди зикршуда маълум мешавад, фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзи интишори расмӣ эътибор пайдо мекунанд. Фармонҳои ғайримеъёрӣ (фардӣ ё ҳуқуқтатбиққунанда) ва амрҳои сарвари давлат аз рӯзи ба имзо расиданашон эътибор пайдо мекунанд.

Тартиби гуногуни эътибори ҳуқуқӣ пайдо намудани санадҳои ҳуқуқии Президент барои он муқаррар карда шудааст, ки фармонҳои меъёрӣ эътибори баландтари ҳуқуқӣ доранд, мазмуни меъёрӣ дошта, меъёрҳои ҳуқуқии навро муқаррар мекунанд ё меъёрҳои амалкунандаро тағйир медиҳанд.

Интишори ҳатмии фармонҳои меъёрии Президент нуфузи онҳоро бо қонун баробар мекунад. Тавре маълум аст, қонунҳои Тоҷикистон пас аз интишори расмӣ эътибори ҳуқуқиро соҳиб мешаванд. Ҳолати мазкур бори дигар собит менамояд, ки фармонҳои сарвари давлатамон нуфузи баланд доранд.

Мутобиқи банди 7 ҳуҷҷати зикршуда санадҳои меъёрии Ҳукумат аз рӯзи интишори расмӣ эътибор пайдо мекунанд. Дигар санадҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла санадҳое, ки сирри давлатӣ ва маълумоти дигари бо қонун ҳифзшавандаро инъикос мекунанд, аз рӯзи ба имзо расиданашон эътибор пайдо мекунанд.

Айни замон қоидаҳои истисноӣ аз муқаррароти дар боло зикршуда пешбинӣ мешаванд. Чунончӣ, мутобиқи банди 8 ҳуҷҷати зикршуда дар санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст муҳлатҳои дигари мавриди амал қарор додани онҳо муқаррар карда шаванд.

Эътибори ҳуқуқии фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳолатҳои зерин муайян карда мешавад:

1. Фармонҳои меъёрии сарвари давлат ҳамаи аломатҳои санади меъёриро доранд, меъёрҳои ҳуқуқии умумиҳатмиро дар бар мегиранд. Аломатҳои зикршудаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар асарҳои илмӣ аз ҷониби бештари олимон пазируфта мешаванд [147, с. 268; 148, с. 289; 150, с. 17].

2. Фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавқеи муайян доранд. Эътибори ҳуқуқии фармонҳои сарвари давлат бо дарназардошти мавқеи онҳо дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Эътибори ҳуқуқии фармонҳои сарвари давлат аз қонунҳо пасттар ва аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ баландтар мебошад. Ин ақида маъмулӣ буда, дар асарҳои илмӣ васеъ истифода мешавад [175, с. 11-34].

3. Фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи ҳуқуқ буда, бо онҳо намудҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятӣ танзим карда мешаванд. Дар асарҳои илмӣ ақида дар бораи сарчашмаи ҳуқуқ будани фармонҳои сарвари давлат якдилона пазируфта мешавад [98, с. 492].

Ба ақидаи Д.А. Лагун фармонҳои сарвари давлат эътибори ҳуқуқии махсус доранд, чунки дар асоси Конститутсия ва қонун қабул мешаванд. Дар ин замина муаллиф эътибори ҳуқуқии фармонҳоеро, ки дар асоси Конститутсия ва дар асоси қонун қабул мешаванд, ҷудо намуда, ба хулоса меояд, ки фармонҳои дар асоси Конститутсия қабулшуда бояд ба Конститутсия, вале на қонун мутобиқат дошта бошанд [249].

И.В. Мурашкина бошад, ақида пешниҳод мекунад, ки эътибори ҳуқуқии фармонҳои дар асоси Конститутсия қабулнамудаи сарвари давлати Беларус аз қонун баландтар аст [203, с. 19].

Чунин ақида қобили қабул нест, чунки эътибори ҳуқуқии қонун дар ҳама ҳолат аз фармони сарвари давлат баландтар аст. Айни замон ақидаи таносуби қонун ва фармони сарвари давлат бо дарназардошти таҷрибаи Ҷумҳурии Беларус пешниҳод мешавад. Тибқи м. 28 Қонуни Ҷумҳурии Беларус аз 21 феврали соли 1995 «Дар бораи Президенти Ҷумҳурии Беларус» [13] эътибори ҳуқуқии фармонҳои Президент нисбат ба санадҳои дигар мақомот ва шахсони мансабдор баландтар аст. Дар заминаи ин меъёр як қатор муҳаққиқони кишвари Беларус ба хулоса омадаанд, ки эътибори ҳуқуқии фармонҳои сарвари давлат, ки дар асоси Конститутсия қабул шудаанд, нисбат ба қонун баландтар аст. Ҳамзамон бо ин, ақидаи мазкур ҷонибдорони зиёд надорад [249].

Ба ақидаи як қатор олимони Беларус таносуби эътибори ҳуқуқии фармони Президент ва қонун набояд муқоиса карда шавад, чунки онҳо дар асоси салоҳияти Президент ва парламент қабул карда мешаванд [213, с. 133; 233, с. 9]. Илова бар ин, дар асарҳои илмии кишвари Беларус масъалаи таносуби фармонҳои Президент ва Ҳукумат бардошта мешавад [109, с. 51]. Ин масъала дар адабиёти илмии Россия низ маврди омӯзиш қарор дорад. Чунончӣ, ба ақидаи В. Лучин «агар қарор бевосита ба салоҳияти ҳукумат тааллуқ дошта бошад, пас он бояд ҳамчун санади ҳукумат, на сарвари давлат ба расмият даровarda шавад» [122, с. 16]. Нуқтаҳои назари мубоҳисавӣ оид ба таносуби фармонҳои Президент ва санадҳои ҳукумати Беларус асосан дар заминаи аниқ набудани доираи слоҳияти Президент ва ҳукумат пайдо мешавад [249]. Дар робита бо ин масъала дар асарҳои илмӣ ақидаҳо оид ба доираи аниқи салоҳияти меъёрэҷодкунии сарвари давлат, имконияти ташаккули «ҳуқуқи фармонбарорӣ» ва «қонунгузории фармонпоянда» пешниҳод мешаванд [192, с. 36].

Аксарияти олимон бар ақидаанд, ки эътибори ҳуқуқии Конститутсия ва қонун нисбат ба фармонҳои сарвари давлат баландтар аст. Ин ақидаи маъмулӣ буда, дар илм пазируфта мешавад. Ин ақидаро муҳақиққони Тоҷикистон низ дастгирӣ мекунанд. Чунончӣ, ба ақидаи И. Камолзода «қонун нисбат ба фармон афзалият дорад», чунки «бо мақсади иҷрои қонун» ва «мутобиқи қонун» қабул мешвванд ва ин ҳолат ба он ишора мекунад, ки фармон хусусияти «меъёрӣ дорад» [187, с. 16].

Ақидаи мазкур дар илми ҳуқуқии давлатҳои ҳамсоя низ ҷонибдорӣ карда мешавад. Чунончӣ, Г.Т. Искакова бо дарназардошти таҷрибаи давлати Қирғизистон ба хулоса меояд, ки фармони Президент «санади меъёрии умумиҳатмии зерқонунӣ буда, эътибори он аз Конститутсия ва қонунҳои мамлакат пасттар аст» [185, с. 158].

Дар қонунгузории Тоҷикистон эътибори ҳуқуқии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аниқ муайян карда шудааст. Тибқи банди 1, қисми 4, м. 89 Конститутсия Суди конститутсионӣ мувофиқатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба Конститутсия муайян менамояд [1]. Президент мутобиқи банди 1 м. 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» [12]: «дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузорӣ дар доираи салоҳияти худ фармон мебарорад ва амр медиҳад» [12]. Мутобиқи м. 23 ҳамин Қонун «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асос ва барои иҷрои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои қонунгузорӣ ва фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор ва фармоиш қабул мекунад» [12].

Дар натиҷаи тафсири моддаҳои дар боло зикршуда ба хулоса омадан мумкин аст, ки эътибори ҳуқуқии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Конститутсия ва дигар санадҳои қонунгузорӣ пасттар аст. Ҳамчунин, эътибори ҳуқуқии фармонҳои сарвари давлат аз қарорҳои Ҳукумат баландтар аст.

# БОБИ 3. НАҚШИ ФАРМОНҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР РУШДИ ҲАЁТИ ДАВЛАТӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ

## 3.1. Нақши фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар рушди низоми қонунгузорӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ

Фармонҳои сарвари давлат дар ҳамаи давлатҳо маъмулан дар рушди ҳаёти ҳуқуқӣ нақши муҳим доранд. Дар ин соҳа сарвари давлат салоҳияти васеъ дорад. Тавре маълум аст, инкишофи ҳаёти ҳуқуқӣ асосан дар самти қонунгузорӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният таъмин карда мешавад. Низоми қонунгузорӣ асосҳои ҳуқуқию меъёрии инкишофи ҳаёти ҳуқуқиро тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъмин мекунад. Сарвари давлат маъмулан салоҳияти имзо ва интишори қонунро дошта, бо фармонҳои худ ба идоракунии давлатии соҳаҳои гуногун мусоидат менамояд. Фармонҳои сарвраи давлат бевосита қонуният ва тартиботи ҳуқуқиро таъмин менамоянд. Бо фармонҳои сарвари давлат кадрҳои болаёқат дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқӣ ба вазифа таъин карда мешаванд. Сарвари давлат дар ташкили низоми судӣ бевосита иштирок мекунад. Бо мақсади таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ аз тарафи давлат сарвари давлат маслиҳату пешниҳодҳо дода шуда, таваҷҷуҳи роҳбарони мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ба муҳимтарин масъалаҳо оид ба пешгирии ҷинояткорӣ, терроризм ва экмтремизи ҷалб карда мешавад.

Қонунгузорӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ соҳаҳои ҳаётан муҳимми ҳаёти ҳуқуқӣ буда, аз сифати қонунгузорӣ, риоя ва иҷрои санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, интизом, тартибот ва масъулияти ҳуқуқӣ дар ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ рушди устувор ва муътадили умуман ҷомеа вобастагӣ дорад. Аз ин хотир, ҳамаи санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат, аз он ҷумла фармонҳо дар

рушди қонунгузорӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ нақши муҳим доранд.

Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ нақши ҳалкунанда доранд. Дар солҳои истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби сарвари давлати Тооҷкистон Эмомалӣ Раҳмон сисилаи фармонҳо доир ба доираи васеи масъалаҳои ҳаётан муҳим қабул карда мешаванд.

Давраи аввали фаъолияти сарвари давлати Тоҷикистон ба солҳои вазнини иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии мамлакат рост омада буд. Аз ин хотир, дар ҳамин давра фармонҳо ва санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат бо мақсади таъмини асосҳои меъёрии ҳаёти ҳуқуқӣ, ба эътидол овардани вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсии мамлакат, таъмини волоияти қонун, пешгирии ҷинояткорӣ, таъмини амният ва ҳаёти осудаҳолонаи шаҳрвандон қабул карда мешаванд. Рушди ҳаёти ҳуқуқии мамлакат дар солҳои минбаъда нишон дод, ки маҳз фармонҳои сарвари давлати Тоҷикистон дар инкишофи ҳаёти ҳуқуқӣ нақши асосиро бозиданд.

Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ин давра бо мақсади таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, вазъи муътадили сиёсиву ҷамъиятӣ, сулҳ, ваҳдати миллӣ, танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, ки ба миён омада буданд, қабул карда мешаванд. Чунончӣ, 24 июни соли 1996 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи таъсиси шурои Президентиии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» [41]. қабул карда мешавад. Фармони мазкур бо мақсади татбиқи самараноки салоҳияти Президенти мамлакат, мусоидат намудан ба мӯътадил гардидани вазъи иҷтимоӣ, сиёсӣ, муттаҳид намудани миллату халқҳои мамлакат, ниҳодҳои иҷтимоию сиёсӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзии кишвар, муҳокимаи пешакии масъалаҳои муҳимтарини давлатӣ, ҷамъиятӣ ва сиёсӣ қабул карда мешавад. Бо Фармони мазкур Низомномаи Шурои Президентии назди сарвари давлат тасдиқ карда мешавад.

Солҳои 1994-1999 миқдори зиёди фармонҳои роҳбари давлат дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлат ва ҷомеа, аз ҷумла дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, илм ва маориф, саноат, рушди ҳаёти сиёсӣ, мубориза бо терроризм, ҷиноятҳои иқтисодӣ ва коррупси қабул карда мешаванд. Фармонҳои мазкур дар давраи мураккаб гардидани вазъияти сиёсӣ, иҷттимоӣ, иқтисодии мамлакат қабул шуда, ба таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мусоидат намуданд. Онҳо барои ба эътидол овардани вазъияти душвори иҷтимоӣ-иқтисодӣ аҳаммияти калон доштанд. Дар ин солҳо фармонҳои роҳбари давлатамон дар ҷомеа, дар байни шаҳрвандон, гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоии аҳолӣ нуфузи баланд дошта, якдилона дастгирӣ карда шуданд. Дар заминаи ин фармонҳо самтҳои асосии сиёсати дохилӣ дар самти таъмини қонуният муайян карда шуданд.

Тавре маълум аст, сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ кафили ислоҳоти ҳуқуқӣ, риоя ва иҷрои қонунҳо, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ мебошад. Тарбияи ҳуқуқӣ дар боло бурдани сатҳи шуури ҳуқуқӣ нақши асосӣ мебозад. Аз ин хотир, бо мақсади таъмини волоияти қонун дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлатӣ, боло бурдани сатҳи шуури ҳуқуқии аҳолӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 9 апрели соли 1997 [55] қабул карда мешавад.

Фармони мазкур дар ташкили кори муташаккилонаи ташвиқоти ҳуқуқӣ ва таълими ҳуқуқӣ саҳми калон гузошт. Дар доираи татбиқи он як қатор тадбирҳо дар самти таъмини фаъолияти ташвиқотии Вазорати адлия амалӣ карда мешаванд. Бо мақсади иҷрои фармони мазкур Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон барои солҳои 2009-2019 қабул карда мешавад. Ҳаҷҷати мазкур дар ташкили низоми ягона ва муташаккили таълиму тарбияи ҳуқуқӣ дар қаламрави мамлакат саҳми калон мегузорад. Солҳои минбаъда барномаҳои нав бо дарназардошти тағйири шароити ҳаёти ҷомеа қабул мешаванд. Ин барномаҳои давлатӣ,

ки дар доираи иҷрои фармонҳои сарвари давлатамон қабул мешаванд, барои боло бурдани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон аҳаммияти аввалиндараҷа дошта, ҳамчунин, ба раванди ислоҳоти раванди таълиму тарбияи ҳуқуқӣ мусоидат менамоянд. Тавре маълум аст, сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ кафолати таъмини қонуният мебошад. Қабул ва амалӣ гардидани ин барномаҳои давлатӣ ҷузъи сиёсати давлат дар соҳаи таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мебоанд.

Тавре маълум мешавад, тадбирҳои давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҳуқуқӣ ва боло бурдани шуури ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон дар охири солҳои 1990-ум ва ибтидои солҳи 2000-ум маҳз дар заминаи Фармони сарвари давлат амалӣ карда мешаванд. Роҳбарияти давлат дар ҳамон давра дарк карда буд, ки тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон барои рушди ҳаёти ҳуқуқӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ солҳои минбаъда идома меёбад.

Тавре маълум аст, қабули миққдори зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ боиси ихтилофоти ҳуқуқӣ байни онҳо мегардад. Мураттабсозии қонунгузорӣ яке аз роҳҳои самарабахши пешгирии ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва татбиқи самараноки онҳо мебошад. Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба кори васеи ташкилӣ дар соҳаи мураттабсозии қонунгузорӣ такони ҷиддӣ бахшиданд. Чунончӣ, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2000 «Дар бораи Маҷмуи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» [23] қабул карда мешавад. Дар доираи ин Фармон нашри Маҷмуи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун интишори расмӣ оғоз мешавад.

Маҷмуи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон санади нави мураттабгашта буда, бори аввал дар ҳамин шакл интишор мешавад. Кори муттабсозии қонунгузорӣ маҳз аз ҳамин санади мураттабгашта оғоз гардида, ба таъмини волоияти қонун мусоидат намуд. Таҷрибаи

мураттаб намудани қонунҳо бори аввал дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ ташаккул меёбад.

Илова бар ин, Маҷмуи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мураттабсозии қонунгузории Тоҷикистон, аз ҷумла кодификатсияи қонунгузорӣ, инчунин, таҳияи санадҳои дигари мураттабгашта мусоидат менамояд. Санади мазкури мураттабгашта омили муҳимми иттилоотонии ҳуқуқии аҳолӣ буда, дар раванди таълим ва таҳқиқоти илмии ҳуқуқӣ, дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқи ҳуқуқ, тафсири ҳуқуқӣ истифода мешавад.

Таҳияи Маҷмуи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун фаъолияти расмии ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад. Нашри Маҷмуи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи Вазорати адлия, ки дар соҳаи ҷамъу таҳлил ва паҳн намудани иттилооти ҳуқуқӣ салоҳияти бевосита дорад, гузошта мешавад. Илова бар ин, нашри ин санади инкорпоратсионӣ ба такмили мураттабсозии қонунгузорӣ мусоидат менамояд. Солҳои минбаъда ин самти мураттабсозии қонунгузорӣ бо дарназардошти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ такмил меёбад.

Бо фармонҳои роҳбари давлатамон дар доираи сиёсати ҳуқуқии судӣ давра ба давра барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ қабул ва амалӣ карда мешаванд. Чунончӣ, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 23 июни соли 2007, №271 [50] «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010» тасдиқ карда мешавад. Тақвияти асосҳои ташклӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавии ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани нуфуз ва эътибори мақомоти судӣ дар байни аҳолӣ, таъмини кафолатҳои ҳифзи судӣ, амалӣ намудани тадбирҳо бобати таъмини қонуният ҳамчун мақсадҳои асосии ин Барнома муайян карда мешаванд. Дар Барнома таҳияи як қатор лоиҳаи қонунҳо ва кодексҳо, ки аз онҳо тақвияти ҳокимияти судӣ вобастагӣ дошт, дар назар дошта мешавад. Дар ҷараёни амалӣ гардидани Барномаи мазкур Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ, Кодекси

мурофиаи гражданӣ, Кодекси мурифиаи судии иқтисодӣ қабул шуда, қонунҳои конститутсионӣ «Дар бораи Суди конститутсионӣ», «Дар бораи судҳо» такмил дода мешаванд.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 3 январи соли 2011, №976 «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» [39] тасдиқ карда мешавад. Барномаи мазкур дар заминаи паёмҳои сарвари давлат аз 15 апрели соли 2009 ва 24 апрели соли 2010 таҳия карда мешавад. Дар доираи татбиқи ин Барнома сохтори мақомоти судӣ тағйир дода мешавад, салоҳияти мақомоти судӣ бо дарназардошти ҷорӣ гардидани шаклҳои нави мурофиаи судӣ васеътар карда мешавад, дар назди судҳо вазифаҳои нави ташкилӣ-ҳуқуқӣ гузошта мешаванд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба таъмини принсипи шаффофият дар судҳо, такмили дониши ҳуқуқӣ ва маҳорати касбии судяҳо тавассути муқаррар намудани талаботи иловагии тахассусӣ, ҳамчунин, риояи меъёрҳои одоби судӣ дода мешавад.

Дар Барномаи мазкур бо мақсади пузӯр намудани талаботи тахассусӣ ба судяҳо, аз ҷумла талаботи ахлоқӣ-маънавӣ таҳия ва қабули Кодекси одоби судяҳо дар таҳрири нав пешбинӣ карда мешавад.

Тибқи Барномаи мазкур Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул карда мешавад. Тадбирҳое, ки дар доираи ин Барнома амалӣ карда мешаванд, барои такмили санадҳои қонунгузорӣ шароит фароҳам оварданд. Татбиқи ҳуҷҷати мазкур ба такмили ҳамаи давраҳои баррасии судии парвандаҳо, бартараф намудани ҳолатҳое, ки мухлатҳои баррасии парвандаҳоро халалдор менамуданд, мусоидат менамояд. Мутобиқи Барнома меъёрҳои мурофиаи конститутсионӣ такмил дода мешаванд.

Дар Барномаи мазкур ҳалли масъалаҳои зерин пешбинӣ мешавад:

– маҳдуд намудани баррасии парвандаҳо дар Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи марҳилаи якум;

– барҳам додани марҳилаи апеллатсионӣ дар судҳои иқтисодии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– васеъ намудани салоҳияти марҳилаи кассатсионӣ;

– омӯзиши масъалаи дар доираи як коллегияи тахассусӣ муттаҳид кардани коллегияи тахассусии судяҳои Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коллегияи тахассусии судяҳои ҳарбӣ, судҳои умумии маҳаллӣ;

– такмили ҳамаи марҳилаҳои баррасии парванда дар доираи принсипи гуманитарӣ;

– боздоштани амали санадҳои судӣ аз тарафи мақомоти прокуратура ҳангоми барои омӯзиш талаб карда гирифтани парвандаҳо аз суд.

Бо мақсади такмили назорати судии конститутсионӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти ташкилии Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Ҳукумати «Дар бораи тасдиқ намудани тасвир ва намунаи либоси махсус ва муқаррар намудани намунаи нишони сирисинагӣ барои судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардида, ба як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда мешаванд. Бо мақсади такмили назорати конститутсионӣ ва дар доираи таҷрибаи ҷаҳонии назорати судии конститутсионӣ Қонуни контитутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда мешавад. Санади меъёрии мазкур қадами нав дар такмили назорати судии конститутсионӣ дар Тоҷикистон мебошад. Дар он салоҳияти мақоми олии назорати конститутсионӣ такмил дода мешавад.

Солҳои минбаъда ислоҳоти судии ҳуқуқӣ идома меёбад. Мутобиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2015

Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 [51] қабул карда мешавад. Таҳияи ин Барнома дар Паёми сарвари давлат ба парламенти ҷумҳурӣ санаи 23 апрели соли 2014 пешбинӣ шуда буд. Дар он бо мақсади такмил додани фаъолияти судӣ, кам кардани муҳлати баррасии парвандаҳо ва аз байн бурдани такроршавии вазифаҳо дар низоми судӣ дар Суди ВМКБ, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе бо васеъ намудани ваколатҳои марҳилаи кассатсионии онҳо марҳилаи назоратӣ хориҷ карда мешавад.

«Барномаи ислоҳлоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021» [53] бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2019, №1242 тасдиқ карда мешавад. Дар доираи табиқи Барномаи мазкур Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» қабул карда мешавад. Қонуни мазкур дар робита бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз он ҷумла бо мақсади иттилоотонии фаъолияти судӣ қабул мешавад.

Мебояд зикр намуд, ки раванди иттилоотонии фаъолияти судӣ якчанд даҳсола пеш дар мамлакатҳои пешқадам оғоз шудааст. Дар доираи раванди мазкур ҳамаи давраҳои мурофиаи судӣ тавассути истифодаи технологияҳои иттилоотӣ шаффоф гардонида мешаванд. Дастрасии иттилоотии санадҳои судӣ таъмин карда мешавад. Мурофиаҳои судии мустақим (онлайнӣ) доир мегарданд.

Ҳамзамон бо ин, ҷомеаи Тоҷикистон ҳоло дар давраи рақамикунонӣ қарор дорад. Дар ин давра технологияҳои рақамӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа татбиқ карда мешаванд, модели нави идоракунии давлатии рақамӣ ҷорӣ мегардад, хизматрасонии давлатии рақамӣ бо дарназардошти афзалияти эҳтиёҷоти шаҳрвандон, аз он ҷумла соҳибкорон ба мадди аввал мебарояд. Дар радифи ин тағйироти ҷиддӣ табиист, ки рақамикунонии фаъолияти судӣ аҳаммияти калон пайдо

мекунад.

Такмили сохтори идоракунии давлатӣ яке аз ҳадафҳои давлати Тоҷикистон буда, давра ба давра силсилаи тадбирҳо, аз он ҷумла чораҳои ҳуқуқӣ дар ин самт амалӣ карда мешаванд. Бо ин мақсад якчанд фармонҳои сарвари давлат бо мақсади такмили сохтори мақомоти давлатӣ бароварда мешаванд. Чунончӣ, Фармони Президенти мамлакат аз 27 феврали соли 2008 «Дар бораи такмили минбаъдаи сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [17] асоси ҳуқуқии такмили сохтори мақомоти марказии идоракунии давлатиро таъмин намуд. Дар доираи ин санади меъёрӣ вазъи ҳуқуқии як қатор мақомоти марказии идоракунӣ тағйир дода мешавад. Ҳамчунин, мақомоти нави идоракунии давлатӣ таъсис доа мешаванд. Дар ин санади меъёрӣ бо дарназардошти таъмини рушди устувори Тоҷикистон ва татбиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист таваҷҷуҳи асосӣ ба такмили идоракунии давлатӣ дар соҳаи ҳимояи муҳити зист дода мешавад.

Фармонҳои сарвари давлат боиси тағйири мунтазами санадҳои ҳуқуқии қаблан қабулшуда мегарданд. Чунончӣ, дар доираи Фармони болотар зикршуда ба фармонҳои сарвари давлат, ки қаблан бо мақсади такмили сохтори мақомоти марказии идоракунӣ қабул шуда буданд, тағйру иловаҳо ворид карда мешаванд. Ин далели он аст, ки фармонҳои сарвари давлат на танҳо функсияи муқаррар намудани меъёрҳои нави ҳуқуқӣ, балки тағйири меъёрҳои ҳуқуқии амалкунандаро иҷро мекунанд.

Низоми идоракунии давлатӣ мунтазам бо дарназардошти тағйири вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ва истифодаи усулҳои нави идоракунӣ такмил дода мешавад. Бо ин мақсад Фармони сарвари давлат «Дар бораи такмили минбаъдаи сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 9 марти соли 2010 [58] бароварда мешавад. Тибқи Фармони мазкур як қатор мақомти нави идоракунии давлатӣ дар соҳаи омори давлатӣ, заминсозӣ, геодезия, харитасозӣ

ҳамчун мақомоти назди Ҳукумат таъсис дода мешаванд. Дар доираи Фармони мазкур низоми идоракунии давлатӣ марказонида шуда, соҳаҳо ва самтҳои нави идоракунии давлатӣ бо дарназардошти инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян карда мешаванд.

Низоми идоракунии давлатӣ соли 2013 аз нав такмил дода мешавад. Асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии такмилии низоми нави идоракунии давлатӣ дар Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 ноябри соли 2013, №147 [57] муайян карда мешаванд. Тавре мушоҳида мешавад, санади меъёрии ҳуқуқии мазкур танҳо бо такмили сохтори мақомоти марказии идоракунӣ маҳдуд намешавад. Дар он меъёрҳои ҳуқуқӣ бо мақсади такмили сохтори ҳамаи мақомоти идоракунӣ пешбинӣ мешаванд.

Фармони мазкур сохтори низоми идоракунии давлатиро тағйир медиҳад. Акнун унсурҳои таркибии сохтори низоми идоракунии давлатӣ аниқтар карда мешаванд. Ин имконият медиҳад, ки вазъи ҳуқуқии унсурҳои таркибии низоми идоракунии давлатӣ муайян карда шаванд. Мақомоти марказии идоракунии давлатӣ дар назди Президент ва Ҳукумат таъсис дода шуда, бо дарназардошти ҳолати зикршуда вазъи ҳуқуқии онҳо муайян карда мешавад.

Дар доираи Фармони зикршуда вазъи ҳуқуқии Сарвазир татғйир меёбад, сохтори идораи Сарвазир такмил дода мешавад. Ҳамчунин, мақомоти нави идоракунии марказӣ таъсис дода шуда, вазъи ҳуқуқии мақомоти марказии идоракунӣ тағйир меёбад.

Фармони мазкури сарвари давлат низоми нави муносибатҳои мартаботиро (вертикалиро) байни мақомоти идоракунии давлатӣ муқаррар мекунад, ба истифодаи усулҳои нави идоракунӣ мусоидат менамояд, ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллиро таъмин менамояд. Ба ҳалли ин вазифаҳо таъсиси Кумитаи маҳалли назди

Президент мусоидат менамояд. Ҳамчунин, салоҳияти Агентии хизмати давлатии назди Президент бо мақсади такмили хизмати давлатӣ такмил дода мешавад.

Бо Фармони зикршуда сохтори нави мақомоти марказии идоракунии давлатӣ муайян карда мешавад. Сохтори мазкур унсурҳои зерини институтсионалиро дорад: мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Ҳукумати Тоҷикистон; вазоратҳо; кумитаҳои давлатӣ; идораҳои назди Ҳукумати Тоҷикистон.

Мутобиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 январи соли 2014, №116 «Дар бораи таҷдиди сохтори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» [42] маҷмуи тадбирҳо бо мақсади такмили вазъи ҳуқуқии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалӣ дар низоми идоракунии миллӣ, такмили номгӯи мансабҳои давлатӣ, боло бурдани сифати фаъолияти ҳуқуқии Дастгоҳи иҷроияи Президент, таҳияи нақшаҳои стратегӣ, истифодаи модели нави идоракунии молиявӣ, тағйир додани низоми идоракунии маҳаллӣ, истифодаи усулҳои нави идоракунии иҷтимоӣ, татбиқи усулҳои пешгӯӣ дар идоракунии илму маориф, тарбия ва таълими ҷавонон, ҳимояи амнияти иттилоотӣ, истифодаи шаклҳои муосири ҳисоботдиҳӣ, ҷорӣ намудани индикаторҳои нави баҳогузорӣ оид ба натиҷаҳои ислоҳоти аграрӣ, ба роҳ мондани мониторинги доимӣ дар соҳаи ҳимояи муҳити зист, риояи дақиқи муҳлатҳои баррасии муроҷиатҳо ба мақомоти давлатӣ, таъмин намудани робитаи дуҷонибаи байни мақомоти ҳарбӣ ва мақомти ҳифзи ҳуқуқ, таъмини ҳуқуқҳои инсон, таъмини асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии идоракунии неруи инсонӣ, иистифодаи самарабхши технологияҳои иттилоотии коммуникатсионӣ амалӣ карда мешаванд.

Соли 2014 бо фармони навбатии сарвари давлат сохтори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода мешавад.

Тавре мушоҳида мешавад, фармонҳои сарвари давлат асоси ҳуқуқии ислоҳоти идоракунии давлатиро бо дарназардошти талаботи объективӣ ва омилҳои субъективии таъмини фаъолияти муътадили мақомоти идоракунӣ ташкил медиҳанд. Ҳадафҳо, вазифаҳо, тарзу усулҳои такмили идоракунии давлатӣ дар фармонҳои сарвари давлат муайян карда мешаванд. Ҳамаи ин нақши фармонҳои сарвари давлатро дар такмили идоракунии давлатӣ собит менамояд.

Яке аз самтҳои фаъолияти сарвари давлати Тоҷикистон бо мубориа бо ҳуқуқвайронкунӣ, терроризм, экстремизм, коррупсия алоқаманд аст. Дар самти мазкур дар доираи тадбирҳои давлатӣ фармонҳои саривақтии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қабул шуданд. Бо ин фармонҳо асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии сиёсати давлат дар соҳаи таъмини қонуният муқаррар карда мешаванд. Фармонҳои мазкур ба таъсису фаъолияти самарабахши мақомоти нави давлатӣ дар соҳаи таъмини қонуният, такмили вазъи ҳуқуқии мақомоти амалкунандаи ҳифзи ҳуқуқ, самаранок амалӣ гардидани тадбирҳои давлатӣ дар соҳаи муқовимат ба терроизм ва коррупсия равона мешаванд.

Дар ин фармонҳо асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ муайян карда мешаванд. Ин фармонҳо ба қабули дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ин соҳа ва амалӣ гардидани маҷмуи тадбирҳои давлатӣ мусоидат намуданд.

Пешгӯӣ намудани самтҳо ва дурнамои рушди қонунгузорӣ ба рушди низоми ҳуқуқ ва қонунгузорӣ мусоидат менамояд. Пешгӯӣ намудани дурнамои рушди қонунгузорӣ бо истифодаи усулҳои илмӣ, маълумоти оморӣ, нишондиҳандаҳои ҳолати кунунӣ ва мусоидаткунанда ба такмили қонунгузорӣ ба роҳ монда мешавад. Пешгӯии дурнамои рушди қонунгузорӣ яке аз усулҳои маъмулии илмӣ буда, дар таҳқиқоти илмӣ васеъ истифода мешавад. Ҳамзамон бо ин, пешгӯии дурнамои рушди

қонунгузорӣ ҷузъи сиёсати ҳуқуқӣ буда, истифодаи усулҳои илмиро дар назар дорад.

Бо ин мақсад «Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул ва амалӣ карда мешавад. Консепсияи мазкур бо Фармони сарвари давлат аз 19 феврали соли 2011, №1021 [49] тасдиқ карда шудааст. Дар Фармон ҳадафҳо ва маҷмуи тадбирҳои ташкилию ҳуқуқӣ дар самти пешгӯии рушди қонунгузорӣ муайян карда мешаванд. Пешгӯии рушди қонунгузрӣ дурнамои инкишофи ҳамаи соҳаҳои низоми қонунгузориро бо дарназардошти зарурати танзими ҳуқуқии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ муайян мекунад. Бо мақсади татбиқи фармони мазкур якчанд барномаҳои давлатӣ қабул ва амалӣ карда мешаванд. Дар онҳо самтҳои асосии инкишофи соҳаҳои ҷудогонаи қонунгузорӣ муайян карда мешаванд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвари давлат ва Ҳукумат буда, дар доираи салоҳияташ санадҳои меъёрии ҳуқуқиро бо мақсади муайян намудани вазъи ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти иҷроия қабул мекунад. Ҳамаи ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо фармонҳои сарвари давлат тасдиқ карда мешаванд.

Бо фармонҳои сарвари давлат ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии зерин тасдиқ шудаанд: «Низомномаи Раёсати танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» (8 июни соли 2008), «Низомномаи тартиби ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатӣ» (24 апрели соли 2008), «Низомномаи адои хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (13 майи соли 2008, «Оинномаи Муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (30 майи соли 2008), «Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ» (30 майи соли 2008), «Оинномаи интизомии воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (8 сентябри соли 2008), «Низомномаи додани дараҷаҳои

тахассусӣ ба судяҳо» (15 октябри соли 2008), «Низомномаи тартиби додани рутбаҳо ба кормандони дастгоҳи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (16 октябри соли 2008), «Дастурамали гузаронидани санҷиши хизматӣ» (18 декабри соли 2008), «Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузории хизмати давлатӣ» (19 декабри соли 2008), «Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ» (20 майи соли 2009), «Қоидаҳои додани рутбаи махсус ба кормандони мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» (22 июли соли 2009), «Низомномаи намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди ташкилоти байналмилалӣ» (30 октябри соли 2009), «Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатӣ» (14 январи соли 2014), «Тартиби ҳисоб кардани иловапулӣ барои собиқаи хизматии кормандони мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андозаи он» (20 ноябри соли 2010), «Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (18 феврали соли 2011), «Низомномаи тартиби додани рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти адлия» (3 сентябри соли 2011), «Тартиби нигоҳ доштани музди меҳнат, мансаби ишғолнамуда ё мансаби ба он баробар ҳангоми таҳсил ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ» (23 январи соли 2013), «Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) ҳайати роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ» (14 ноябри соли 2014), «Оинномаи «Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (6 марти соли 2014), «Низомномаи Дастгоҳи иҷроияи Прзидент» (17 марти соли 2014), «Оинномаи Агентии назорати маводи нашъаовар» (23 июни соли 2015) ва дигар.

Ҳамин тариқ, доираи санадҳои меъёрии хуқуқӣ, ки мутобиқи қонунгузорӣ низоми муташаккилро ташкил медиҳанд, қатъӣ набуда, имконияти қабули дигар санадҳои меъёриро пешбинӣ мекунад. Ҳамаи ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо фармонҳои сарвари давлат тасдиқ карда

шуда, эътибори ҳуқуқии санади зерқонуниро пайдо мекунанд. Дар заминаи ин санадҳо тартиботи ҳуқуқии дохилиидоравӣ, интизом, устуворӣ дар фаъолияти мақомоту муассисаҳои дахлдори давлатӣ таъмин карда мешавад. Ҳолати мазкур собит менамояд, ки фармонҳои Президент ҷузъи таркибии қонунгузорӣ дар соҳаи идоракунӣ мебошанд.

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ танҳо бо номгӯйи он санадҳое, ки дар қонун нишон дода шудаанд, маҳдуд намешавад. Низоми қонунҳои Тоҷикистон дар сатҳи қонун аниқ муайян карда шуда, конститутсия, қонунҳо ва кодесҳоро дар бар мегирад. Аммо низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ на танҳо фармонҳои меъёрӣ, қарорҳои меъёрӣ, фармоишҳои меъёрӣ, балки санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ, ба мисли Низомнома, Дастурамал, Қоида ва дигарро дар бар мегирад. Миқдори мақомоти марказӣ ва маҳаллии идоракунии давлатӣ зиёд аст. Ҳар яке аз онҳо дар асоси ин санадҳои меъёрӣ амал мекунанд. Таҳияи ин санадҳои меъёрӣ таҳти назорати бевосита сарвари давлат ва Дастгоҳи иҷроияи Президент ба роҳ монда мешавад. Эътибори ҳуқуқии онҳо бо фармонҳои Президент таъмин карда мешавад. Тавассути ин фармонҳо мутобиқати санадҳои меъёрии зерқонунии соҳаи идоракунӣ ба қонунгузорӣ таъмин карда мешавад.

Аз ин ҷо ба хулосаи дигар омадан мумкин аст, ки фармонҳои меъёрии сарвари давлат дар низоми ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дар ҷойи аввал меистанд. Дар ҳолати мазкур ҳам санадҳое, ки ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дохил мешаванд, ҳам санадҳое, ки берун аз низоми мазкур қарор доранд, дар назар дошта мешаванд. Хулосаи мазкур хусусияти фармонҳои меъёрии сарвари давлатро муайян мекунад.

Фармонҳои сарвари давлати Тоҷикистон бо дарназардошти салоҳияти васеи ӯ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлатӣ бароварда мешаванд. Чунончӣ, фармонҳои сарвари давлат бо мақсади даъвати

иҷлосияҳои якуми Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, таъсиси Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (17 марти соли 2009), Шурои муқовимат бо коррупсия (14 декабри соли 2010), Палатаи ҳисоб (12 декабри соли 2011), Агентии хизмати давлатӣ (15 марти соли 2014), Маркази миллии тестӣ (10 феврали соли 2014), Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (12 августи сол 2014) баровარда шудаанд.

Тавре мушоҳида мешавад, фармонҳои сарвари давлат бо дарназардошти такмили сохтори мақомоти ҳокимияти иҷроия, таъсиси мақомоти нави идоракунӣ бароварда мешаванд. Илова бар ин, фармонҳои сарвари давлат танҳо бо соҳаи идоракунии давлатӣ, аниқтараш амалӣ намудани ҳокимияти иҷроия маҳдуд намешаванд. Фармонҳои сарвари давлат ба соҳаи қонунгузорӣ низ дахл доранд. Сарвари давлат дар ташкили ҳокимияти қонунгузор бевосита иштирок мекуннад. Сарвари давлат бо фармонҳояш иҷлосияҳои якуми Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагонро даъват мекунад. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки фармонҳои сарвари давлат асоси ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти парламентро муайян меекунанд.

Ҳамин тариқ, хусусияти фармонҳои сарвари давлат дар он зоҳир мешавад, ки бо онҳо асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти ҳам ҳокимияти қонунгузр ва ҳам ҳокимияти иҷроия муайян карда мешаванд.

Бо фармонҳои сарвари давлат доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа танзим кара амешаванд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарвари давлат ва Раиси Ҳукумат дар доираи салоҳияти васеи худ метавонад ҳама гуна фармонро оид ба масъалаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва давлат қабул намояд. Ягон маҳдудият дар қонунгузорӣ барои қабули санадҳои Президент ҷой надорад.

Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ дар низоми санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ мавқеи

марказиро ишғол мекунанд. Онҳо дар доираи салоҳияти сарвари давлат ҳамчун кафили мураттабӣ ва ҳамкории фаъолияти ҳамаи мақомоти давлатӣ бароварда шуда, асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судиро муайян мекунанд.

Барои исботи ин гуфтаҳо ба меъёрҳои қонунгузории Тоҷикистон, ки нақши сарвари давлати Тоҷикистонро дар ташкили мақоми қонунгузор таъмин мекунанд, ишора намудан мумкин аст. Чунончӣ, мутобиқи қисми дуюми м. 52 Конститутсия: «Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагонро дар давоми як моҳи баъди интихоби онҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват мекунад» [1].

Президент мутобиқи банди 13 м. 69 Конститутсия: «Раъйпурсӣ, интихоботи Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ ва мақомоти намояндагии маҳаллиро таъин мекунад» [1].

Илова бар ин, сарвари давлат дар ташкилу фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия нақши ҳалкунанда дорад. Чунончӣ, Президент мутобиқи банди 3 м. 69 Конститутсия: «Вазоратҳо ва кумитаҳои давлатиро таъсис ва барҳам медиҳад» [1].

Президент мутобиқи банди 4 м. 69 Конститутсия: «Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукуматро таъин ва озод мекунад» [1]. Ин Фармон дар парламент тасдиқ карда мешавад.

Президент мутобиқи банди 5 м. 69 Конститутсия: «Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро таъин ва озод мекунад ва ба тасдиқи Маҷлиси дахлдори вакилони халқ пешниҳод мекунад» [1].

Президент «Дастгоҳи иҷроияи Президентро таъсис медиҳад» (банди 10 м. 69 Конститутсия), «Шурои амниятро таъсис ва роҳбарӣ мекунад» (банди 11 м. 69 Конститутсия) [1].

Сарвари давлат дар ташкили ҳокимияти судӣ низ нақши калон дорад. Ӯ асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ҳокмияти судиро муайян мекунад. Чунончӣ, Президент мутобиқи банди 8 м. 69: «Номзадии раис, муовинон

ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодиро барои интихоб ва бозхонд ба Маҷлиси миллӣ пешниҳод менамояд» [1].

Президент мутобиқи банди 12 м. 69 Конститутсия: «Судяҳои суди ҳарбӣ, судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ва судҳои иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанберо таъин ва озод мекунад» [1].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияти баровардани фармонҳои истисноиро дорад. Сарвари давлат мутобиқи банди 21 м. 69 Конститутсия: «Ҳангоми таҳдиди хатари воқеӣ ба амнияти давлат ҳолати ҷангро эълон менамояд ва фармонро ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунад» [1].

Президент мутобиқи банди 23 м. 69 Конститутсия: «Дар саросари ҷумҳурӣ ва ё дар маҳалҳои алоҳидаи он вазъияти фавқулодда эълон намуда, фармонро фавран ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд ва ба Созмони Милали Муттаҳид хабар медиҳад» [1].

Салоҳияти эълон намудани ҳолати ҷанг ва вазъияти фавқулодда танҳо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дорад. Эълон намудани ҳолати ҷанг ва вазъияти фавқулодда бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда мешаванд. Бо ин фармонҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ то баргузории ҷаласаи парламент бевосита танзим карда мешаванд. Ин фармонҳо хусусияти фаврӣ доша, дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши асосиро иҷро менамоянд. Одатан чунин муносибатҳо бо қонун танзим мешаванд. Вале таҳия ва қаули қонун вақти муайянро бо дарназардошти риояи расмиёти бо қонунгузорӣ муқарраршуда талаб мекунанд. Аз ин хотир, дар чунин ҳолатҳо фармонҳои фаврии сарвари давлат бароварда мешаванд. Ин бори дигар собит менамояд, ки эътибори ҳуқуқии фармонҳои Президент бо эътибори қонун баробар аст.

Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини мудофиа ва амнияти давлат нақши калидӣ доранд. Чунончӣ, сарвари давлат мутобиқи банди 20 Конститутсия: «Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон мебошад, фармондеҳони қӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистонро таъин ва озод мекунад» [1].

Президент мутобиқи банди 22 м. 69 Конститутсия: «Барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро берун аз ҳудуди он бо ризоияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон истифода мебарад» [1].

Президент мутобиқи банди 27 м. 69 Конститутсия: «Бо рутбаҳои олии ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо ва унвонҳои махсус сарфароз мегардонад» [1].

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 1993 «Дар бораи мудофиа» (дар таҳрири қонун аз 4 ноябри соли 1995, №208) [8] сарвари давлати Тоҷикистон айни замон Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ ва Раиси Шӯрои амният буда, оид ба таъмини қобилияти мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омодагии доимии Қувваҳои Мусаллаҳ тамоми чораҳои заруриро амалӣ мекунад.

Мутобиқи м. 7 ҳамин Қонун сарвари давлат салоҳияти зерин дорад: «ба тасдиқи Маҷлиси намояндагон лоиҳаҳои доктринаҳои ҳарбӣ, таклифҳоро оид ба ҳайат, сохтори умумӣ ва шумораи Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар сохторҳои ҳарбӣ, ҳаҷми хароҷоти буҷетро барои мудофиа пешниҳод мекунад»; «фаъолияти ташкилотҳои давлатиро дар соҳаи мудофиа бо ҳам мутобиқ мегардонад»; «Шурои амниятро ташкил намуда, ба он роҳбарӣ мекунад»; «самтҳои асосии ҳамкориро бо давлатҳои дигар ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳарбӣ муайян мекунад»; «гуфтушунидҳо мегузаронад ва оид ба масъалаҳои ҳарбӣ шартномаҳои байналмилалиро имзо менамояд»; «барои гузаронидани озмоишҳои махсуси аслиҳаву техника рухсат медиҳад»; «консепсия ва нақшаҳои сохтмони ҳарбӣ, нақшаҳои сафарбаркунӣ, стратегӣ ва ғайраро, ки бо амалкунии Қувваҳои Мусаллаҳ алоқаманданд, тасдиқ

мекунад»; «ҳолати ҷанг, сафарбаркунии умумӣ ва ҷузъӣ, ҳолати ҳарбиро дар тамоми қаламрави Тоҷикистон ё дар маҳалҳои алоҳидаи он эълон карда, бетаъхир ба тасдиқи ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунад»; «ба Қуввахои Мусаллаҳ барои амалиёти ҳарбӣ фармон медиҳад»; «оид ба истифодаи Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар сохторҳои ҳарбӣ дар сурати ба вуҷуд омадан ё таҳдиди ба вуҷуд омадани задухўрдҳои мусаллаҳона дар ҳудуди ҷумҳурӣ фармонҳо медиҳад» (баъдан ин қарорҳо дар ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон тасдиқ карда мешаванд); «Сардори Сарситоди Қувваҳои Мусаллаҳ, фармондеҳони навъҳои Қувваҳои Мусаллаҳро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд» [8].

Барои таъмини амнияти давлат дар ихтиёри Президент Гвардияи миллӣ қарор дорад. Гвардияи миллӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2004, №50 «Дар бораи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [11] воҳиди мустақили ҳарбии таъиноти махсус ва бевосита тобеи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, вазифаҳои хизматӣ ва ҳарбиеро иҷро менамояд, аз ҷумла дар замони ҷанг захираи ҳарбии зудамали сарвари давлат буда, дар муҳофизати истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистон аз таҷовуз дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳ амал мекунад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, №721 [7] «кафили Конститутсия, қонунҳо, ҳуқуқ ва озодиҳои инсону шаҳрванд, истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, давомот ва пойдории давлат, фаъолияти мутобиқгардида ва ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатӣ, риоя гардидани аҳдномаҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад» [7].

Дар Қонуни зикршуда роҳбарии умумӣ ба фаъолияти мақомоте, ки амниятро таъмин мекунанд, ба зиммаи сарвари давлат гузошта мешавад. Табиист, ки иҷрои вазифаи мазкур дар доираи салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат таъмин карда мешавад. Ҳамчунин,

Президент мутобиқи ин қонун «амалҳои мувофиқашудаи ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатиро дар соҳаи ҳифзи манфиатҳои кишвар таъмин менамояд» [7]. Меъёри мазкур аз он далолат менамояд, ки ҳокмияти Президент мустақил буда, ба низоми шохаҳои анъанавии ҳокимияти давлатӣ дохил намешавад. Меъёри зикршудаи қонун ба тақвияти салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат мусоидат менамояд.

Сарвари давлат мутобиқи қонуни мазкур «кафили таъмини амнияти инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат мебошад» [7]. Ин маънои онро дорад, ки кафолатҳои таъмини амнияти шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат бо фармонҳои сарвари давлат муқаррар карда мешаванд. Ҳолати мазкур нуфузи фармонҳои сарвари давлатро баланд мебардора.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «бо пешниҳоди Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсия ва стратегияи амнияти миллиро тасдиқ менамояд», оид ба масаъалаҳои «таъмини амният фармон мебарорад ва амр медиҳад», «тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти давлатии таъмини амниятро муқаррар, ҳамоҳанг ва назорат менамояд», «ба сиёсати кадрии мақомоти давлатии таъмини амният назорат мекунад», «барномаҳои давлатии таъмини амниятро тасдиқ ва татбиқи онҳоро назорат менамояд», «ба таъмини иҷрои қонунҳое, ки муносибатҳоро дар соҳаи амният танзим менамоянд, назорат мекунад» [7].

Меъёрҳои дар боло зикршудаи қонун аз он далолат мекунанд, ки салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат дар соҳаи таъмини амнияти одамон, ҷомеа ва давлат амалӣ карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки доираи салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат танҳо бо Конститутсия маҳдуд намешавад. Дар қонунҳои дахлдори Тоҷикистон салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат муқаррар карда мешавад.

Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон унсури марказии низоми қонунгузорӣ буда, дар ташаккулу рушди низоми қонунгузорӣ нақши ҳалкунанда доранд. Фармонҳои сарвари давлат ҷузъи ҳамаи соҳаҳои қонунгузории ҷумҳурӣ мебошанд. Меъёрҳои мазкур дар

кодексҳои маданӣ (м. 1), меҳнат (м. 2), тандурустӣ (м. 2) ва дигар ифода ёфтаанд. Бо фармонҳои сарвари давлат муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи муносибатҳои маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, соҳибкорӣ, экологӣ, маъмурӣ ва дигар танзим мешаванд.

Дар натиҷаи таҳқиқи гузаронидашуда хулосаҳои умумии зайлро пешниҳод намудан мумкин аст.

1. Санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккул ва такмили мунтазми қонунгузории ҷумҳурӣ нақши бунёдӣ доранд. Дар давраи буҳрони иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва мураккаб гардидани вазъи сиёсӣ ва ҳарбии Тоҷикистон маҳз фармонҳо ва амрҳои сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ нақши ҳалкунанда бозиданд. Бо ин санадҳо ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати давлат дар соҳаи таъмини қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳуқуқи инсон муайян карда мешаванд. Минбаъд дар доираи ҳамин ҳадафҳо ва афзалиятҳо санадҳои қонунгузорӣ таҳия ва қабул карда мешаванд.

2. Дар давраи ба эътидол омадани вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии мамлакат санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат мутобиқи шароити тағйирёбандаи ҳаёти ҷомеа, дар доираи ҳадафҳои нави стратегии давлат, дурнамои инкишофи ҷомеа қабул мешаванд. Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки мазмуни фармонҳо ва амрҳои сарвари давлат дар робита бо пешрафти ҳаёти ҷомеа мунтазам тағйир меёбад.

3. Таҳлили техникӣ-ҳуқуқии санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат нишон медиҳад, ки ин санадҳо тобора аз лиҳози ифодаи техникӣ-ҳуқуқӣ мукаммал мегарданд. Санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат, ки солҳои охир қабул шуда истодаанд, сифати баланди ҳуқуқӣ доранд. Сифати санадҳои ҳуқуқӣ кафолати татбиқи самараноки ин санадҳо мебошад. Маҳз бо дарназардошти ҳамин омил ҳоло сатҳ ва сифати амалисозии санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд аст.

4. Санадҳои ҳуқуқии сарвари давлатамон бо дарназардошти вазифаҳои нави идоракунии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, таъсири омилҳои беруна ба раванди идоракунӣ нақши бунёдиро иҷро менамоянд. Ин санадҳои ҳуқуқӣ дар доираи салоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ, салоҳияти қонунгузорӣ ва салоҳияти идоракунии сарвари давлат қабул мешаванд. Доираи васеи салоҳияти роҳбари давлат ба ӯ имконият медиҳад, ки ба таври фаврӣ ба масъалаҳои таъхирнопазири идоракунӣ таваҷҷуҳ зоҳир намояд, маҷмуи тадбирҳои ташкилӣ-ҳуқуқиро бо мақсади таъмини фаъолияти муътадили мақомоти идоракунии давлатӣ, таъсиси мақомоти нави идоракунӣ, такмили сохтори институтсионалии мақомоти идоракунӣ амалӣ намояд. Табиист, ки ин тадбирҳо дар доираи қабули санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат амалӣ карда мешаванд. Шакл ва мазмуни санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат бо дарназардошти такмили мунтазами идоракунии давлатӣ тағйир меёбанд.

Таҳлили анҷомёфта нишон медиҳад, ки ин санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат бо дарназардошти такмили мунтазами идоракунии давлатӣ қабул мешаванд. Такмили идоракунии давлатӣ раванди объективӣ буда, бо дарназардошти ҳадафҳои стратегии давлат, самтҳо ва дурнамои рушди ҷомеа ба роҳ монда мешавад. Идоракунии давлатӣ бо таъсири омилҳо ва равандҳои ҳам дохилидавлатӣ ва ҳам хориҷӣ доимо такмил дода мешавад. Таъсири омилҳои хориҷӣ дар шароити густариши робитаҳои хориҷии давлати Тоҷикистон, қабул шадани Тоҷикистон ба узвияти ташкилотҳои гуногуни байналхалқӣ, ҷаҳонишавӣ, таҳдидҳо ва хатарҳои ҷаҳонӣ назаррас аст. Ҳоло дар назди мақомоти идоракунии давлатӣ вазифаҳои нав қарор доранд. Идоракунии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа тобора мураккаб мегардад. Ҳолати мазкур амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳои муассирро оид ба боло бурдани сатҳ ва сифати дониши идоракунии кормандони мақомоти

идоракунии давлатӣ, беҳтар намудани сифати тайёр намудани кадрҳои лаёқатманд барои мақомоти идоракунӣ тақозо дорад.

Бо ин мақсад санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат мунтазам қабул мешаванд. Дар байни онҳо санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат, ки ба иштироки фаъоли занону бонувон дар идоракунии давлатӣ мусоидат мекунанд, калон аст. Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки таҷрибаи боло бурдани мақоми занону бонувон дар ҷомеа ва ҷалби онҳо ба мақомоти давлатӣ бори аввал дар Тоҷикистони сиҳибистиқлол ҳанӯз охирҳои солҳои 1990-ум ташаккул ёфта, доимо такмил меёбад. Дар давлатҳои ҳамсоя тақрибаи мазкур дертар ташаккул ёфтааст. Илова бар ин, маҳз дар Тоҷикистон асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ҷалби занону бонувон ба идоракунии давлатӣ ба таври мукаммал таъмин карда мешавад. Чунин асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ дар доираи васеи давлатҳои хориҷӣ ҷой надорад. Дар ташкили асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии раванди муташаккилона ва мақсадноки ҷалби занону бонувони Тоҷикистон ба ҳаёти давлатӣ ва сиёсӣ маҳз санадҳои ҳуқуқии саврвари давлат саҳми асосӣ мегузоранд. Иштироки занону бонувон дар ҳаёти давлатӣ ва сиёсӣ бо ташаббуси Пешвои миллатамон Эмомалӣ Раҳмон таъмин карда мешавад.

5. Бо фармонҳои сарвари давлат ҳамаи санадҳои меъёрии зерқонунӣ, ки тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти идоракуниро муайян менамоянд, тасдиқ карда мешаванд. Ин фармонҳо ҷузъи таркибии ҳамин санадҳо буда, хусусиятҳои нав пайдо мекунанд. Фармонҳои сарвари давлат ҳуҷҷати ҳуқуқии тасдиқкунанда буда, бо онҳо эътибори ҳуқуқии санадҳои зерқонунии таъсисӣ, ташкилӣ, расмиётӣ муайян карда мешавад. Ин санадҳои зерқонунӣ бе фармонҳои тасдиққунандаи сарвари давлат эътибори ҳуқуқӣ пайдо намекунанд. Ин хусусияти нави фармоҳои тасдиққунандаи сарвари давлат мебошад. Маълум мешавад, ки фармонҳои сарвари давлат аз дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо

дарназардошти амалӣ намудани функсияҳои таъсисдиҳӣ, ташкилӣ-ҳуқуқӣ, назоратӣ, расмиётӣ фарқ мекунанд. Илова бар ин, бо фармонҳои Президент доираи муайяни ҳуҷҷатҳои стратегӣ, консептуалӣ ва барномавии давлатӣ тасдиқ карда мешаванд.

Тавре дар зербобҳои қаблии кор қайд гардид, ҳамаи масъалаҳои муҳимми ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ бо Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мувофиқа карда мешаванд. Ин маънои онро дорад, ки ҳамаи мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда ҳагоми таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маслиҳату пешниҳодҳои Пешвои миллатро ба инобат мегиранд. Ба ибораи дигар, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии субъектони дар ин соҳа ваколатдор дар мувофиқа бо Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда мешавад. Фармонҳои сарвари давлат, ки заминаи ҳуқуқии рушди қонунгузориро ташкил медиҳанд, дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунии субъектони ҳуқуқэҷодкунанда ба инобат гирифта мешаванд.

6. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат дар робита бо рушди босуръати ҷомеа мунтазам такмил меёбад. Фаъолияти мазкур ҳоло бо дарназардошти қарор доштани Тоҷикистон дар марҳилаи трансформатсияи рақамии ҷомеа ба роҳ монда мешавад. Бо дарназардошти таҷрибаи дар Тоҷикистон ташаккулёфтаи ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат бо итминони комил қайд карда метавонем, ки асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар марҳилаи рақамикунонӣ маҳз бо санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат муайян карда мешаванд.

Ҳамзамон бо ин, санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат, ки бо мақсади танзими ҳуқуқии муносибатҳои иттилоотии рақамӣ қабул мешаванд, хусусиятҳои нав пайдо мекунанд. Ин хусусиятҳо бо дарназардошти ҳолатҳои зайл муайян карда мешаванд:

– ҷорӣ гардидани модели нави идоракунии давлатии рақамӣ;

– вусъати хизматрасониҳои давлатии рақамӣ;

– ташаккули ҳукумати рақамӣ;

– рақамикунонии муносибатҳои ҷамъиятӣ;

– робитаи давлат бо унсурҳои гуногуни олами маҷозӣ;

– фаъолияти субъектҳои махсуси олами маҷозӣ;

– нашри электронии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз он ҷумла санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат;

– шаклҳои нави робитаи сарвари давлат бо аҳолӣ;

– афзоиши нуфузи сарчашмаҳои электронии ҳуқуқи амалкунанда;

– рақамикунонии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат;

– модели нави робитаи Президент бо парламенти шаффоф.

## 3.2. Нақши калидии фармонҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими асосҳои ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа

Фармонҳои сарвари давлати Тоҷикистон дар рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа нақши арзандаро иҷро мекунанд. Ҳолати мазкур бо собит мегардад, ки сарвари давлат салоҳияти васеи ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунгузорӣ, идоракунӣ дорад.

Санадҳои ҳуқуқии сарвари давлатамон дар рушди ҳаёти сиёсӣ аз солҳои аввали интихоби Эмомалӣ Раҳмон ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда доранд. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат дар соҳаи сиёсӣ аз солҳои аввали ба фаъолияти худ шурӯъ намудани Эмомалӣ Раҳмон оғоз мешавад. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳкими ҷараёни демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар ҷумҳурӣ» аз 1 декабри соли 1999 [43] дар давраи ба эътидол омаадни вазъи сиёсии мамлакат рӯйдоди муҳимми сиёсӣ буд.

Ин Фармон ҳанӯз дар охирҳои солҳои 1990-ум қабул гардида, ба раванди демократикунонии ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ заминаи ташкилӣ ва ҳуқуқӣ мегузорад. Фармони мазкур дар вазъияти мураккаби сиёсӣ қабул шуда, ба таҳкими ризоят ва ваҳдати миллӣ мусоидат менамояд. Бо

ин мақсад амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳо оид ба таъмини шаффофият дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, риояи қонунҳ, ташкил намудани сохтори нави дастгоҳи давлат,ислоҳоти низоми сиёсӣ дар заминаи гуногунии сиёсӣ, интихоби мақомоти намояндагӣ дар назар дошта мешавад.

Тавре маълум мешавад, дар Фармони зикршуда заминаҳои нахустини ташкилӣ-ҳуқуқӣ барои ба эътидол овардани ҳаёти мураккаби сиёсӣ пешбинӣ мешаванд. Ҳуҷҷати мазкур бо дарназардошти муайян намудани дурнамои рушди ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ дар доираи эъмори давлати ҳуқуқбунёди демократӣ аҳаммияти таърихӣ дорад. Фармони мазкур ба ташаккули асосҳои ҳуқуқии инкишофи ҳаёти сиёсӣ, аз ҷумла шаклҳои ҳуқуқии таташкил ва фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат менамояд. Фармони мазкур ба амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрвандон мусоидат намуд. Дар он кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ таъмин карда мешаванд. Дар заминаи он раванди муташаккили ташаккули низоми нави сиёсӣ оғоз мегардад. Солҳои минбаъда собит намуданд, ки фармони мазкури сарвари давлат сарвақтӣ буда, дар вазъияти мураккаби ҳаёти сиёсӣ қабул шуда, ба таъмини ҳаёти осоиштаи сиёсӣ мусоидат намуд.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» аз 3 декабри соли 1999, №5 [25] рӯйдоди муҳимми таърихӣ дар ҳаёти ҷомеа гардид. Дар қонунгузории давраи шуравӣ ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои занон таваҷҷуҳ зоҳир шуда буд. Аммо маҳз дар заминаи Фармони мазкур ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати комилан нави давлат дар ин соҳа муайян карда мешаванд. Давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон сиёсати навро бо мақсади баланд бардоштани мақоми занон дар оила ва ҳаёти ҷомеа, ҷалби онҳо ба вазифаҳои давлатӣ пайгирӣ мекунад.

Дар доираи табиқи ин Фармони таърихии сарвари давлат маҷмуи тадбрҳои давлатӣ бо мақсади боло бурдани мақоми сиёсӣ ва ҷамъиятии занон амалӣ карда мешаванд. Фармони мазкур дар воқеъ ҳуҷҷати таърихӣ мебошад, чунки дар заминаи он дар таърихи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон давраи нави ҷалби занону бонувон ба ҳаёти давлатӣ оғоз мешавад. Занони Тоҷикистон дар давраи шуравӣ низ дар ҳаёти давлатӣ иштирок менамуданд. Аммо аҳаммияти таърихии Фармони зикршудаи сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар он зоҳир мешавад, ки ҷалби занону бонувон ба ҳаёти давлатӣ бо роҳи боло бурдани мақоми онҳо дар ҷомеа ба роҳ монда мешавад. Боло бурдани мақоми зан дар ҷомеа маънои беҳтар намудани вазъи воқеии занону бонувонро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ дар назар дорад.

Бо мақсади боло бурдани мақоми занону бонувон дар ҷомеа дар заминаи Фармони мазкур силсилаи тадбирҳои давлатӣ дар соҳаи беҳтар намудани сифати таҳсили духтарон, ҷорӣ намудани квотаҳои президентӣ барои ҷалби духтарон ба муассисаҳои касбии таҳсилотӣ, муқаррар намудани имтиёзҳои иловагӣ барои занон дар қонунгузорӣ, таъмини сломатии репродуктивии занон, таъмини шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкории занон, пешниҳод намудани занону бонувони лаёқатманд ба вазифаҳои роҳбарикунанда ва дигар амалӣ карда мешаванд.

Дар доираи татбиқи ин Фармони таърихии сарвари давлат Барномаи давлатиии «Мавқеъ ва нақши зан дар ҷомеа» амалӣ карда мешавад. Дар ҷумҳурӣ ҷараёни таъин намудани занону бонувон ба вазифаҳои роҳбарикунанда оғоз мешавад. Бо ин мақсад маҷмуи тадбирҳо оид ба такмили қобилият ва истъдоди кории занону духтарон андешида мешаванд. Яке аз ин тадбирҳо соҳаи илм ва маорифро дар мегирад. Тадбирҳои иловагӣ оид ба боло бурдани сатҳи шуури ҷамъиятии занону духтарон, ҷалби васеи онҳо ба таълим, таъсиси

грантҳои президентӣ, квотаҳо дар муассисаҳоии таҳсилотӣ амалӣ карда мешаванд. Иҷрои ин бандҳои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 марти соли 2000 таъмин карда мешавад.

Титбқи Фармони мазкур мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вазифадор карда мешаванд, ки муборизаро бо зӯроварӣ дар оила фаъол намуда, тадбирҳои муассири ҳуқуқиро бо мақсади пешгирии ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ, ки боиси паст гардидани қадр, шаъну шарафи занону духтарон, маҳдудшавии ҳуқуқу озодиҳои онҳо мегарданд, амалӣ нанамоянд.

Фармони зикршуда ба фаъолнокии занҳо дар рушди ҷомеа, аз ҷумла интихоби касбу кори нав такони ҷиддӣ мебахшад. Тибқи Фармони мазкур афзоиши шумораи занҳои мутахассис дар деҳот пешбинӣ мешавад. Омода намудани ин мутахассисон ҳамчун вазифаи муҳими давлатӣ эълон карда мешавад. Ҳамчунин, бо мақсади тарбияи кадрҳо аз ҳисоби духтарони манотиқи кӯҳистон ба онҳо зимни қабул ба таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ имтиёзҳо муқаррар карда мешавад.

Тавре маълум мешавад, Фармони зикршудаи сарвари давлат аз як тараф ҳуҷҷати алоҳидаи ҳуқуқӣ мебошад. Аз тарафи дигар аҳаммияти таърихии он аз доираи як ҳуҷҷати оддии ҳуқуқӣ берун мебарояд. Нуфузи онро бо нуфузи Конститутсия, ки ҳуҷҷати ҳуқуқии стратегӣ мебошад, баробар намудан мумкин аст. Фармони мазкур бо як ё ду соҳаи ҳаёти ҷомеа маҳдуд намешавад. Дар доираи Фармони мазкур маҷмуи тадбирҳои давлатӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа то ба ҳол амалӣ карда мешаванд. Татбиқи Фармони мазкур вазифаи ҳамаи мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад.

Барои татбиқи Фармони мазкур ҳамаи шахсони мансабдор, хизматчиёни давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрвандон масъул мебошанд. Ҳамаи аъзоёни ҷомеа манфиатдоранд, ки занону бонувон доимо солим бошанд. Занон офарандаи наслҳои нави инсонӣ мебошанд, дар таълиму тарбияи кӯдакон дар оила, боғчаҳои кӯдакона,

мактаб нақши асосӣ ва ҳалкунанда доранд. Занон функсияҳои рупрподуктивиро иҷро мекунанд. Солимии занон кафолати солимии ҷомеа мебошад.

Аз ин хотир, Фармони мазкури сарвари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон нақши дар воқеъ таърихӣ дошта, нуфузи он аз ҳамаи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки солҳои Истиқлолияти давлатӣ қабул шудаанд, баландтар аст.

Бо мақсади иҷрои Фармони зикршуда силсилаи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва баномавии давлатӣ қабул карда мешаванд. Чунончӣ, дар доираи татбиқи Фармони мазкур якчанд барномаҳои давлатӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқу озодиҳо ва имкониятҳои баробари мардону занон амалӣ карда мешаванд. Дар доираи амалӣ намудани ин барномаҳо дар ҳудуди вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо нақшаи тадбирҳо бо дарназардошти анъанаҳои миллӣ таҳия ва амалӣ карда мешаванд.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи Рӯзи модар» аз 6 марти соли 2009, №632 [44] 8 март – Рӯзи модар эълон карда мешавад. Фармони мазкур бо мақсади бузургдошти зан – модар офарандаи ҳаёт, тарбиятгари наслҳо, ҳидоятгари наврасону ҷавонон ба роҳи нек ва пойдории оила аз ҷониби сарвари давлат баровварда мешавад.

Солҳои минбаъда якчанд ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномаҳои давлатӣ бо мақсади тарбияии занону духтарон ва пешниҳоди онҳо ба вазифаҳои роҳбарикунанда дар мақомоти давлатӣ, фаъол намудани нақши занон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлат ва ҷомеа, пешгирии зӯроварӣ дар оила қабул карда мешаванд.

Фармони дар боло зикршудаи сарвари давлат аҳҳаммияти таърихӣ дорад, чунки ба боло рафтани мақоми занону духтарон дар ҳамаи соҳаҳои ҳҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ мусоидат намуд. Айни замон ҳалли масъалаи мазкур танҳо ба ҳҳамин Фармони таърихӣ маҳдуд намешавад. Силсилаи фармонҳои сарвари давлат ба таъмини кафолатҳои иҷтимоии

занон, солимии оила, таъмини ҳууқуқҳои гендерии занон, ҳуқуқҳои биологии занон, кафолатҳои имтиёзҳои иловагии занон бахшида мешаванд.

Шумораи зиёди фармонҳои сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ, баланд бардоштани музди меҳнат, нафақа бахшида мешаванд.

Яке аз аввалин фармонҳои сарвари давлат бо мақсади таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои алоҳидаи кормандони соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, таъминоти иҷтимоӣ, баланд бардоштани нафақаи иҷтимоӣ соли 1999 қабул шуда буд. Бо Фармони мазкур ставкаҳои тарифии ҷорӣ ва маоши кормандони муссисаҳои маориф ва тиббӣ аз 1 январи соли 2000 ба андозаи 30 фоиз ва аз 1 апрели соли 2000 ба андозаи 10 фоиз зиёд карда мешаванд.

Анъанаи қабули фармонҳои сарвари давлат дар ин соҳа, ки аз ҷумлаи иқдомҳои хайрхоҳонаи Эмомалӣ Раҳмон буда, ба беҳтар гардидани шароити зиндагии шаҳрвандон мусоидат менамояд, солҳои минбаъда давом дода мешавад. Чунончӣ, дар ин давра фармонҳои зерини сарвари давлат қабул ва амалӣ карда мешаванд: «Дар бораи зиёд намудани маоши ҳадди ақал, музди меҳнати коррмандони ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, нафақа ва стипендия» (27 декабри соли 2007), «Дар бораи тадбирҳои тақвият додаани сатҳи ҳифзи иҷтимооии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» (20 июни соли 2008), «Дар бораи тадбирҳои тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақаҳо ва стипендия» (6 сентябри соли 2010), «Дар бораи тадбирҳои тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» (2 августи соли 2011).

Сиёсати давлат дар соҳаи таъмини шароити арзандаи зиндагӣ солҳои минбаъда мунтазам амалӣ карда мешавад. Чунончӣ, дар ин самт фармонҳои зерини сарвари давлат бароварда мешаванд:

– Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии кормандони муассисаю ташкилотҳои соҳаҳои иҷтимоӣ, андозаи нафақа ва стипендия» аз 13 августи соли 2012, №1313 [28];

– Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматичиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» аз 14 августи соли 2013, №1493 [29];

– Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» аз 6 июни соли 2016, №697 [30];

– Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зиёд намудани андозаи стипендияи донишҷӯёни муасссисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонр, инчунин, магистр, аспирант ва докторантҳо» аз 25 феврали соли 2021, №127 [52];

– Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зиёд намудани андозаи нафақаҳои гурӯҳҳои алоҳидаи нафақагирон, ки ба онҳо нафақа аз рӯйи маъюбӣ таъин ва пардохт карда мегардад» аз 28 майи соли 2021, №186 [21];

– Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зиёд намудани андозаи маоши амалкунандаии вазифавии кормандони раёсати Акдемияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва муассисаҳои тобеи он» аз 20 сентябри соли 2021, №251 [22];

– Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» аз 13 январи соли 2022, №312 [31];

– Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» аз 6 феврали соли 2023, №526 [32];

– Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» аз 9 январи соли 2024, №571 [27].

Бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барномаҳо, консепсяҳо, стратегияҳои давлатӣ, ки мақсад, вазифаҳо, афзалиятҳои самтҳои гуногуни сиёсати давлатиро муайян мекунанд, тасдиқ карда мешаванд. Чунончӣ, бо фармонҳои сарвари давлат Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 апрели соли 2008, Консепсияи такмили сохтори идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 сентябри соли 2008, Консепсияи сиёсати давлатии кадрии Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 декабри соли 2008, Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 феврали соли 2011, Консепсияи корҳои сиёсию тарбиявӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 феврали соли 2015, Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳҳурии Тоҷикистон 27 январи соли 2015, Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 июли соли 2015 ва дигар тасдиқ карда мешаванд.

Соҳаи фарҳанг мақомот ва муассисаҳои фарҳангӣ, арзишҳо ва меъёрҳои маънавӣ-фарҳангӣ, осори фарҳанги миллиро дар бар гирифта,

дар ин соҳаи муҳимми ҳаёти ҷомеа силсилаи тадбирҳои давлатӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, илмӣ роҳандозӣ карда шудаанд. Мебояд зикр намуд, ки бештари чорабиниҳои фарҳангӣ бо ташаббусу маслиҳатҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон амалӣ карда мешаванд. Бо ин мақсад як қатор фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои гунгогуни Истиқлолияти давлатӣ қабул карда мешаванд. Чунончӣ, дар соҳаи ҳаёти фарҳангӣ фармонҳои зерини Сарвари давлат қабул карда шудаанд: «Дар бораи ҷашни 1100-солагии Давлати Сомониён» (14 апрели соли 1997), «Дар бораи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2000-ум гузаронидани соли байналмилалии фарҳанги сулҳ» (27 октябри соли 1999), «Дар бораи нашри энсиклопедияи миллии тоҷик» (20 феврали соли 2008), «Дар бораи соли бузургдошти Имоми Аъзам эълон кардани соли 2009» (15 сентябри соли 2008), «Дар бораи рӯзи модар» (6 марти соли 2009), «Дар бораи таҷлили зодрӯзи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ» (1 июни соли 2009), «Дар бораи соли маориф ва фарҳанги техникӣ эълон кардани соли 2010» (15 сентябри соли 2009), «Дар бораи эълон намудани соли 2015 «Соли оила» (3 феврали соли 2015) ва дигар.

Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаҳои дигари ҳаёти давлат ва ҷомеа низ қабул мешаванд. Чунончӣ, фармонҳои сарвари давлат дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, боғдорӣ, токпарварӣ, истифодаи замин, рушди корхонаҳои саноатӣ, истифодаи захираҳои энергетикӣ, сохтмон ва дигар қабул шудаанд. Бо дарназардошти самти афзалиятнок будани инкишофи соҳибкорӣ фармонҳои зерини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуданд: «Дар бораи пешбурди дафтари бақайдгирии санҷиши субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (28 марти соли 2001), «Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳамаи намуди санҷишҳои субъектҳои соҳибкории хурду миёна» (25 июли соли 2008), «Дар бораи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (7 марти соли 2009), «Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳамаи намуди санҷишҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» (30 сентябри

соли 2011) ва дигар. Сиёсати ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ин самт мунтазам амалӣ карда мешавад. Чунончӣ, бо ин мақсад Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» аз 16 марти соли 2022, №362 [36] қабул мешавад. Ин ва дигар фармонҳои Пешвои миллат барои рушди соҳибкории хурду миёна, соҳибкории истеҳсолӣ такони ҷиддӣ бахшиданд.

Фармонҳои сарвари давлат хусусияти фаврӣ дошта, дар ҳолатҳои зарурӣ қабул мешаванд. Чунончӣ, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии таъсири бемории сироятии COVID-19 ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 июни соли 2020, №1544 [24] ба таври таъҷилӣ, бо дарназардошти паҳн шудани бемории сироятӣ, пешгирии оқибатҳои манфии он бароварда мешавад. Дар доираи татбиқи он тадбирҳои муассир оид ба муваққатан мавқуф гузоштани тарифҳои ҷойдоштаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ, пардохтҳои андоз барои инфрасохтори иҷтимоӣ, дастгирии нақлиёти мусофиркашонӣ амалӣ карда мешаванд.

Дар давраи паҳн шудани бемории сироятӣ доираи муайяни соҳибкорон фаъолияташонро қатъ намуданд. Аз ин хотир, мутобиқи Фармони дар боло зикршуда соҳибкорон аз пардохти маблағи иҷораи моликияти давлатӣ озод карда мешаванд. Соҳибкороне, ки дар инфрасохтори иҷтимоӣ фаъолият доштанд, аз пардохти маблағи андоз озод карда мешаванд. Илова бар ин, бо мақсади дастгирии соҳибкорон маблағҳои буҷети давлатӣ ҷудо карда мешаванд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба дастгирии кормандони соҳаи тиб дода мешавад.

Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкили низоми бонкӣ молиявӣ ва пулӣ нақши муҳим доранд. Сарвари давлат мутобиқи банди 7 м. 69 Конститутсия: «Раиси Бонки миллӣ ва муовинони ӯро таъин ва озод мекунад» [1].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи банди 15 м. 69 Конститутсия: «Низоми пулиро муайян менамояд ва мълумотро ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд» [1].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи банди 16 м. 69 Конститутсия: «Ихтиёрдор ва масъули сармояи захиравӣ мебошад» [1].

Бо фармонҳои сарвари давлат мунсибатҳои ҷамъиятӣ, ки бо амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ алоқаманд мебошанд, танзим карда мешаванд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи банди 17 Конститутсия: «Ба татбиқи сиёсати хориҷӣ роҳбарӣ мекунад, шартномаҳои байналмилалиро имзо ва ба тасдиқи Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд» [1].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи банди 18 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Сарони намояндагиҳои дипломатиро дар давлатҳои хориҷӣ, намояндаҳои ҷумҳуриро дар ташкилотҳои байналмилалӣ таъин ва озод мекунад» [1].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи банди 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Эътимодномаҳои сарони намояндагиҳои дипломатии давлатҳои хориҷиро қабул менамояд» [1].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи банди 24 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Масъалаҳои шаҳрвандиро ҳал мекунад» [1].

Сарвари давлат мутобиқи банди 25 Конститутсия: «Паноҳгоҳи сиёсӣ медиҳад» [1].

Сарвари давлат мутобиқи банди 27 Конститутсия: «Бо рутбаҳои олии ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо ва унвонҳои махсус сарфароз мегардонад» [1].

Илова бар ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияти худро дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 июли соли 2016, №1326 [10] амалӣ мекунад. Қонуни мазкур тартиби бастан, тасдиқи (ратификатсия)

шартномаҳои байналмилалӣ, ҳамроҳшавӣ ба онҳо, иҷро интишор, бақайдгирӣ, баҳисобгирӣ ва нигоҳдорӣ, тағйир додан, қатъ намудан ва боздоштани амали шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим мекунад. Тибқи м. 5 Қонуни зикршуда мақомоти давлатӣ тавассути Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ваколати худ дар бораи тасдиқи шартномаҳои байналмилалӣ таклифҳо пешниҳод менамоянд. Ин таклифҳо дар муддати на дертар аз 14 рӯз то санаи ба имзо расонидани шартномаҳои байналмилалӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд. Мутобиқи м. 7 ва 15 Қонун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармони худ ҷиҳати маъқул донистани матн, ба имзо расонидани шартномаҳои байналмилалӣ, ҳамроҳшавӣ ба онҳо, додани ваколат барои иҷро намудани амалҳои мазкур қарор қабул менамояд. Сарвари давлат салоҳияти ворид намудани тағйирот ба шартномаҳои байналмилалӣ, боздоштани амали шартномаҳои байналмилалӣ ё бекор кардани (денонсатсияи) онҳоро дорад.

Солҳои Истиқлолияти давлатӣ силсилаи фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълон намудани мораторий ба санҷишҳои фаъолияти соҳибкорӣ бароварда мешаванд. Яке аз фармонҳои сарвари давлат, ки бо он санҷиши фаъолияти соҳибкорон боздошта мешавад, соли 2018 бароварда мешавад. Бо он ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ба мӯҳлати ду сол мораторий эълон карда мешавад. Айни замон меъёри мазкур ба санҷишҳои нақшавии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Бонки миллӣ, Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Кумитаи андоз паҳн намешавад. Фармони зикршуда бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои рушжи соҳибкории истеҳсолӣ амаллӣ карда мешавад.

Ҳамчунин, дар доираи амалӣ намудани фармонҳои сарвари давлат, ки дар ин самт бароварда мешаванд, қонуни алоҳида қабул мешавад. Дар он асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии риояи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти соҳибкорони истеҳсолкунанда муайян карда мешаванд. Ҳамчунин, тартиби татбиқи мораторий, ки ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон равона гардидааст, муқаррар карда мешавад.

Дар сатҳи қонун мафҳумҳои мораторий ба санҷишҳо, субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, давраҳои мораторий ба санҷишҳо ва ғайра возеҳу равшан баён мегардад. Татбиқи Қонуни мазкур ба таҷрибаи амалисозии як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла кодексҳои андоз, ҷангал, гумрук, шаҳрсозӣ, меҳнат, тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор», «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ҳифзи муҳити зист», «Дар бораи ҳимояи рақобат», «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор», «Дар бораи металҳои қимматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо», «Дар бораи энергетика», «Дар бораи стандартонӣ», «Дар бораи сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасонӣ», «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат», «Дар бораи байторӣ», «Дар бораи тухмипарварӣ», «Дар бораи карантини растанӣ», «Дар бораи зотпарварӣ» таъсир мерасонад.

Бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоя, ташкили ҷойҳои корӣ ва кам намудани санҷишҳо Фармони сарвари давлат аз 16 марти соли 2022, №362 «Дар бораи эълон намудани мараторийй ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» [56] бароварда мешавад.

Фармонҳои сарвар давлат ба таъмини шароити зиндагии аҳолии деҳот равона карда мешаванд. Айни замон рушди деҳот ва ҳунарҳои мардумӣ бо ҳамдигар робитаи устувор дорад. Ҳунарҳои мардумӣ, ки ба суннатҳои миллӣ такя доранд, бештар дар деҳот инкишоф меёбанд. Сохтмони инфрасохтори сайёҳӣ ба ташкили ҷойҳои нави корӣ дар деҳот, рушди ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар деҳот, ташвиқи ҳунарҳои мардумӣ, ҷалби сайёҳон мусоидат мекунад. Аз ин хотир, бо мақсади вусъат бахшидан ба рушди деҳот, соҳаи сайёҳӣ ва дастгирии ҳунарҳои мардумӣ Фармони сарвари давлат аз 29 декабри соли 2017 таҳти рақами 977 «Дар бораи «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои марумӣ эълон намудани соли 2018» [38], Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намудани солҳои 2019-2021» аз 2 январи соли 2019 таҳти рақами 1170 [19] бароварда мешаванд.

Бо дастгирии бевоситаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон имрӯз ҷавонони кишвар дар муҳити сулҳу субот, ваҳдату ягонагӣ, дар ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд ба камол расида, дар рушду нумӯи ватани азизамон – Тоҷикистон саҳми ҳаррӯзаи худро мегузоранд. Сарвари давлат ҷавононро нерӯи ниҳоят пуриқтидори бунёдкор ва пешбарандаи ҳаёти ҷомеа мешуморанд ва ба сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзи аввали истиқлолият диққати ҷиддӣ медиҳанд. Бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои ҷавонон ва татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 майи соли 1997 «Дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани кор бо ҷавонон» [54] қабул мешавад. Бо мақсади таъмини институтсионии сисати давлат дар соҳаи ҷавонон Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Тоҷикистон таъсис дода мешавад. Ҳамчунин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» аз 13 марти соли 1992 (бо тағйиру иловаҳо аз 15 июли соли 2004, №52), якчанд барномаҳои давлатии «Ҷавонони Тоҷикистон» амалӣ

карда мешаванд, соли 1998 «Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ» тасдиқ мешавад.

Беҳтар намудани вазъи иҷтимоии хонандагони хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, техникумҳо, коллеҷҳо аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар маркази таваҷҷуҳи сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Яке аз аввалин фармони сарвари давлат дар ин самт ҳанӯз соли 1998 қабул шуда буд.

Бо ташаббуси сарвари давлат Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон, Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавонон, Барномаи рушди саломатии ҷавонон, Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон барои солҳои 2016-2018 амалӣ карда мешаванд. Рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» 23 феврали соли 1998 баъди танаффуси сесола эҳё мешавад. 23 юми май Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон эълон карда мешавад.

Бо ташаббуси сарвари давлат соли 2017 ҳамчун «Соли ҷавонон» эълон карда мешавад, Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон барои давраи то соли 2030, Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия мешаванд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» дар таҳрири нав қабул мешавад.

Тарбияи ҷавонон, баланд бардоштани сифати таҳсилот, беҳтар намудани шароити иҷтимоии донишҷӯён, аспирантон, магистрҳо, докторантон ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Бо ин мақсад 25-уми феврали соли 2021 Фармони навбатии сарвари давлат «Дар бораи зиёд нанамудани андозаи стипендияи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин магистр, аспирант ва докторантҳо» №127 [52] қабул мешавад.

Фармони мазкур бо мақсади дастгирии давлатӣ ва тақвияти вазъи иҷтимоии донишҷӯён қабул мешавда. Тибқи Фармон аз 1-уми сентябри

соли 2021 андозаи стипендияҳои амалкунандаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбӣ (ба ғайр аз стипендияҳои президентӣ, курсантҳои муассисаҳои олии ҳарбӣ ва Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон), инчунин, магистр, аспирант ва докторантҳо ба андозаи 30 фоиз зиёд карда шавад.

Тавре дар зербобҳои қаблӣ қайд гардид, як қатор амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти меъёриро дар бар мегиранд. Ин амрҳои сарвари давлат дар рушди низоми ҳуқуқӣ нақши муҳим доранд. Чунончӣ, бо Амри махсуи сарвари давлат асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» муқаррар карда мешаванд, аз ҷумла Низономаи озмун тасдиқ карда мешавад, тартиби ташкил ва аъзоёни комиссияи озмун, андозаи ҷоиза ва мукофот, ҳамчунин, доираи зарури асарҳои тавсияшаванда муайян карда мешаванд. Илова бар ин, мақомоти давлатӣ ва муасссаҳои давлатии дахлдор вазифадор карда мешаванд, ки багузории озмунро таъмин намоянд.

Бо Амри дигари сарвари давлат (соли 2021) озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» баргузор карда мешавад. Дар он асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, молиявӣ, моддӣ, тарбиявӣ, маънавӣ-фарҳангии баргузории озмун муқаррар карда мешаванд, доираи мақомоти давлатии масъул муайян карда мешавад, маблағи пулӣ ҷудо карда мешавад. Ҳамчунин, бо Амри сарвари (соли 2021) озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон-Ватани азизи ман» доир мегардад. Дар он асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии озмун муайян карда шуда, ба зиммаи як қатор мақомоти давлатӣ вазифаҳо гузошта мешаванд.

Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки ҳам фармонҳои меъёрӣ ва ҳам амрҳои фардӣ дар танзими муносибатҳои соҳаи фарҳанг истифода мешаванд. Дар бандҳои алоҳидаи амрҳои сарвари давлат меъёрҳои ҳуқуқии умумиҳатмӣ ва супоришҳои мушаххас ифода карда мешаванд. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки амрҳо танҳо мазмуни фардӣ

надошта, муносибатҳои ҷамъиятиро дар доираи таъсиррасонии меъёрии ҳуқуқӣ танзим мекунанд. Ин бори дигар собит менамояд, ки санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат хусусиятҳои худро доранд.

Такмили қонунгузории соҳаи маориф яке аз самтҳои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Дар ин соҳа фармонҳо ва амрҳои зиёди сарвари давлат амалӣ карда мешаванд. Онҳо заминаи ташаккул ва инкишофи қонунгузории соҳаи маорифро ташкил медиҳанд. Ин санадҳои ҳуқуқӣ дар доираи татбиқи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавии давлатӣ дар соҳаи маориф қабул мешаванд.

Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои рушди илми ватанӣ ва дастгирии иҷтимоии кормандони илм нақши ҳалкунанда доранд. Чунончӣ, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2020, таҳти рақами 1505 [45] Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон акнун Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон номгузорӣ карда мешавад. Мутобиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи зиёд намудани андозаи маоши амалкунандаи вазифавии кормандони раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикисттон ва муассисаҳои тобеи» аз 20 сентябри соли 2021, №251 [22] андозаи маоши амалкунандаи вазифавии кормандони раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва муассисаҳои тобеи он аз 1 сентябри соли 2021 зиёд карда мешавад.

Дар ҷомеаи иттилоотӣ нақши воситаҳои ахбори омма баланд мешавад. Воситаҳои ахбори омма дар паҳн намудани иттилооти ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, таъмини дастрасии иттилооти давлатӣ ба шаҳрвандон, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти давлатӣ саҳми калон доранд. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилии воситаҳои ахбори омма» аз 7 феврали соли 2009, №622 [47] ҳисси масъулияти шахсони мансабдорро қавитар мегардонад. Мутобиқи

ин Фармон фаъолияти он воситаҳои ахбори омма, ки ҷараёни дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодиро пурра инъикос менамоянд, бо мақомоти давлатӣ робитаи мунтазам доранд, дастгирӣ карда шавад. Роҳбарони мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати вокуниш ба мулоҳизаҳои танқидӣ дар муҳлатҳои муқарраргардида тадбирҳои бетаъхири мушаххас андешанд, имкониятҳои телевизион, радио, рӯзнома ва маҷаллаҳоро истифода баранд. Айни замон роҳбарони воситаҳои ахбори омма вазифадор карда мешаванд, ки инъикоси воқеъбинона ва таъсирбахшии маводҳои танқидӣ ва таҳлилиро таъмин намоянд.

Таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ роҳи асосии боло бурдани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад. Таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ фаъолияти танҳо мақомоти давлатӣ нест. Таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ вазифаи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва тарбиявӣ мебошад. Дар таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон кулли ҷомеа иштирок мекунад, чунки барпо намудани давлати ҳуқуқбунёд иштироки шаҳрвандонеро дар назар дорад, ки шуури ҳуқуқии баланд доранд. Самаранокии фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ дар доираи асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва методологӣ таъмин карда мешавад. Аз ин хотир, бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон асосҳои ҳуқуқии таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон муқаррар карда мешаванд.

Тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар доираи сиёсати ҳуқуқии тарбиявӣ аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ҳамчун вазифаи муҳимми давлат ва ҷомеа дарк карда мешавад. Нахустин фармони сарвари давлат дар ин соҳа ҳанӯз солҳои 1990-ум қабул шуда буд. Чунончӣ, ба роҳандозии сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, боло бурдани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» [55] заминаи ҳуқуқӣ

мегузорад. Дар доираи амалӣ намудани Фармони мазкур якчанд қарорҳои Ҳукумат қабул шуда, барномаҳои давлатӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ то имрӯз амалӣ карда мешаванд.

Минбаъд асосҳои консептуалии таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон муайян карда мешаванд. Ҳуҷҷати консептуалӣ бо номи «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» [40] тасдиқ карда мешавад. Дар он самтҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи рушди маърифати ҳуқуқӣ, тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ ва ёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд.

Аҳаммияти ҳуҷҷати мазкур дар он аст, ки тарғиби ҳуқуқӣ, ташвиқи ҳуқуқӣ ва ёрии ҳуқуқӣ ҳамчун се самти асосии таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Дар доираи самтҳои таълиму тарбияи ҳуқуқӣ маҷмуи тарзу воситаҳои таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, доираи субъектони фаъолияти зикршуда аниқ карда мешавад. Ҳамчунин, роҳҳои боло бурдани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ҳамчун самти нави сиёсати ҳуқуқии таълимӣ-тарбиявӣ пазируфта мешавад. Раванди амалӣ намудани «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» соли 2018 оғоз мешавад. Айни замон Фармони махсуси сарвари давлат бахшида ба маърифати ҳуқуқӣ соли 2024 бароварда мешавад. Аз ин ҷо маълум мешавад, якчанд сол пештар асосҳои консептуалии ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон бо ҳуҷҷати консептуалии зикршуда муайян карда мешаванд.

Дар «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, №599 тасдиқ шудааст, унсурҳои низоми таълиму тарбияи ҳуқуқӣ, роҳҳои амалӣ намудани машварати ҳуқуқӣ ва расонидани ёрии ҳуқуқӣ роҳҳои зерини амалӣ намудани машварати ҳуқуқӣ ва расонидани ёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд.

Дар «Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки 28 декабри соли 2023 манзур карда мешавад, соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда мешавад. Моҳият ва мақсадҳои сиёсати давлат дар соҳаи маърифати ҳуқуқӣ дар «Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар» 9 марти соли 2024, «Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар» 30 майи соли 2024 муайян карда шуданд.

Бо мақсади муайян намудани асосҳои ҳуқуқии сиёсати давлат дар соҳаи маърифати ҳуқуқӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, №668 [48] бароварда мешавад. Бо мақсади иҷрои Фармони мазкур Ҳукумати мамлакат нақшаи чорабиниҳоро таҳия мекунад.

Маърифати ҳуқуқӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ буда, ба паҳн гардидани дониши ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ, иштироки онҳо дар равандҳои ҳаёти ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар муқовимат ба терроризм, коррупсия, гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор ва намудҳои дигари ҳуқуқвайронкунӣ мусоидат мекунад. Аз ин хотир, боло бурдани маърифати ҳуқуқӣ ҷузъи сиёсати давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) мебошад. Чунончӣ, мафҳум, вазифаҳо, самтҳои маърифти ҳуқуқӣ дар Қонуни намунавии ИДМ «Дар бораи фаъолияти маърифатӣ» аз 7 декабри соли 2002 муайян карда мешаванд [14]. Дар Кодекси намунавии таҳсилотӣ барои давлатҳои аъзои ИДМ (Қисми умумӣ) аз 16 ноябри соли 2006 таҳсилот ҳамчун раванди такомули мунтазами ахлоқӣ, зеҳнӣ, эстетикӣ ва ҷисмонии шахс шарҳ дода мешавад [16]. Дар Конуни намунавӣ «Дар бораи тарбияи кӯдакон ва ҷавонон» аз 14 майи соли 2009 [15] вазифаҳои таҳсил, тарбия ва таълим муайян карда мешаванд. Дар Конвенсияи

ИДМ оид ба ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсон аз 26 майи соли 1995 [4] алоқамандии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон бо таълиму тарбияи ҳуқуқӣ ифода меёбад.

Илова бар ин, дар давлатҳои аъзои ИДМ мақсадҳо ва вазифаҳои таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, сиёсати давлат дар самти боло бурдани маърифати ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар «Асосҳои сиёсати давлатии Федератсияи Россия дар соҳаи инкишофи саводнокии ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон» [75]; Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Беларус; Нақшаи чорабиниҳо оид ба тарбия ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар солҳои 2024-2029 дар Ҷумҳурии Беларус [77]: Консепсияи «Фарҳанги баланди ҳуқуқӣ – кафолати рушди ҷомеа» дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон [251], Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Қазоқистон барои давраи то соли 2030 [78] муайян карда шудаанд.

Дар асарҳои зиёди илмӣ оид ба таносуби маърифати ҳуқуқӣ бо тарбияи ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ [106, с. 352; 120, с. 360-384; 159, с. 2-16; 246; 228, с. 206-208] ҳамчун раванди паҳн гардидани дониши ҳуқуқии ибтидоӣ [201, с. 13-29; 207, с. 178] таносуби маърифати ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳуқуқӣ [215, с. 5-14; 217, с. 359-364; 221, с. 6-15] маърифати ҳуқуқӣ ва амалисозии ҳуқуқҳои инсон [164, с. 734-737] ақидаҳо пешниҳод мешаванд.

Боло бурдани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, тарбиявӣ, идеологӣ, таҳсилотиро талаб мекунад. Айни замон боло будани маърифати ҳуқуқӣ ҷузъи сиёсати давлати Тоҷикистон буда, ташаккул ва такмилии мунтазами заминаи ҳуқуқиро талаб мекунад. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маъмулан ба иҷрои ин вазифа мусоидат мекунанд, чунки функсияи тарбиявиро иҷро мекунанд. Санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шуур, ирода ва фаъолияти одамон таъсири ҳуқуқӣ, иттилоотӣ, арзишӣ ва тарбиявӣ мерасонанд.

Муқовимат ба коррупсия амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, таълимӣ, тарбиявиро талаб мекунад. Дар байни онҳо чораҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва маърифатӣ нақши ҳалкунандаро иҷро мекунанд. Муқовимат ба коррупсия танҳо дар он ҳолат самара медиҳад, ки агар шаҳрвандон ба коррупсия ҳамчун падидаи номатлуби ҳаёти ҷомеа зид бароянд. Сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ ҳуқуқӣ, ки дар доираи фаъолияти муташаккилонаи давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба ташаккули маърифати ҳуқуқӣ таъмин мегардад, омили ҳалкунандаи муқовимат ба коррупсия ба шумор меравад. Маърифати ҳуқуқӣ омили аввалиндараҷаи муқовимат ба коррупсия мебошад. Аз ин хотир, дар «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мебошад» [64] маҷмуи тадбирҳо бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ҳамчун омили мусоидаткунанда ба муқовимат ба коррупсия пешбинӣ мешавад.

Таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, ки бо ташакккули дониши ҳуқуқӣ ва арзишҳои маънавӣ-фарҳангӣ алоқаманд аст, омили муҳимми муқовимат ба экстремизм ва терроризм мебошад. Аз ин хотир, мутобиқи «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» фаъолтар намудани чорабиниҳои фарҳангию равшаннамоӣ, баланд бардоштани фарҳанги сиѐсии ҷомеа ва пешбурди ташвиқоти зиддиэкстремистӣ яке аз самтҳои асосии муқовимат ба экстремизм ва терроризм мебошанд [65].

Ин ҳуҷҷатҳои стратегӣ бо ташаббус ва дар доираи иҷрои супоришҳои сарвари давлати Тоҷикистон қабул шудаанд. Ҳолати мазкур бори дигар собит менамояд, ки ҳамаи санадҳои ҳуқуқии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, инчунин, муроҷиат, суханронӣ, маслиҳату пешниҳодҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон омили рушди босуботи ҷомеа мебошанд.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳлили гузаронидашуда хулосаҳои зеринро пешниҳод намудан мумкин аст.

1. Ғояҳои асосии сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон оид ба рушди ҳаёти ҷомеа дар муроҷиатҳо, суханрониҳо, маслиҳату пешниҳодҳо, паёмҳои ӯ пешниҳод шуда, минбаъд дар санадҳои ҳуқуқӣ расмӣ карда мешаванд. Бо фармонҳо ва амрҳои сарвари давлат асосҳои ҳуқуқии рушди ҳаёти ҷомеа муқаррар карда мешаванд.

2. Ҳамаи санадҳои ҳуқуқии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, ки мазмуни меъёрӣ, фардӣ, ташкилӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ доранд, барои танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва дигари ҷамъиятӣ заминаи бунёдии ҳуқуқӣ мегузоранд.

3. Дар санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат модели нави рушди ҷомеа бо дарназардошти ҳадафҳои стратегии давлати Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

4. Санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат дар таъмини шароити арзандаи зиндагии шаҳрвандон, гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоии аҳолӣ (занону бонувон, соҳибкорон, нафақахӯрон, донишҷӯён ва дигарон) нақши ҳалкунанда доранд.

5. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар робита бо пешрафти ҳаёти ҷомеа мунтазам такмил меёбад. Аз ин хотир, доираи масъалаҳое, ки бо санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат танзим карда мешаванд, тағйир ёфта меистанд. Чунончӣ, санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат дар давраи мураккаб гардидани вазъияти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳарбии мамлакат бо мақсади ба эътидол овардани вазъияти бамиёномада, ҳимояи музаффариятҳои соҳибистиқлолӣ, таъмини амнияти давлат, ҷомеа ва шаҳрвандон қабул мешаванд.Дар солҳои минбаъда дар доираи санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии такмили қонунгузорӣ бо мақсади таъмин намудани шароити мусоид барои рушди ҳаёти ҷомеа фароҳам

оварда мешаванд. Солҳои охир нуфузи санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат дар доираи ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии давлати Тоҷикистон баланд мешавад.

6. Нақши санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат дар доираи дурнамои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат мунтазам боло меравад. Дурнамои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат бо таҳия ва қабули санадҳои нави ҳуқуқӣ дар давраи рақамикунонии ҷомеа алоқаманд аст.

# ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосаҳои зерин пешниҳод мешаванд:

1. Фармонҳои сарвари давлат, ки ҷузъи таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон ва давлатҳои пасошуравӣ мебошанд, объекти нави дарки илмӣ буда, дар маркази таваҷҷуҳи олимони зиёд қарор доранд. Таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат ҷузъи умуман таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунӣ буда, айни замон бо дарназардошти вазъи махсуси ҳуқуқии сарвари давлат ва доираи салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии ӯ ташаккул ёфтааст. Дар ҷараёни ташаккули таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии парламент ва мақомоти ҳокимияти иҷроия доираи муайяни анъанаҳои ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла дар соҳаи ҳуқуқшиносии аналитикӣ, ки солҳои қаблӣ ҷой доштанд, дар доираи мутобиқати онҳо ба ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ истифода мешаванд. Аммо таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат дар давраи пасошуравӣ, бо баробари таъсис гардидани мансаби Президент, ки қаблан ҷой надошт, ташаккул меёбад [1-М].

2. Фармонҳои сарвари давлат, ки натиҷаи фаъолияти меъёрэҷодкунии ӯ мебошанд, мазмуни меъёрӣ доранд. Ба санадҳои ғайримеъёрӣ фармонҳои фардӣ ва амрҳои сарвари давлат дохил мешаванд. Ин санадҳо мазмуни меъёрӣ надошта, ҳамчун санадҳои ҳуқуқтатбиқкунанда баромад мекунанд. Айни замон таснифи санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат ба меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ шартӣ аст, чунки як қатор санадҳои фардӣ ва ташкилӣ муқаррароти меъёриро дар бар мегиранд [3-М].

3. Санадҳои меъёрӣ ва фардии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ бброварда мешаванд. Фармонҳои меъёрии сарвари давлат натиҷаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошанд. Фармонҳои ғайримеъёрӣ ва амрҳои сарвари давлат натиҷаи фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ буда, бо мақсади татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ бароварда ё дода мешаванд [2-М].

4. Ҳангоми таҳқиқи мафҳум ва хусусиятҳои фармонҳои сарвари доираи салоҳияти сарвари давлати Тоҷикистонро ба инобат гирифтан лозим аст. Салоҳияти сарвари давлат ҳалли доираи васеи масъалаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятиро пешбинӣ мекунад. Айни замон салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат нуфузи бештар ва нақши ҳалкунанда дорад, чунки дар доираи он ҳадди ҳуқуқии амалӣ намудани салоҳияти ташкилӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, кадрӣ ва дигари сарвари давлат муқаррар карда мешавад. Илова бар ин, ҳадди ҳуқуқии салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат хусусиятҳои худро дорад, чунки бо фаъолияти қонунгузорӣ ва меъёрэҷодкунӣ алоқаманд аст [**2-М**].

5. Ҳамаи санадҳои ҳуқуқӣ, ки бо иштироки сарвари давлат қабул мешаванд, ба намудҳои зерин ҷудо карда мешаванд: фармонҳои меъёрӣ, фармонҳои ҳуқуқтатбиққунанда (фардӣ), амрҳои Президент ва қарорҳои Ҳукумат. Фармонҳо ва амрҳо бевосита аз тарафи сарвари давлат бароварда мешаванд ё дода мешаванд. Қарорҳои Ҳукумати Тоҷикистон бо иштироки бевоситаи сарвари давлат, аниқтараш бо имзои Президент ҳамчун Раиси Ҳукумат қабул мешаванд [**1-М**].

6. Фармонҳои сарвари давлати Тоҷикистон, ки дар доираи сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ бароварда мешаванд, хусусиятҳои худро доранд. Фармонҳои хориҷӣ бо мақсади танзими муносибатҳои байналмилалӣ бароварда мешаванд. Ҳамчунин, бо ин фармонҳо масъалаҳои ташкилии кадрӣ ҳал мешаванд. Аз ин хотир, фармонҳои хориҷӣ меъёрӣ ва фардӣ шуда метавонанд. Дар танзими муносибатҳои байналмилалӣ амрҳои сарвари давлат низ истифода мешаванд. Ҳамчунин, бо қарорҳои Ҳукумат доираи васеи масъалаҳо дар ин самт метавонанд, ки танзим шаванд. Аз ин хотир, дар танзими муносибатҳои байналмилалӣ фармонҳои меъёрӣ ва дигар санадҳои сарвари давлат истифода мешаванд [**3-М**].

7. Таҳлили мазмун ва шакли фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки онҳо дар таносуб бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хусусиятҳои худро доранд. Чунончӣ, фармонҳои меъёрии сарвари давлат дар

баробари меъёрҳои умумиҳатмии ҳуқуқӣ, ҳамчунин, супоришҳои муайянро дар бар мегиранд. Ин супоришҳо дар шакли меъёрҳо-супоришҳо ифода карда мешаванд. Зарурати истифодаи мафҳуми «меъёрҳо-супоришҳо» бо он собит мегардад, ки супоришҳои сарвари давлат ба доираи васеи мақомот ва шахсони мансабдор дода шуда, хусусияти умумиҳатмӣ доранд, чунки иҷроиши онҳо ҳатмист. Илова бар ин, дар фармонҳои ғайримеъёрии сарвари давлат низ супоришҳои дода мешаванд. Аммо ин супоришҳо хусусияти фардӣ доранд. Хулосаи дигар пешниҳод мешавад, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаи фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои махсуси техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар таносуб бо таҳияи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд истифода мешаванд [2-М].

8. Таҳқиқи фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон таҳлили амрҳои сарвари давлат ва қарорҳои Ҳукуматро низ талаб мекунад, чунки онҳо дар доираи салоҳияти Президент қабул мешаванд. Дар натиҷаи таҳқиқи мазкур муайян карда мешавад, ки масъалаи таносуби ин санадҳои ҳуқуқӣ бояд таҷдиди назар карда шавад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки як қатор амрҳои сарвари давлат муқаррароти меъёрии умумиҳатмиро дар бар мегиранд [4-М].

9. Доираи салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлати Тоҷикистон мутобиқан ҳадди танзими ҳуқуқиро муайян мекунад. Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки доираи салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат бо дарназардошти салоҳияти васеи сарвари давлат, ки аз ҷониби ӯ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад, муқаррар карда мешавад. Илова бар ин, салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат дар доираи салоҳияти идоракунии ӯ амалӣ карда мешавад. Салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат бо салоҳияти қонунгузорӣ ва салоҳияти идоракунӣ робита дорад. Фармонҳои меъёрӣ ва фардии сарвари давлат натиҷаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, идоракунӣ, ҳуқуқтатбиқкунии ӯ мебошанд [2-М; 4-М].

10. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таносуб бо фаъолияти субъектони дигари ҳуқуқэҷодкунӣ хусусиятҳои худро

дорад. Ин хусусиятҳо бо дарназардошти вазъи махсуси ҳуқуқӣ ва сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, иштироки бевоситаи ӯ дар фаъолияти қонунгузорӣ ва ҳуқуқэҷодкунии иҷроия, пешниҳоди лоиҳаҳои қонунҳо ба парламент, салоҳияти истисноии ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешаванд [**3-М**].

11. Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз шаклҳои иштироки сарвари давлат дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Айни замон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти вазъи ҳуқуқии ӯ ҳамчун сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия дар ду шакл амалӣ карда мешавад: пешниҳоди лоиҳаи қонун ё масъалагузорӣ оид ба қабули қонун ҳамчун сарвари давлат ва пешниҳоди лоиҳаи қонун аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон [**6-М**].

12. Салоҳияти истисноии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ бо имзо кардан ё накардани қонун алоқаманд аст. Аз салоҳияти мазкури сарвари давлат эътибори ҳуқуқӣ пайдо кардани қонун вобастагӣ дорад. Сарвари давлат бо ин салоҳияташ ба ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ таъсири бевосита ва ҳалкунанда мерасонад [**1-М**].

13. Танҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияти имзо ва интишори қонунро дорад. Имзо ва интишори расмии қонун шарти аввалиндараҷаи эътибори ҳуқуқӣ пайдо намудани қонун мебошад. Аз ин хотир, имзо ва интишори қонун яке аз шаклҳои муҳимми иштироки сарвари давлат дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Айни замон салоҳияти мазкур хусусияти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлатро муайян мекунад, чунки субъектони дигари хуқуқэҷодкунӣ, ҳатто парламенти Тоҷикистон чунин салоҳият надоранд [**2-М**].

14. Як қатор фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти истисноии сарвари давлат бароварда мешаванд. Фармонҳои мазкур оид ба эълон намудани ҳолати ҷанг ва вазъияти фавқулодда бароварда мешаванд. Ин фармонҳо дар ҳолатҳои таъхирнопазир, сарфи назар аз қабули қонун бароварда мешаванд. Аз ин хотир, бо фармонҳои сарвари давлат

муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҳолати ҷой надоштани қонун танзим карда мешаванд [**4-М**].

15. Дар ҷараёни такмили қонунгузорӣ шаклҳои нави иштироки сарвари давлат дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла суханрониҳо, таклифу пешниҳодҳои Пешвои миллат ба миён омаданд. Ҳолати мазкур нуфузи фармонҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро боло мебарад [**1-М**].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Ҳангоми таҳқиқи фармонҳои сарвари давлати Тоҷикистон таносуби онҳоро бо умуман санадҳои ҳуқуқӣ, аз он ҷумла санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат ба инобат гирифтан лозим аст. Усули мазкури таҳлили илмӣ барои он бояд истифода шавад, ки ҳамаи санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат дар таносуб бо дигар санадҳои ҳуқуқӣ хусусиятҳои худро доранд. Дар доираи усули мазкур нуқтаҳои назари илмии анъанавӣ оид ба таносуби санадҳои меъёрӣ ва санадҳои ҳуқуқӣ бояд таҷдиди назар карда шаванд [**1-М**].

2. Чун қоидаи умумӣ фармонҳои сарвари давлат ба санадҳои қонунгузорӣ бояд мутобиқ бошанд. Ин қоидаи маъмулӣ буда, дар илм пазируфта мешавад. Ҳолати мазкур дар қонунгузорӣ низ инъикоси худро ёфтааст. Айни замон ба доираи санадҳои қонунгузорӣ, ки чун қоида Конститутсия, қонунҳо, кодексҳоро дар бар мегирад, санадҳои ҳуқуқии Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дохил карда намешаванд. Фармонҳои сарвари давлати Тоҷикистон ба ин санадҳо низ бояд мутобиқ бошанд. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод мешавад, ки таносуби фармонҳои сарвари давлат на танҳо бо санадҳои қонунгузорӣ, балки санадҳои ҳуқуқии парламенти Тоҷикистон ба инобат гирифта шавад [**3-М**].

3. Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки на танҳо фармонҳои фардӣ, балки амрҳои сарвари давлати Тоҷикистон низ хусусияти фардӣ дошта метавонанд. Илова бар ин, фармонҳои ғайримеъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ мебошанд. Бо дарназардошти андешаҳои мазкур таклиф пешниҳод мешавад, ки дар ҷараёни таҳлили илмӣ ва такмили ҳуқуқэҷодкунӣ хусусиятҳои аввалиндараҷа, ки таносуби санадҳои ҳуқуқии сарвари давлатро муайян мекунанд. ба инобат гирифта шаванд [**4-М**].

4. Санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат бо дарназардошти доираи салоҳияти ӯ бояд таҳқиқ карда шаванд. Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки маҳз дираи салоҳияти сарвари давлат ба мазмун ва шакли санадҳои ҳуқуқии ӯ таъсир мерасонанд. Ҳангоми таҳили илмии масъалаи мазкур таносуби мафҳумҳои

«салоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ», «салоҳияти қонунгузорӣ», «салоҳияти меъёрэҷодкунӣ» бояд ба инообат гирифта шавад [**1-М**].

5. Дар ҷараёни таҳқиқи илмии санадҳои ҳуқуқӣ, аз он ҷумла фармонҳои сарвари давлати Тоҷикистон ба мафҳум ва мазмуни «салоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ» эътибори ҷиддӣ додан лозим аст. Ҳамаи субъектҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ доираи муайяни салоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ доранд. Субъектҳои ҳуқуқэҷодкунӣ салоҳияти мазкурро якҷоя бо салоҳияти дигари худ амалӣ мекунанд. Аммо салоҳияти сарвари давлат дар таносуб бо мақомоти дигари давлатӣ васеътар аст. Аз ин хотир, таносуби салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлатро бо салоҳияти ташкилӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, кадрӣ ва дигари ӯ ба инобат гирифтан лозим аст. Илова бар ин, ба хусусиятҳо ва афзалияти салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат таваҷҷуҳи махсус бояд зоҳир намуд [**3-М**].

6. Фармонҳои сарвари давлати Тоҷикистон чун қоидаи пазируфташуда нисбат ба санадҳои мақомоти марказӣ, соҳавӣ ва маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ эътибори баландтари ҳуқуқӣ доранд. Аммо дар таҷрибаи қонунгузории Тоҷикистон ба фармонҳои сарвари давлат дар таносуб бо санадҳои мақомоти намояндагии маҳаллӣ (ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, шаҳру ноҳияҳо) эътибори ҳуқуқии баландтар дода мешавад, чунки фармонҳои сарвари давлат дар сархати болотар аз санадҳои мақомоти намояндагии ҳокимияти маҳаллӣ ҷойгир шудаанд. Айни замон сарвари давлат салоҳияти бекор намудани санадҳои мақомоти маҳаллии намояндагиро надорад. Ба салоҳияти сарвари давлат ҳуқуқи бекор намудан ё боздоштани амали санадҳои ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти иҷроия дохил мешавад. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод карда мешавад, ки дар ҷараёни таҳқиқи илмӣ таносуби фармонҳои сарвари давлат ва санадҳои ҳуқуқии мақомоти маҳаллии намояндагӣ ба инобат гирифта шавад. Мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда таклифи мазкурро ба инобат гирифта метавонад. Илова бар ин, ҳангоми таҳлили таносуби фармонҳои сарвари давлат ва санадҳои ҳуқуқии мақомоти маҳаллии намояндагӣ маҳз фармонҳои меъёрии сарвари давлат бояд дар назар дошта шаванд. Фармонҳои фардии сарвари давлат, ки мазмуни меъёрӣ надоранд, ин функсияро иҷро карда

наметавонанд. Бекор намудан ё боздоштани амали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ функсияи санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошад [1-М].

7. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ҷараёни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ қабул мешаванд. Ин нуктаи илмӣ дар илм аз тарафи ҳама пазируфта мешавад. Дар ҷараёни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлати Тоҷикистон низ ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии меъёрӣ дар шакли фармонҳои меъёрӣ бароварда мешаванд. Аммо таҳқиқи диссертатсионӣ нишон медиҳад, ки санадҳои ҳуқуқии сарвари давлати Тоҷикистон дар ҳолатҳои муайян муқарраротн меъёрӣ ва супориҳои ҳатмиро дар мегиранд. На танҳо фармонҳои меъёрӣ, балки дигар санадҳои ҳуқуқии сарвари давлати Тоҷикистон бо тартиби махсус таҳия, қабул, интишор карда мешаванд. Тартиби мазкури расмиётӣ ба ҳамаи санадҳои ҳуқуқии сарвари давлати Тоҷикистон тааллуқ дорад. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод мешавад, ки дар ҷараёни таҳқиқи илмӣ хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат ба инобат гирифта шаванд [2-М].

8. Таклиф пешниҳод мешавад, ки дар ҷараёни таҳқиқи минбаъдаи илмӣ робитаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлати Тоҷикистон бо категорияҳои илмии «фаъолияти қонунгузорӣ», «фаъолияти меъёрэҷодкунӣ», «ҳуқуқэҷодкунии зерқонунӣ», «ташаббуси қонунгузорӣ», «таклифҳои қонунгузориӣ» ба инобат гирифта шавад [3-М].

9. Таклиф пешниҳод мешавад, ки дар м. 70 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри алоҳида оид ба эътибори умумиҳатмӣ доштани муроҷиат, суханронӣ, маслиҳату пешниҳоди Пешвои миллат ифода карда шавад [2-М].

10. Таклиф пешниҳод мешавад, ки салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи қонуни алоҳида танзим карда шавад [4-М].

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ:


[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.

[2]. Конституция Российской Федерации (принята всенародным голосованием 12 декабря 1993 г.) (с учётом поправок, внесённых Законами РФ о поправках к Конституции РФ от 30 декабря 2008 г., №6-ФКЗ, от 30 декабря 2008 г., №7-ФКЗ, от 5 февраля 2014 г., №2-ФКЗ, от 21 июля 2014 г., №11-ФКЗ) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https:www.consultant.ru/consdoc. LAW28399 (дата обращения: 16.03.2024).

[3]. Конституция Российской Федерации (с изменениями на 14 марта 2020 года) // Официальный интернет-портал правовой информации [Электронный ресурс]. – Режим доступа: www.pravo.gov.ru, 04.07.2020, N 0001202007040001 (дата обращения: 16.03.2024).

[4]. Конвенция Содружества Независимых Государств о правах и основных свободах человека. Принят Советом глав государств СНГ 26 мая 1995 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: // cis.minsk.by/paig/11326 (дата обращения: 16.03.2024).

[5]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳури Тоҷикистон. – 2016. – №11. – м. 872.

[6]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 майи соли 2001 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – м. 215; – 2003. – №4. – м. 152; – 2008. – №1. – қ. 1. – м. 1; – 2009. – №12. – м. 813; – 2016. – №7. – м. 602.

[7]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, №721, бо тағйиру иловаҳо бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 15 марти соли 2016, №1283 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2011. – №6. – м. 434; – 2016. – №1283.

[8]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа» (дар таҳрири қонун аз 4 ноябри соли 1995, №208) [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1995. – №23-24. – м. 366; – 1998. – №23-24. – м. 353; – 1999. – №12. – м. 310; – 2000. – №11. – м. 537, 549; – 2003. – №4. – м. 144; – 2004. – №2. – м. 36; – 2005. – №3. – м. 119; – 2005. – №12. – м. 659.

[9]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 22 июни соли 2023, №1977. Матни ҷорӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 майи соли 2017, №1426 қабул шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https: // portal-huquqi.tj/publicadliya/view qonunhoview.php?showdetail=&asosi id=13242 (санаи муроҷиат: 23.07.2024).

[10]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 июли соли 2016, №1326 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2016. – №7. – м. 606.

[11]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2004, №50 «Дар бораи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2004. – №7. – м. 457.

[12]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 18 майи соли 2017, №1414 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. – №5. – қ. 1. – м. 271; – 2019. – №7. – м. 465; – 2021. – №12. – қ. 2. – м. 694; – 2024. – №1-2. – м. 9.

[13]. Закон Республики Беларус от 21 февраля 1995 года «О Президенте Республики Беларусь» [Текст] // Ведамасці Нацыянальнага сходу Рэспублікі Беларусь. – 1997. – №24.

[14]. Модельный закон «О просветительской деятельности». Принят на 12 пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств-участников СНГ. Постановление №20-15 от 7 декабря 2002 г. Информационный бюллетень МА СНГ. – 2003. – Часть 2. – №30 [Электроннный ресурс]. – Режим доступа: https://docs.cntd.ru/ document/901865093 (дата обращения: 3.03.2024).

[15]. Модельный Закон о воспитании детей и молодёжи. Принят Межпарламентской Ассамблеей государств-участников СНГ 14 мая 2009 г. [Электроннный ресурс]. – Режим доступа: https://parlament.am › library › 1,pdh (дата обращения:16.03.2024).

[16]. Модельный образовательный кодекс для государств-участников СНГ (общая часть) (новая редакция). Принят Постановлением Межпарламентской Ассамблеи государств-участников СНГ от 29 ноября 2013 г., №39-6 [Электроннный ресурс]. – Режим доступа: https://base.garant.ru/72826964/ (дата обращения: 22.09.2023).

[17]. Фармони Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи такмили минбаъдаи сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 27 феврали соли 2006, №428 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.prezident.tj/ node/3422 (санаи мурочиат: 16.07.2024).

[18]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба эҳтиёт рухсат додани хизматчиёни ҳарбие, ки муҳлати муқарраргардидаи хизмати ҳарбиро адо намудаанд ва даъвати навбатии шаҳрвандони солҳои таваллуди 1997-2006 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати ҳарбӣ» аз 5 марти соли 2024, №791 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.prezident.tj/node/32914/ (санаи мурочиат; 4.07.2024).

[19]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣэълон намудани солҳои

2019-2021» аз 2-юми январи соли 2019, №1170 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.prezident.tj/node/19137 (санаи муроҷиат: 4.07.2024).
[20]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зиёд намудани андозаи стипендияи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин магистр, аспирант ва докторантҳо» аз 25 феврали соли 2021, №127 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.prezident.tj/ node/25160 (санаи муроҷиат: 16.07.2024).
[21]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зиёд намудани андозаи нафақаҳои гурӯҳҳои алоҳидаи нафақагирон, ки ба онҳо нафақа аз рӯйи маъюбӣ таъин ва пардохт мегардад» аз 28 майи соли 2021, №186 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.prezident.tj/node/25819 (санаи муроҷиат: 16.07.2024).
[22]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зиёд намудани андозаи маоши амалкунандаи вазифавии кормандони раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва муассисаҳои тобеи он» аз 20 сентябри соли 2021, №251 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.prezident.tj/node/26582 (санаи муроҷиат: 16.07.2024).
[23]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷмуи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 24 феврали соли 2000 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.adlia.tj/show doc.fwx?rgn=117599&conttype=3 (санаи муроҷиат: 17.07.2024).
[24]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии таъсири бемории сироятии COVID-19 ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 июни соли 2020, №1544 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.prezident.tj/ node/2839 (санаи муроҷиат: 6.07.2024).
[25]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» [Захираи электронӣ]. –

Манбаи дастрасӣ: https://comwom.tj/decrees-of-the-prezident (санаи мурочиат: 12.02.2020).
[26]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» аз 22 июни соли 2023, №586 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.prezident.tj/node/30900 (санаи муроҷиат: 3.07.2024).
[27]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» аз 9 январи соли 2024, №671 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.prezident.tj/node/32250 (санаи муроҷиат: 4.07.2024).
[28]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии кормандони муассисаю ташкилотҳои соҳаҳои иҷтимоӣ, андозаи нафақа ва стипендия» аз 13 августи соли 2012, №1313 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.prezident.tj/node/3127 (санаи муроҷиат: 16.07.2024).
[29]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» аз 14 августи соли 2013, №1493 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.prezident.tj/node/4874 (санаи муроҷиат: 16.07.2024).
[30]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» аз 6 июни соли 2016, №697 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.prezident.tj/node/12037 (санаи муроҷиат: 16.07.2024).

[31]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» аз 13 январи соли 2022, №312 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.prezident.tj/node/27508 (санаи муроҷиат: 16.07.2024).

[32]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» аз 6 феврали соли 2023, №526 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.prezident.tj/node/30042 (санаи муроҷиат: 16.07.2024).

[33]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 7 ноябри соли 2003, №1175 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://portali huquqi/tj/publicria/view_maqshalist/php?start=26 (санаи муроҷиат: 19.05.2021).

[34]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 апрели соли 2008, №451 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=111330 (санаи муроҷиат: 06.03.2021).

[35]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 ноябри соли 2003, №1174 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://base.spinform.ru/show-_doc.fwx?rgn=111330 (санаи муроҷиат: 06.03.2021).

[36]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти

субъектҳои соҳибкорӣ» аз 16 марти соли 2022, №362 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.prezident.tj/node/27928 (санаи мурочиат: 3.07.2024).
[37]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 марти соли 2014, №181 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.07.2015, №523; аз 26.09.2017, №939; аз 07.09.2019, №1354) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.adlia.tj/ showdoc.fwx?rgn=121604&conttype=3 (санаи мурочиат: 18.07.2024).
[38]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2017, №977 «Дар бораи «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои марумӣ эълон намудани соли 2018» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.prezident.tj/node/16804 (санаи мурочиат: 4.07.2024).
[39]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2011, №976 «Дар бораи тасдиқи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1107-2013» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.prezident.tj/node/1481 (санаи мурочиат: 17.07.2024).
[40]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.adlia.tj/showdoc.fwx?rgn=130944&conttype=4 (санаи мурочиат: 17.07.2024).
[41]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи таъсиси Шурои Президентии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 24 июни соли 1996 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.adlia.tj/showdoc.fwx?rgn=118724&conttype=5 (санаи мурочиат: 17.07.2024).
[42]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи таҷдиди сохтори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 17 январи соли 2014, №116 [Захираи электронӣ]. –

Манбаи дастрасӣ: http//www.adlia.tj/showdoc.fwx?rgn=121148& conttype=5 (санаи муроҷиат: 16.07.2024).
[43]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи таҳкими ҷараёни демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар ҷумҳурӣ» аз 1 декабри соли 1999 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.adlia.tj/showdoc.fwx?rgn=30594&conttype=5 (санаи муроҷиат: 4.07.2024).
[44]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи Рӯзи модар» аз 6 марти соли 2009, №632 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.prezident.tj/node/2855 (санаи муроҷиат: 16.04.2024).
[45]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2020, №1505 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.prezident.tj/node/22649 (санаи муроҷиат: 4.07.2024).
[46]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи зиёд намудани андозаи маоши амалкунандаи вазифавии кормандони раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва муассисаҳои тобеи он» аз 20 сентябри соли 2021, №251 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.prezident.tj/node/26582 (санаи муроҷиат: 17.07.2024).
[47]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилии воситаҳои ахбори омма» аз 7 феврали соли 2009, №622 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.prezident.tj/node/ 2889 (санаи муроҷиат: 6.07.2024).
[48]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, №668 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.prezident.tj/node/32202 (санаи муроҷиат: 16.07.2024).

[49]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 19 феврали соли 2011, №1021 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content/ (санаи муроҷиат: 17.07.2024).
[50]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 23 июни соли 2007, №271 «Дар бораи тасдиқи Барномаиислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.adlia.tj/showdoc.fwx?rgn=31340&conttype=4 (санаи муроҷиат: 17.07.2024).
[51]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 5 январи соли 2015, №327 «Дар бораи тасдиқи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/view sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=475 (санаи муроҷиат: 17.07.2024).
[52]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи зиёд намудани андозаи стипендияи донишҷӯёнимуассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин магистр, аспирант ва докторантҳо» аз 25-уми феврали соли 2021, №127 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://jumhuriyat.tj/uato/2373-farmoni-prezident-umurii-tojikiston.html (санаи муроҷиат: 17.07.2024).
[53]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2019, №1242 «Дар бораи тасдиқи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.adlia.tj/showdoc.fwx?rgn=13454&conttype =5 (санаи муроҷиат: 17.07.2024).
[54]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 майи соли 1997 «Дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани кор бо ҷавонон» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.facebuuk.com/

kumitaijavononvarzish/photos/a.1071934852952166/2585232914955678/?type=3 (санаи муроҷиат: 4.07.2024).

[55]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.adlia.tj /showdoc.fwx?rgn=32009&conttype=2 (санаи муроҷиат: 17.07.2024).

[56]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 16 марти соли 2022, №362 «Дар бораи эълон намудани мараторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http//www.prezident.tj/node/27928 (санаи муроҷиат: 4.07.2024).

[57]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 ноябри соли 2013, №147 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://sadoimardum.tj/prezident/ farmon-o/farmoni-prezidenti-um-urii-to-ikiston-dar-borai-takmili-sohtori-ma-omoti-roiyai-okimieati-davlatii-um-urii-to-ikiston/ (санаи муроҷиат: 16.07.2024).

